Назар Халил

# ҒАЗАЛИЁТ

Душанбе
“Адиб”
2016

ББК 84 Тоҷик 7-5

1
Мо салоҳи корро бо кор пайдо мекунем,
Мо ризои ёрро дар ёр пайдо мекунем.
Гарчи мегӯянд: «Дар дунё гули бехор нест»,
Мо ба бехорӣ гули бехор пайдо мекунем.
Қатрае гӯянд моро гарчи аз баҳри дамон,
Дурру гавҳарро на кам, бисёр пайдо мекунем.
Ҳар дилеро, гар ҳамебинем дар паҳлӯи мост,
Мо зи он дил баҳри худ дилдор пайдо мекунем.
Хонаи зулмот равшан мешавад аз ҷаҳди мо,
Мо шуои барқ аз анҳор пайдо мекунем.
Дар ҳама кунҷу канори ин диёри шеърдӯст
Мо дили аз шеъри тар саршор пайдо мекунем.
Дар ҳамон ҷое, ки то имрӯз як нахле набуд,
Боғҳои хурраму гулзор пайдо мекунем.
Шоирон бар хидмати халқу Ватан омодаанд,
Мо зи ҳар фатҳи Ватан ашъор пайдо мекунем.

**2**
Дар хеш биҷӯ худро, бегона чӣ меҷӯӣ ?
Мешӯ ту даруни худ, беруна чӣ мешӯӣ ?
Ҳар кишта дар ин мазра бояд, ки самаре бидҳад,
Ҳосил ки надорӣ ту, беҳуда чӣ мерӯӣ ?
Мемӯ ту ба мӯи ӯ, меёб ту бӯи ӯ,
Мӯе, ки надорад бӯ, аз баҳри чӣ мемӯӣ ?
Бар ҳар кӣ сухан гӯӣ, алфози ҳақиқат гӯ,
Қатронӣ сафедиро аз баҳри чӣ мегӯӣ ?
Дар сидқу вафо бошад роҳи абадулмаъво,
Ингуна, ки мебошад, аксаш ту чӣ мепӯӣ ?
Бошад сухани Яздон бар зодаи ҳар инсон:
“Мео ту ба сӯи ман, раҳпӯ ба дигар сӯӣ.

**3**

Rалбе, ки дар он сидқу сафо ҳасту вафо аст,
Гӯӣ ки, яке хонаи Хуршеди само аст.
Rалбе, ки дар он ҳиллаю найрангу фиреб аст.
Гӯӣ ки яке хонаи ғадрасту даға аст.
Бо як саду як ном, вале яккаю танҳост,
Ҷуз зоти Худо ҳар чи парастӣ ту, хато аст.
Кафҳо чу ба ҳам васл нагарданд, садо нест,
Лек аз кафи дасти ману ту, дидӣ, садо аст
Ин куҳназамин дар таги ин гунбади нилӯ
Ҳам аз ману ҳам аз тую аз мою шумо аст.
Дар хонаи ин даҳри ду-се рӯзаи одам
Афсӯс, «даро» ҳасту ба анҷом-ш «баро» аст.
Донистa бимон ҳар қадами хеш, Халилӣ,
Дар тори сари кулли башар Бори Худо аст.

4

Моро бикушад охир ин яккаю танҳоӣ,
Баҳри чӣ ба наздам ту, эй якка, намеоӣ ?
Имрӯз басе пирам, дӯзида ба сад тирам,
Гумкардаи атфолӣ, гумкардаи барноӣ.
Бисёр ба хавф астам, муҳтоҷ ба авф астам
Уммед ҳамин бошад, ҷурмам ту бубахшоӣ.
Аз ман талаб ин бошад, зоти ту парастидан,
Як ҷав нахарӣ аз ман ҳам боию дороӣ.
Зӯри ҳамагон бояд бар нафъи башар бошад,
Мегир ту дастамро дар вақти тавоноӣ.
Аз олами бебунёд бар даҳри куҳанбунёд
Дорам сафаре сӯят, бошад ки пазироӣ.
Муҳтоҷ ба таъмир аст, имони ту, эй одам,
Бо савму салоти худ онро ту биёроӣ.
«Кун ину» «макун онро» гӯӣ ту ба ман доим,

Мақбули Халилӣ ҳаст, ҳар он чи ту фармоӣ

**5**

Нафси бад, агар намекунӣ зиндонӣ,
Дар маҳбаси он то ба абад мемонӣ.
Бар тахти баланди одамият бирасӣ,
Тоқат чу шавад барои ту арзонӣ.
Суди ту бувад олиму доно будан,
Хусри ту бувад дар ду ҷаҳон нодонӣ.
Худро ту ба чашми ину он, эй одам,
Ораста макун ба хилқати ҳайвонӣ.
Аз зери замини сахт то авҷи само
Боло зи ҳама бувад фари инсонӣ.
Кам дорӣ ва ё ки беш, шукрона бикун,
Медон ту варо зи додаи яздонӣ
Бар чашми ҳамешабини Яздон, Назаро,
Як зарра набошад, ки бувад пинҳонӣ

**6**

Ҳар касе ҳаст, яқин, тарки харобот кунад,
Шаҳи шатранҷи варо «киш»-и аҷал мот кунад
Ҳамраҳи ман дигаре ҳаст, ки бепарвояст,
Бехудоӣ кунаду ҳиллаю томот кунад.
Баъди оне, ки дигар дасти наҷоташ нарасад,
Санг бар сар бизанад, нолаю ҳайҳот кунад.
Саъйи кас ҳеҷ дар ин қофила беҳуда нарафт,
Сорбон бар ҳамагон туҳфа мукофот кунад.
Он ки ҳар тори вуҷудаш на зи худ ҳасту зи ӯст,
Нест дар хеш, веле вирду муноҷот кунад.
То ҳамон ҷо, ки дигар ҷои дағогӯӣ нест,
Лофзан дар ҳама ҷо шасту муҳобот кунад.
Ман зимоми дили хунгашта ба дастат додам,

То ки ёрии худашро ба ту исбот кунад.

**7**

Дар муҳаббат шуҳра дар баҳру барам,
В-аз майаш саршор бошад соғарам.
Оби дарёро тавонам шӯр кард,
Бо сиришки ҳарду чашмони сарам.
Ман набитвонам дигар дар маҳди худ,
Боз бинюшам «ало»-и модарам.
Итминонам ҳаст бар нерӯи ишқ;
Ишқи модар, ишқи майҳан, дилбарам.
Бар ҳамонҳое, ки ошиқ нестанд,
Менаояд ҳеҷ гоҳе боварам
Дар тилисми ишқ дар бандам ба кулл,
Зинда бош, эй дилбари афсунгарам.
Ишқи поки мо чу як пардозгар,
Мекунад хушбӯ ба мушку анбарам.
Рӯзи явми дин, Халилӣ, чун расад,
Ҳаст он маъбуди якто доварам

**8**

Гиря, бояд ки фақат боиси дилбар бошад,
Ашк чун бодаю ду дида ду соғар бошад.
Сели ашки басарам ранг зи хунам дорад,
Кас надидаст чунин сел, ки аҳмар бошад.
Кист он ёр, ки ҳам рӯзу шабон, дар ҳама ҷо
Ҳубби ӯ дар дилу ёдаш ҳама дар сар бошад?
Он ки имрӯз аз ӯ сели басар ҳаст равон
Расад он рӯз, ки ӯ аз ҳама беҳтар бошад
Зулмат аз равшании бадри само маҳв шавад
Маҳи қалби ҳамагон, кош, мунаввар бошад
Дили беишқ ба ҷуз тӯдаи хокистар нест.

Бояд аз ишқ дар он шӯълаи озар бошад
Магӯ асло, ки: «касе мурд, ба якбора бимурд»
Ҳар киро боз зи нав зиндагӣ бовар башад
Эй Халилӣ, машав аз шеъри ҷигарсӯз ҷудо
То даме килку давоту хату дафтар бошад

**9**
Агар ҷӯе бубинам дар ҷабине,
Ба ӯ гӯям ҳазорон офарине,
Ба қадри ин замин бояд расидан,
Куҷо ёбӣ дигар ин сон замине.
Агар лаъли лабони ёр ёбам,
Намехоҳам зи орӯ ангубине.
Касе дар суди халқи худ набошад,
Надорад ин махав имону дине.
Зи қарзи ҷамъият орӣ наястӣ,
Агарчанде туӣ хилватнишине.
Ба як рӯзи дигар бо амри Яздон
Ба қалбат мерасад тир аз камине.
На имкон аст ҳар касро дар олам,
Шудан пинҳон зи чашми тезбине.
Халилӣ, то қиёмат ёр мебош
Ба он,ки шод месозад ғамине.

**10**
Роҳи субути кулли башар ҷуз сирот нест
Сад дард агар дорӣ, яке ҳам даво-т нест
Ҳон, эй дили беишқ, чаро бемуҳаббатӣ?
Ошиқ бишав, ки фурсати чуну чарот нест
Худро ғуломи молу матои ҷаҳон макун
Некӯ бидон, ки худди ҷаҳонро сабот нест
Дар ҳалқаи сад душмани қаттол, одамо,

Асло нашавӣ кушта, чу рӯзи вафот нест
Rисматкунии моли ҷаҳон кори ҳирси мост
Онҷо, ки нест молу матоъ, тақсимот нест
Шоҳон ҳама бо «киш»-и аҷал мот мешаванд
Як подшоҳе ҳаст, ки асло-ш мот нест
Шеъре, ки надорад маҳу хуршеду ахтарон
Айби вараќу хомаю килку давот нест
Беҷурмию боҷурмии мо сабти нома аст
Не ину он, гӯй, ки ҷои сифот нест
Эй олиҳаи ҳусни ҷаҳон, бар Назар бигӯ:
«Аз баҳри чӣ аз ҳусни ту бар мо закот нест?»

**11**

Бигзарад як сол, ояд боз як соли дигар,
Мешавад қадди алифат боз як доли дигар.
Хоки ҷисматро ба як рӯзе кулолӣ мекунад,
Он ки аз хокащ бисозад кӯза кулоли дигар.
Боли парвозат агар дар роҳи ҳак бишкастааст,
Эзидат бахшад ба ту ин гуна сад боли дигар.
Ончи дар дунёи дигар дастгират мешавад,
Ғайри моли тоатат набвад ягон моли дигар.
Ман зи аъмолат субутатро ҳикоят мекунам,
Метавонӣ, ки набинӣ ҳеҷ як фоли дигар.
Тифли нафсатро агар бо меҳр парво мекунӣ,
Моми нафсат мекунад тавлид атфоли дигар.
Моли ту бошад, агар аз моли сад Rорун фузун,
Ҷуз кафан дигар натонӣ бурд амволи дигар.
Рафту, аъмоле, ки дорӣ, бар касе мақбул нест,
Бас кун ин аъмолу шафқат кун ба аъмоли дигар.
Эй Халилӣ, ин аҷӯзи даҳр моро мот кард,
Ҳар замон бандад ба пояш боз халхоли дигар.

**12**

Ҳар кӣ бар сахтии ин ғамкада тоқат созад
Эзидаш дар ду ҷаҳон ҳифзу ҳимоят созад
То худатро чу бузургон ба бузургӣ набарӣ
Каси дигар натавонад, ки бузургат созад
Он яке умри равон зидди ҳақиқат биравад
Хешро они дигар маҳви ҳақиқат созад
Агарат хулқи накӯ дорию аъмоли накӯ
Хулдсозест, ки ӯ вориди хулдон созад
Ҳар чизе ҳаст, дар он нақши кафи ҷадди ман аст
Хишти девор зи бигзашта ҳикоят созад
Ҳаст дар бархи табибон амали нобашарӣ
Меҳр дорам ба табибе, ки табобат созад
Сӯи шайтон бибарад одамиро бехирадӣ
Назаро, сӯи худо ақл ҳидоят созад

**13**

Ба меҳроби ду абрӯяш тавонам саҷда ар созам
Худамро дар нигоҳи лутфбораш мӯътабар созам
Агар имкони дар он ҷо ибодат карданам набвад
Хурӯши ҷонхароши синасӯзе аз ҷигар созам
Салотам бар шаҳи олам ба танҳоӣ сухангӯист
Зи ҳар рукнаш ба ҷисму ҷони худ некӯсипар созам
Агар мақбули ӯ гардад намози пурниёзи ман
Зи файзи он тавонам дар самои дил қамар созам
Ба қалби худ назар созам, ки бошад, рӯи ӯ бинам
Зи ҳар як номуборакрӯ, Назар, қатъи назар созам

**14**

То кай ба сухан мекунӣ ту синадаронӣ?
Бар ман ту бигӯ: Аҳли кадом қавму забонӣ?
Яздон – т ба ту дод забон, то ки бигӯӣ

Доим сухани аҳлияту амну амонӣ.
Бе парда сухангӯӣ ба ҷони ту қарин аст
Ё гандагапи бешарафи куллӣ ҷаҳонӣ?
Бо ин даҳани бедару дарвоза, ки дорӣ,
Бар гӯши ҳама аҳли самоъ бори гаронӣ.
Ин гуна агар бошӣ ту то лаҳзаи вопас,
Бо номи накӯ нею, ба бадномӣ бимонӣ.
То ҳастӣ, Халилӣ, ба ҷаҳон хушсуханӣ кун,
То он ки бигӯянд: «ба кулл қандлисонӣ!»

**15**
Моро ҷафои бахти сиё (ҳ) мекунад фано,
Моро ғанои ғадру даға мекунад гадо.
Моро адӯи офияти мо кунад касал,
Моро табиби ҳозиқи мо мекунад даво.
Моро аҷӯзи ҳусннагун мекашад ба шом,
Моро арӯси моҳлиқо мекунад сабо.
Моро сипоҳи бахти сияҳ мекашад ба банд,
Моро фурӯғи нуру зиё мекунад раҳо.
Моро ба сӯи хок кашад бахти вожгун,
Моро ба сӯи хеш кашад ахтари само.

**16**
Бӯи ҷонро дили саддоғ чу ман медонад,
Нолааш булбули бебоғу чаман медонад.
Лашкари дард кунад ҳамла ба сарманзили дил,
Дард дар ҳар чизи пайваста «бикан» медонад
Булбулон тарки гулистону чаман чун бикунанд,
Ҳоли вайронии ҳар боғ заған медонад.
Нест як дил, ки дар он майлу таманно набувад,
Орзуи дили мо атри кафан медонад.
Rимати лаъли лабони тари сероби туро

Ёри болоназаро, оби зақан медонад.
Дар Халилӣ набувад кинаю бадхоҳӣ ба кас,
Вусъати қалби варо дашту даман медонад

**17**

Эй кош ,дилро аз ғами дунё раҳо кунам
Даймошаби дайҷӯр ба тоат сабо кунам
Дидам ба хоб дӯш, ки он ғамгусор гуфт:
«Масрӯр бош банда, ки дардат даво кунам»
Эй фаҳмбахши аҳли башар, фаҳмишам бидеҳ
Мӯро зи мӯ то он ки тавонам ҷудо кунам
Бо номи нек будану бо он фано шудан
Ман аз даҳои хеш ҳамин муддао кунам
Ҳар рӯз кунамончи ки мақбули ёри мост
Як рӯз мабодам, ки дар он як хато кунам
Rонеъ ба мол ҳастаму аз ҳарки бемалол
Дар тақсимоти мол на «мою» «шумо» кунам
Шукрона кунам, з-он ки расидам ба рӯзи нав
Он рӯз умри хеш зи нав ибтидо кунам
Дар кору бори хеш, Халилӣ, мудом ман
Зикри худою зикри ҳабиби худо кунам

**18**

Холӣ мабош, эй дил, аз ишқи ёри ҷонӣ,
Дигар макун шикоят, эй лаб, зи даҳри фонӣ.
Бишнос одамонро, эй он ки ёр хоҳӣ,
Бо ҷониҳо бипайванд, бигрез аз забонӣ.
Чун одамони дунё дорад забони гӯё,
Саҳл аст зиндагонӣ, чун лафзи он бидонӣ.
Нозири кулли олам моро накӯ бубинад,
Коре наметавон кард аз чашми ӯ ниҳонӣ.
Дунёст бекарона, бевақту безамона,

Хоси Худои мо ҳаст алфози ломаконӣ.
Умрат на баҳри хоб аст, хоби фузун маоб аст,
Беҳуда зинда ҳастӣ, инро агар надонӣ.
Бояд накӯ бидонад ҳар кӣ чӣ карданашро,
Ё Раб нигаҳ бидорам аз ҳоли саргаронӣ
Дар пеши ҳусни хубат, эй дилбари Халилӣ,
Афтода дар хиҷолат, килку давоту Монӣ.

**19**
То он ки ба он олами боқӣ сафар кунем
Бояд ки зи ҳар як амали бад ҳазар кунем
Тақсири моро ҳеҷ набахшад худои мо
Ин тақсироти карда чу бори дигар кунем
Оне, ки хабар нест варо з-ин муомилот
Моро худой амр кунад, ки хабар кунем
Дурри гарони синаи мо итминони мост
Аз итминон бар тани имон сипар кунем
Дунё зи баъди мо бишавад они насли мо
Моем музаҳҳаф зи писарҳо падар кунем
Дар ҳар амали одамӣ бояд самар бувад
Сад ҳайф ба мо, чун амали бесамар кунем

**20**
Бар дӯш ягон лаҳзаи беборӣ надорем,
Ҳам изни зи бекорӣ ба сархорӣ надорем.
Худхоҳӣ агар ғолиби мо ҳаст ба зоте,
Даркор наястем ва ҳам ёрӣ надорем.
Ҷуз он ки мададгори ҳама оламиён аст,
Аз ҳеҷ касе чашми мададгорӣ надорем.
Ҷабру ситами даҳри ситамкора кифоят,
Мо ҷабркашонем, ситамгорӣ надорем.
Яздон ҳамаро баҳри ягон кор биёфард,

Худ хоркашонему ба кас хорӣ надорем.
Он қадр баланд аст ғурӯри шаҷари мо,
Дар пеши касе ғайри Худо зорӣ надорем.
Дорем агар ғуссаю ғам беш, Халилӣ,
Шодем, ки мо хилқати бадкорӣ надорем.

**21**

Дар олам ишқ монад ҷовидона,
Намонад аз дигар чизе нишона
Ба фарқи нуҳ равоқи бурҷи олам
Ҳумои ишқ дорад ошёна.
Ба пеши ҳаҷри ошиқ ҳеҷ бошад
Ҳазорон дарду озори замона.
Магар аз сӯзи ишқи пок бошад
Дар оташ шуълаю сӯзу забона?
Ҳамегӯянд, ҷоно, бемаконӣ
Бароям қалби дигар ҳаст хона.
Нағунҷад ишқи поки мо, Халилӣ,
Дар ину он ҷаҳони бекарона.

**22**

Арӯси табъи худро ҷилва аз хуни ҷигар бахшам
Самои синаамро нур чун шамсу қамар бахшам
Агар ки оташи қалбам кунад қасди насӯхтанҳо
Чу равған бар аловаш аз басар ашки басар бахшам
Чу баъди мавт аз нав зинда мегардам дар он дунё
Ҳамин ҷонам, аё ҷоно, ба ту бори дигар бахшам
Башар дар рӯи дунё мӯрасон пушти ба пушт ояд
Чизе, ки аз падар дорам, ҳамонаш бар писар бахшам
Ҳама дар он ҷаҳон маҳсӯли ин дунё-ш мегирад
Худоям гуфт бар мо: «Ҳар ки бад бошад, сақар бахшам»
Агарчи дар замин астам, саморо хуб мебинам

Ба аҷсоми хаёлотам чу тайрон болу пар бахшам
Худоям медиҳад бар ман ҳазорон шаддаи гавҳар
Ба гавҳарҷӯ дар ин дунё агар якто гуҳар бахшам
Набитвонам, ки худ як ҳарфро бо ҳарф пайвандам
Ба нӯги хома аз он лутфи яздондода фар бахшам
Халилиям, фақат аз ман муҳаббат мекунӣ пайдо
Набитвонам ба ту, эй ҷони ман, хирвори зар бахша

**23**
Муждаи васли туро боди сабо орад агар
Накунам ман ҳаваси васл ба яктои дигар
Агарам дидани рӯи ту насибам бошад
Накунам шиква, агар хушк шавад хуни ҷигар
Эй ғанои ҳама олам, ба гадо раҳм бикун
Бишунав аз мани уфтода фақат оҳи саҳар
Дарди ҳиҷрони ту дар ҷону дилам кам нашавад
Бор асло надиҳад-хушк шавад шохи шаҷар
Лашкари меҳру вафо дар дили худ чира кунам
Хайли бемеҳрии онро бикунам зеру забар
Санг аз нолаи қалбам, бахудо, об шавад
Аз чӣ андар дили сангат накунад ҳеҷ асар?
Ҳамчу ман сад лаки лак ёр ту дорӣ, ай дӯст
Лек з-онҳо набувад ҳеҷ яке ҳамчун Назар

**24**
Сари худро, санамо, дар қадамат андозам
Бикун, эй хонахудо, сӯи худат дар бозам
Дар муҳаббат на чу як тоири камҳавсалаам
Нек медонӣ, ки дар ишқ яке шаҳбозам
Корам ин рӯзу шабон дар ғами ту фарёд аст
Эй ту сомеъи ҳама, гӯш бикун фарёдам
Шукр гӯям, ки набудам ба ҷаҳон, ҳаст шудам

Нак, аз оне, ки туро банда манам, менозам
Тоирон бо ҳама хушболӣ ба ҳар ҷо напаранд
Сӯи ту ҳаст чу он мурғи ҳумо парвозам
Ҳаст дар гӯш маро рӯзу шабон «кун» ва «накун»
Ман ба иҷрои ҳама амри ту мепардозам
Нест як боз, ки ӯ ҳамраҳи зоғе бипарад
Ба ҳамоне, ки чу ман ёр-т бувад, анбозам
Ба Халилӣ бирасон нағмаи ҷонпарвари худ
Эй муғанӣ, ту бикун ҷӯр ба созат созам

**25**
Раҳме накунад шамъ ба мӯми ҷигари мо,
Обаш бикунад мисли сиришки басари мо.
Он ёр бидонад, ки аз ӯ мо на ҷудоем,
Аз рӯзи нахуст аст ба сӯяш сафари мо.
Тарсем аз ӯ бешу ба ҷон дӯст бидорем-ш,
Аз кулли ҳунарҳост ҳамин як ҳунари мо.
Чашми сари мо қобили наззораи ӯ нест,
Дар пеши алав қурб надорад шаҷари мо.
Мо ҳарду ҷаҳонро ба яке ҷав бифурӯшем,
Як бор агар ҷилва кунад дар назари мо.
Хуни дили моро ситами дурӣ аз ӯ хӯрд,
Эй боди сабо, зуд ба ӯ бар хабари мо.
Кошо, ки ба дасти малаки хубнависе
Дар номаи мо сабт бигардад самари мо
Уммеди Халилӣ, баяқин, хулди барин аст,
Аз нори ҷаҳиме, ки бисӯзад-хатари мо!

**26**
Чӣ кунам, хонаи дил хурраму obод наяст,
Тӯтии ҳарфзанам аз қафас озод наяст.
Ман бихоҳам, ки дигар кӯдаки ширхора шавам,

Ҳеҷ касро ду карат лаҳзаи мелод наяст.
Ҳаркӣ бар қуллаи мақсуд ба ҷаҳдаш бирасад,
Дар кафи беҷадалон номаи иршод наяст.
Бод ҳам, гӯӣ,бидонад, ки чиро бод кунад,
Меҳнати неккасон ҳеҷ ки барбод наяст.
Rомати сарви умедам бирасад то ба фалак,
Чун баландии қадаш қомати шамшод наяст.
Дар кучҷое, ки касон кам зи ту ҳастанд ба мол,
Ҷои не камзанию таънаю эрод наяст.
Он кӣ бо тешаи дастат сари мо мешиканӣ,
Дон, ки он тешаи ту тешаи Фарҳод наяст
Дил агар шод бувад, аз паи кор аст, Назар,
Дили бишкаста дигар аз паи эҷод наяст.

**27**
Зиндагӣ, гар безарар мебуд, маъное надошт,
Сар, агар бе дарди сар мебуд, савдое надошт.
Сурхии хоки замин ҳар ҷо зи хуни нофи мост,
Варна инсе дар фарози хок маъвое надошт.
Он ки ӯ бо рағми мардум гомҳо бинҳодааст,
Як сари мӯ дар миёни халқ болое надошт.
Он ки ӯ колофурӯшӣ кард бо нархи гарон,
Токи савғое барад бар ёр, колое надошт.
Он ҷавон, ки сад умеде дар ниҳодаш мурда буд,
Ҷисми барно дошт, аммо қалби барное надошт.
Он ки ӯ бо партави имон аз дунё бирафт,
Дар ҳама умри равонаш қалби хорое надошт.
Иштибоҳе мекунӣ гӯӣ: «Халилӣ ,доимо
Беғаму хушҳол буду ҳеҷ парвое надошт.»

**28**
Васфи ҳату холи ту бувад ҳар сухани ман

Номи ту бувад то ки бувам, дар даҳани ман
Ту аз зақанат себ бидеҳ бар мани шайдо
Ҳам нӯш бикун оби бақо аз зақани ман
Аз меҳру вафои ту ба тан ҷома бидӯзам
Бӯи ту кунад дар ҳама ҷо пераҳани ман
«Ҳуббуватанӣ» ҳаст аҷаб вожаи зебо
Обод нигаҳ дор, худое, ватани ман
Аз хоки диёре, ки ба ҷон дӯст бидорам-ш
Хушбӯй бисозед, азизон, кафани ман
Паймоншиканӣ шеваи ёрони забонист
Паймон машикан, эй бути паймоншикани ман

**29**
Он ки дар кулли башар суду зиён ҳаст аз ӯ
Ҳам замину фалаку кавну макон ҳаст аз ӯ
Кавкаби бахти башар ҳеҷ мунаҷҷим накушод
Ҳам кушоидану ҳам бастани он ҳаст аз ӯ
Манъи пирию ҷавонӣ, ки на дар панҷаи мост
Пирии пиру ҷавонии ҷавон ҳаст аз ӯ
Аз ҳамин се бишавад як маҳали будани мо
Ҳам ҷаҳиму васату боғи ҷинон ҳаст аз ӯ
Ҳар каломе, ки башаррост, аз ӯ ҳаст ҳама
Лаззати чун асали ҳарфи забон ҳаст аз ӯ
Ӯ фарогири ҳама бурҷу фалакҳост ба кулл
Ҳар куҷое, ки буванд оламиён, ҳаст аз ӯ
Гоҳ шодему гаҳе сахт ғаминему ҳазин
Шодию ғуссаи ин давру замон ҳаст аз ӯ
Шукри ин майҳани обод Халилӣ бикунад
Ҳам парешонию ҳам амну амон ҳаст аз ӯ

**30**
Умри мою умри субҳи даргузар бошад яке

Сабри мою тоқати хунинҷигар бошад яке
Дар нигоҳи он, ки мегӯяд: «Замин ин модар аст»
Ҳар ваҷаб хоки замину баҳру бар бошад яке
Мерасад бар самъи мо фарёди аз мо рафтагон
«Мушти хоку махзани хирвори зар бошад яке»
Он ки уро дар ниҳодаш шӯълаи умед нест
Баҳри ӯ дар зиндагӣ зеру забар бошад яке
Баҳри он, ки ҷуз худо бар ҳеҷ кас мӯҳтоҷ нест
Соилу ҳам подшоҳи тоҷвар бошад яке
Он ки ӯро кӯр бошад, эй Халилӣ, чашми дил
Пеши чашмони сараш шому саҳар бошад яке

**31**

Гармии меҳри ту сад гармии озар шиканад
Накҳати зулфи каҷат қимати анбар шиканад
Муждаи васли туро боди сабо орад агар
Хайли маҳҷӯрии моро сафи сафдар шиканад
Эй худо, рӯзу шабон дар ҳавасат маст бувам
Нарасад ҳеҷ ҳамон рӯз, ки соғар шиканам
Ин ҷаҳон то ба абад пой ба ҷо нест чу мо
Рӯзи вопас чу расад, садди Сикандар шиканад
Нохалафҳо агараш нохалафӣ рушд диҳанад
Хавф бошад, ки ба мо раҳмати довар шиканад
Аз шикастан набувад орӣ ягон насли башар
Ҳар қадар умр дароз асту муаммар, шиканад
Эй Халилӣ, машав афсӯрда зи долин қадат
Rади шамшоду қади сарву санавбар шиканад

**32**

Ин ҷаҳон дар хеш дорад ҳам гадою ҳам ғано
Ҳам ба ҳам якҷоя дорад, ҳам зи якдигар ҷудо
Дар биёбон сӯхт қалби неккалбон ҳамчу хас

То ки бинюшанд аз комат алайкатро, худо
Рашк месӯзад диламро з-он ки дар ҳар субҳидам
Бӯса мегирад зи лабҳои тарат боди сабо
То ба назди ту раҳи кулли башар якгуна нест
Ҳаст наздиктар ба ту аз насли одам анбиё
Ҷой дорӣ дар даруни синаи равшандилон
Орӣ аз зулмот бошад олами аҳли зиё
Ин ҷаҳону он ҷаҳон доранд сокинҳои хеш
Менуюшам ҳар замон аз мардуми он ҷо «биё»
Ҳафт дӯзахро бувад дарҳо барои одамон
Бастаю нимроғ дорад, ҳам зи сар то по-ш во
То ки ҳастам зинда дар болои хоки ин замин
Дона мепошам ба мазрои дилам дони вафо
Эй Халилӣ, шиква аз сахтии як рӯзе макун
Нест як рӯзе, ки бадтар аст аз рӯзи ҷазо

33
Моро накунад дур кас аз роҳи бихрадӣ
Равшан бикунад роҳи башар моҳи бихрадӣ
Кори ҷаҳон чун укдаи сарбаста буду ҳаст
Бикшо гиреҳи он ту ба мифтоҳи бихрадӣ
Онро ки майлаш ҷониби дилдор рафтан аст
Аввал биравад зуд ба даргоҳи бихрадӣ
Афтам агар, ки дар ҷаҳи ақлу фаросатам
Шикво накунам ҳеҷ ман аз чоҳи бихрадӣ
Аз соилон то подшаҳон зинапоя ҳаст
Бошад шаҳи шоҳони ҷаҳон шоҳи бихрадӣ
Марди хирад дар мазраи умраш даравгар аст
Ҳаргиз ба бод менаравад коҳи бихрадӣ
Аз тӯли умри хеш, Халилӣ, ҳамин бидон;
Равшан бикунад роҳи ту мисбоҳи бихрадӣ

**34**
Аз машраби ишқат қадаҳе нӯш намудам,
Гӯӣ,ки туро дидаму оғӯш намудам.
Он қадр шудам масту ба ту васл шудам ман,
Худрою ғаму дард фаромӯш намудам.
Гуфтам, ки; Чӣ ҳол аст, ки он бар сарам омад?»
Гуфтӣ, ки: «Манат бехуду мадҳуш намудам.»
Чун дидӣ, ки пӯшида ба пероҳани шармам,
Гуфтӣ, ки «Манат сатру ҳаёпӯш намудам.»
Дар ҳалқаи он зулфи качи ҷимшабеҳат
Печидаму мӯидаму ҳам бӯ-ш намудам.
Гӯянд, ки ту ҳеҷ такаллум нанамоӣ,
Овози туро дар дили худ гӯш намудам.
Вақте, ки сухан оиди имону Ватан буд,
Ман амри ба худ: «Мемуру мафрӯш!» намудам.

**35**
Ба мо бисёрҳо ғам мефиристад
Валекин шодиро кам мефиристад
Ҳамин, ки сури мо анҷом ёбад
Ба ҷояш зуд мотам мефиристад
Замин то ин ки беодам намонад
Зи батни мом одам мефиристад
Ба чашми соилу шоҳони дунё
Ба чашми анбиё нам мефиристад
Чу гирад қомати шамшоди моро
Ҳамоно қомати хам мефиристад
Ба шоҳон дар мамоликҳои дунё
Нишону тахту парчам мефиристад
Ҳар он, ки раҳсипор бар хонаи ӯст
Ба ӯ аз оби Замзам мефиристад
Дар охир аз найи дасти Сирофил

Навои хатми олам мефиристад

**36**
Муртаду осӣ шавам, бошам агар ёри дигар
Ё ки манро бихарад ҷуз ту харидори дигар
Ҳар киро баҳри ягон кор биофард худо
Ҷуз ба ту ёр шудан нест маро кори дигар
Бихалад хори фироқат ба дилам рӯзу шабон
Ҳамчу он хор набошад ба ҷаҳон хори дигар
Дар сарам ёди ту, дар хонаи худ подшаҳам
Нанамоям ҳаваси маснаду дарбори дигар
Тоқати зарраи нури ту наёраст калим
Бартар аз он набувад партави анвори дигар
То ки мавчуд хамин дехаи порвори ман аст
Наравам ҳеҷ ба як деҳаи Порвори дигар

**37**
Сирри дунёро бидонад сирдон
Ғайри ӯ не дигаре аз инсу ҷон
Як гиреҳи ин муамморо касе
Не кушоду не кушояд дар ҷаҳон
Аввалу анҷом дорад зиндагӣ
Ин ҷаҳон дорад фақат як ҷовидон
Дар шигифтам, ки чаро бобои мо
Хурд гандум, кард моро саргарон
Варна мебудем мо дар ҷисми ӯ
Ҳамраҳи ҳурон дар боғи ҷинон
Бар кучоҳо меравӣ-мекун савол
Чун бубинӣ рафтани оби равон
Чун дарахтонем дар ин боғ мо
Медиҳад обу ғизо он боғбон
Ҳар яки моро ба ҷое мебарад

Ё ба хулдон, ё ба чоҳи зери он
Зиндагӣ то он даме, ки зинда аст
Эй Халилӣ, ҳаст чун баҳри дамон

**38**
Ман бар ту, аё ҷоно, дар ҳар ду ҷаҳон зорам
Бисёр ҷафо дидам, хотима кун озорам
Ту махзани ноз астӣ, ман садкаи ҳар нозат
Бо накди дилу ҷонам ҳар ноз-т харидорам
Ту огаҳи рози ман, ман бехабар аз дунё
Бо садта ниёз астам, мебош мададгорам
Меболаму менолам, ҳам бар тую ҳам аз ту
Дар олами пур аз кор ин аст фақат корам
Мӯҳтоҷ макун манро ҷуз худ ба каси дигар
Не бар худу бегона, эй мунису ғамхорам
Андар паси ин дево(р) дунёи дигар дорӣ
Осон гузаронам ту з-ин садду зи деворам
Дарбори ту, эй шоҳам, рашки ҳама шоҳон аст
Аз сад лак лак шоир ман шоири дарборам
Эй он ки намедонӣ ҷою насаби манро
Медон, ки: Халилиям. Аз деҳаи Порворам

**39**
Бешарму беҳаёро насли башар нагӯям,
Хушрӯи бевафоро Шамсу Rамар нагӯям.
Дар дидаи ҳарисон ҳар беш кам намояд,
«Меҷӯ дар он ду дида нури басар»,-нагӯям.
Онро, ки беҳаё аст,бедину бехудо аст,
Авфи гуноҳи ман кун, беҳтар зи хар нагӯям.
Бо гӯши дил нињшӣ, гарчи гаронгӯшӣ,
Сомеъи олам астӣ, асло-т кар нагӯям.
Бо роҳи фанди мардум гардӣ чу шамъи анҷум,

Ин шамъ гаштанатро ман аз ҳунар нагӯям .
Идроку илми одам бошанд шамъи олам,
Бойигарии одам дурру гуҳар нагӯям.
Зоди сафар, Халилӣ, савму салот бошад,
Хирвори молу ҳолат зоди сафар нагӯям

**40**
Дил дар даруни синаи тангам кабоб шуд
Бисёр дуо карду гиристу хароб шуд
Аммо ҳамин, ки арзшунав арзи ман шунид
Гуфтам: «Илаллаҳ, ки дуо мустаҷоб шуд»
Ӯ ҳаст ҳамоне, ки башар ибтидо аз ӯст
Ҳар маҷрае, ки ҳаст, равон аз сароб шуд
«Эй аз манат ҷудо, ту бар назди ман биё»
Бар мардумони даҳр аз ӯ ин хитоб шуд
Чун омадам зи мом, шунидам: « Шитоб кун!»
Ин аст, ки корам ҳама умрам шитоб шуд
Дар номаи аъмоли кафи дасти ман, рақам
Кори савобу в-он гаҳи дигар маоб шуд
Ман ҳар вароқи титу парешони умри хеш
Саҳҳофвор сафҳа бибастам, китоб шуд
Беҷурм касе рафт, худояш «салом» гуфт
Бо ҷурм касе рафт, сазояш итоб шуд

**41**
Гӯшам каломи неку бади одамон шунид
Ҳам аз забони пир ва ҳам аз ҷавон шунид
Фарёди мурғи зираки бедори аршро
Дар рӯи хок мардуми покизаҷон шунид
Шӯру фиғони булбули шайдои боғро
Аввал касе, ки ҳаст, ҳамон боғбон шунид
Бар қадри нон мерасад ҳар кас, ки ҳаст, чун

«Ошиҳалол»-гуфтани ҳар подабон шунид
Бинам, ки нест дар хами ҳар кӯча соиле
Гӯям, ки: Худо зории бечорагон шунид
Имони мою хоки ватан ҳарду тавъаманд
Инро ҳамон, ки ҳаст ба имон, ҳамон шунид
Дар гӯри тор бош, Назар, нобакас мабош
Ноодамии нобакасонро ҷаҳон шунид

**42**
Эй насли пир, вақти набудан ба мо расид,
Дунё ба насли хеш супурдан ба мо расид.
Вақте расид, нест дигар иқтидори мо.
Як арзане зи мол набурдан ба мо расид.
Мо дар ғами ин куҳнаҷаҳон пир гаштаем,
Дигар ғами он ҳеҷ нахӯрдан ба мо расид.
Мансӯх Кирдгор накард ин мамоти мо,
То растахез даври ғунудан ба мо расид.
Дар марзи хеш кишт намудем донае,
Онро замони боз дурудан ба мо расид.
Вақте расид, нест дигар як садои мо,
Вақти дуои хайр шунидан ба мо расид.
Умре, Халилӣ, мушки хито бӯй кардаем,
Вақти абири хок шамидан ба мо расид.

**43**
Аҷаб сахтаст ҳоли он, ки ёраш нест ёри ӯ
Ба ёраш зор мебошад, вале ёраш на зори ӯ
Ҳамехохад, ки худро дар ду зулфи ёр овезад
Вале зулфони чанги ӯ намегарданд дорӣ ӯ
Барои он, ки ёри ӯ шавад дар асл ёри ӯ
Бибояд, ки кашад дар дил тамоми умр бори ӯ
Агар, ки ёри ӯ бар ӯ сари ёрӣ намехоҳад

Бисӯзад оқибат дар қурдуми ҷонсӯзи нори ӯ
Магар он ёри ӯ ошиқ ба ёрони дигар бошад?
Намедонад ҳаминро ӯ, муаммо ҳаст ёри ӯ
Агар он ёри ӯ раҳме ба ҳоли ӯ нананмояд
Маҷӯ дар ӯ дигар оромию сабру қарори ӯ
Агар ёраш шавад бар ӯ, Халилӣ, оқибат ёраш
Расад рузе, ки гардад чои ӯ андар канори ӯ

**44**
Ҳайфи умре, ки зи мо рафту намеояд боз
Ҳ айфи нодон, ки надонисту намедонад боз
Ҳамаро кашф кунад одамӣ бо ҳарфи китоб
Ҳайфи оне, ки нахониду намехонад боз
Ҷуфту коридану бидрудани мо аз бобост
Ҳайфи оне, ки нарониду намеронад боз
Абр аз боиси он ҳаст, ки борад борон
Ҳайфи абре, ки набориду наметборад боз
Донпошӣ ғами ояндаи худ хӯрдан аст
Ҳайфи оне, ки накориду намекорад боз
Дар ғами ёр сазад, ки ҳамагон нола кунем
Ҳайфи оне, ки наноливу наменолад боз

**45**
Ман ёри ҳамон хуҷастарӯям,
Дурӣ зи бараш бувад адӯям.
Ҳарчанд, ки зодаам зи модар,
Сар то ба қадам аз они ӯям.
Ӯро ду каманди мӯй бошад,
Бандида ба он ду банди мӯям.
Дар ҷӯи лабонаш-Оби ҳайвон,
Ман ташнаи оби ноби ҷӯям.
Гарчанд макону кӯ надорад,

Эй кошки ояд ӯ ба кӯям.
Ӯ бӯи гулу гулоб дорад,
Муҳтоҷи ҳамон хуҷастабӯям,
Дар ҷони Назар духӯрагӣ нест,
Эй кош, бифорадаш зи хӯям

**46**

Дар тахтаи шатранҷи пур аз ҳарби рӯзгор
Эй кош, насибам бишавад ҳарби бобарор.
Бо байдақи худ мот тавон карданам шаҳаш,
Ҳам фарзанду ҳам тураю ҳам фили бемиҳор.
Фавҷи варо бар рағми ману мо шумор нест,
Олам надид мисли ҳамин фавҷи бешумор.
Эй бахт, дар ин ҳарби гарон нусратам бидеҳ,
То дар ҳайёти ман бишавад сулҳ пойдор.
Дар рӯзгори ман, ки саропо рақобат аст,
Дорам умеди беш аз он ёри ғамгусор.
Ман нек бидонам, ки дар ин даҳри хонасӯз
Як рӯз нест, ин ки набошад, «бигир»-у «дор».
Ёраш зи кулли мӯи сари ман фузунтар аст,
Моро ҳам, ай нигор, аз он ошиқон шумор.
Медон, Халилӣ пойбаҷо буд Худойро,
Хокистар аст ин, ки надорад дигар шарор.

**47**

Насиҳат ин ки, гомат беибо бар хок нагзорӣ
Вале набвад раво, дар роҳи ҳақ бебок нагзорӣ
Зи хони нилии гардун лаби ноне намеояд
Агар дар ҷустуҷӯи он қадам чолок нагзорӣ
Уқобон дар фазои кӯҳсорон фавт мегарданд
Чӣ инсонӣ, ки по дар қаряву амлок нагзорӣ
Намозатро, ҳамоне, ки барои ӯст, напсандад

Агар дар бехи ҳар дандони худ мисвоқ нагзорӣ
Ҳама бар кардаҳои худ ҷавобе медиҳад охир
Гуноҳатро ба дӯши гунбади афлок нагзорӣ
Агар ғаввос мебошӣ, ба тоқат он гуҳар меҷӯ
Мабодо баъди ғаввосӣ хасу хошок нагзорӣ
Агар аз мастӣ афтӣ дар даруни чоҳи бадбӯе
Тамоми ҷурмататро бар дарахти ток нагзорӣ
Халилӣ, баъди ту бояд бимонад номи поки ту
Надорӣ ҳақ, ки баъди худ ту номи пок нагзорӣ

**48**

То худ ба худат қофиласолор набошӣ
Бероҳа равӣ, дар раҳи он ёр набошӣ
Бехуд бинамо хеш ту аз бодаи нобаш
Дар ӯ нашавӣ, рафту ту, хаммор набошӣ
То дар назари хеш ками кам нанамоӣ
Дар чашми касе афзалу бисёр набошӣ
Шамшодсифат рост бизӣ дар ҳама умрат
Мекӯш, ки пурҳиллаю маккор набошӣ
Танҳо бари худ будани мо будани мо нест
Беҳтар, ки набошӣ, чу ту даркор набошӣ
Ҳар ҷо ки равам, дар бари гул хор бубинам
Охир халадат хор, чу бехор набошӣ
Ҷабри сари мо бод дар ин даҳру дар онаш
Моро агар, эй ёр, харидор набошӣ
Ман соқ нагуям-т, Халилӣ, агарат ту
Дар ёди ҳамон ёр чу бемор набошӣ

**49**

Майҳан, ки ҳаст сурхияш аз хуни нофи ман,
Ҳифзаш кунад ханҷару шамшеру шофи ман.
Ҳар шому субҳ тири дуо мекунам равон,

Бошад, ки яке з-он бирасад бар ҳадафи ман.
Мурғи Ҳумо, ки дар талаби сояаш манам
Пайдо бувад магар ба паси он кӯҳи Rофи ман?
Эй он, ки ба дарё бари дурдона меравӣ
Дурдона биёбӣ зи даруни садфи ман
Эй он, ки туро субҳи сабо тирашаб шуда,
Ҳар ҷо, ки равӣ, ҳарф занӣ бар хилофи ман.
Сомъеи ман , ҳар он чи ки гӯям, қабул дор.
Нанюш ҳеҷ гоҳ ту ба як бор лофи ман.

**50**
Дар кунгураи кохи муҳаббат макони мост
Саршор зи алфози ҳақиқат забони мост
Rофилакаш, ки қофиларо мекашад ба пеш
Дар дасти ҳамон қофиласолор инони мост
Бо дарду сӯзу меҳру вафою муҳаббатат
Худро ба ӯ пайванд бикун. Ин амони мост
У ёри мою мо дили ағёр медарем
Ҳар тир, ки бар ӯ бирасад, аз камони мост
Он даҳр, ки моро ба дигар ёр биспарад
Таҳқиқ намудам, ки худаш ин ҷаҳони мост
Ояндаҳо чун ин дами моро назар кунанд
Аз ҷои дигар нест, ки шарҳу баёни мост
Мурғи дили мо донаи умед мехурад
Оне, ки моро пеш барад, итминони мост

**51**
Он нофа агар аз хами зулфаш ба ман расад
Аз бӯи хушаш қувати нав дар бадан расад
Як одаме, ки ҷабр бихоҳад ба худ, наҳаст
Ҳар неку баде ҳаст, зи давру заман расад
Аҳли калом, гӯи ки дар коми оташанд

Бӯи кабоб аз дили ахли сухан расад
Ҷое, ки ҳаст Каъба, замини муқаддас аст
Овози андалеб зи боғу чаман расад
Оне, ки «Ҳақ» гуфт, ба назди худош рафт
Оне, ки «Нест» гуфт, бари аҳриман расад
Ҳар кас, ки дидам, умри равон сарфи мол кард
Аз моли ҷаҳон бар ҳама якто кафан расад
Оби ҳаёт дар зақани ёри дилкаш аст
Эй кош, ба мо оби наҷот аз зақан расад
Ӯро ба хеш мекашад, дар ҳар куҷо ки ҳаст
Эй кош, ба ҳар мунтаҳа нӯги расан рассад

**52**
Аз гармии вулқони дилам шамси само сӯхт
Аммо дили дил аз алави ишқи худо сӯхт
Дунё ба ману мислиманон раҳм надорад
Ӯ обу ғизо дод ба дорою гадо сӯхт
Дидам, ки яке камбағале бар дигаре гуфт;
«Дидӣ», ки зи мо буд ҳама моли ғано, сӯхт»
Ҳар сӯбҳ ба мо боди сабо бӯ-ш биёрад
Аз накҳати ин бӯи накӯ мушки хито сӯхт
Хунёгари нӯҳ бурҷи фалак ҳастӣ ту, ҷоно
Аз нағмаи ту нағмаи сад савту наво сӯхт
«Як зарбаи оҳангару сад зарбаи сӯзан»
Як вожаи ҳақ хонаи сад макру дағо сӯхт
Дар оташи сӯзандаи он олами сонӣ
Кас гуфта натонад, ки: яке ҷуду сахо сӯхт
Он қадр таҷаллист, Халилӣ, маҳи моро
К-аз нури таҷаллои рухаш субҳу сабо сӯхт

**53**
Чун мурғи саҳархез дилам нола мекунад

Аз дуди дард моҳсифат ҳола мекунад
Нуқлу шароби ноб надорад аёғи ӯ
З-ин рӯ аёғи хеш ба ғам мола мекунад
Гӯйӣ ки қалби мо бари ғам ошиёна аст
Чун тайр ба ҳар марҳала дунбола мекунад
Раҳме накунад ғам ба дили бас низори мо
Он гуна, ки сайёд ба ғаззола мекунад
Дар коми дилам заҳри ҳалоҳил бирезад ӯ
Дар коми хеш бодаи дусола мекунад
Даллола ба пастӣ бибарад нархи қалби мо
Ғам ҳар замон гӯш ба даллола мекунад
Оне, ки чу мо дард надорад, Халилӣ, ӯ
Худро ба ёр не, ба ҷаҳон вола мекунад

**54**

Толиби лаълу гуҳар гашт фузун. Айби кӣ ҳаст?
Нест дар тоифае дурри сухун. Айби кӣ ҳаст?
Илму фан ҷомеаро хурраму ободкунад,
Майл асло накунад сӯи фунун. Айби кӣ ҳаст?
Аҳли ҷомеа сазад ёру бародар бошанд,
Нашавад аз дили мо кин бурун, айби кӣ ҳаст?
Буд дар даври рукуд аз ҳакамон дӯғу даранг,
Нест он даври рукуд, гӯй, кунун айби кӣ ҳаст?
Ағлаби ҳамватанон дур зи майҳан рафтанд,
Ҳама аз хонаю оила бурун, Айби кӣ ҳаст?
Ба падар гӯш насозад писару духтари ӯ,
Наврасон яксара гаштанд ҷунун. Айби кӣ ҳаст?
Мо бурунпарвариро касб намудем. Дареғ!
Шамъи маънӣ нашавад ҳеҷ дарун. Айби кӣ ҳаст?
Эй Халилӣ, ҳама ин айб, ки гуфтем, агар
Нашавад оҷизу абгору нагун. Айби кӣ ҳаст?!

**55**

Нишони хуни ман дар ҳарду лабҳои ту мебошад
Даруни ин дили хунбори ман ҷои ту мебошад
Сарамро дар қудумат, эй дилоро, фарш бинмоям
Ҳамин хоки ҷабини ман аз он пои ту мебошад
Дамодам гиря созам дар фироқи оби лабҳоят
Сиришки чашми ман аз оби дарёи ту мебошад
Ба ҳар вақте ки дар васфи ҷамолат шеър бинвисам
Агар ки маъние ёбам, зи маънои ту мебошад
Дар олам ҳеҷ болое набошад аз ту болотар
Ҳама олам ҳасуди қадди болои ту мебошад
Ягон чашме, ки дунёро ба як дидан бубинад, нест
Фақат он чашми пур аз нуру бинои ту мебошад
На ҳар кас мерасад бар ту, ки бар сӯят сафар дорад
Ҳамон кас мерасад бар ту, ки дар ройи ту мебошад
Фақирӣ мекушад ҳар рӯз садҳоро ба бераҳмӣ
Халилӣ, фахр дорад, з-он ки дорои ту мебошад

**56**

Эй ёр, биё бо дили пур аз шарарам кун
Бар рағми адӯвони худо дар забарам кун
Ҳар рӯзу ба ҳар соату ҳар лаҳза, худоё
Аз оҳи дили камбағалон бохабарам кун
Аз даври қадим миллати ман тоҷбасар буд
То ҳастаму то ҳаст Ватан, тоҷварам кун
То он ки Ватанро бикунам ҳифз чу модар
Шамшери дифосозии он дар камарам кун
То ҳарчи бубинам, ба ман он бад нанамояд
Бадбинӣ зи ман дур бикун хушназарам кун
То зинда бувам, майлу таманнои ту дорам
Он чеҳраи зебот, биё дар назарам кун
Бечоракасон аз ғаму аз дард ба доданд

То самъ кунам доди касон, додгарам кун
Аз ҳарчи дароз аст, Халилӣ, шаби ялдо
Ялдошаби зулмот, худоё,саҳарам кун

**57**
Ҳар чи мо дорем, он аз сулҳу ваҳдат ёфтем,
Эҳтирому ҳам пазироию ҳурмат ёфтем.
Буд давлат, лек истиқлолу озодӣ набуд,
Ҳам нишону парчаму қонуни давлат ёфтем.
Нури истиқлол қалби зулматистонро дарид,
Ҳам шаҳи бар рағми сахтиҳо батоқат ёфтем.
Буд марги мо замоне бухсу бадбинии мо,
Мо раҳи нобудии бухсу хусумат ёфтем.
Ҳар куҷо, ки ҳаст одам, ӯ ба кораш зинда аст,
Мо ҳуқуқи кору меҳнат, истироҳат ёфтем.
Нест осон аз ҳазорон дил диле дарёфтан,
Мо калиди даркушои қалби миллат ёфтем.
Тоҷикистон майҳани бемилсу беҳамтои мост,
Эҳтиромашро ба худ мо аз садоқат ёфтем.
Гарчи моро дидаи дидан надоранд ину он,
Аз ҳама некон, Халилӣ, мо ҳимоят ёфтем.

**58**
Мо зи хокем, аз ин рӯ рухи бегард наҳаст
Бо ҳама ҷурму гунаҳ ёр ба мо сард наҳаст
Он ки ӯ айби худаш бар дигарон бор кунад
Метавонам, ки бигӯям; «Бахудо, мард наҳаст»
Гарчи ҳар гоҳу гаҳе одамиён механданд
Лек дар кулли дилон як дили бедард наҳаст
Ба таги чарху ба болои замини таги по
Нест як ҷабҳа, ки аз тарси аҷал зард наҳаст
Ҳама бинвиштаи авлоди башар хонам агар

«Илтифоте малакулмавт ба мо кард»,-наҳаст
Офаридгори ҳама қавну макон ҳаст худо
Як гиёҳи дигаре, к-ӯш наофард, наҳаст

**59**
Эй кош, ҳама халқи ҷаҳон шодмон будӣ,
Шодӣ аёну дарду ғамон ноаён будӣ.
Дарёдилон зи бухсу ҳасад дар канораанд,
Эй кош, ҷумла пайрави дарёдилон будӣ.
Эй кош, кулли кунҷу канори дарёи мо
Андар нигоҳи раҳмати шоҳи ҷаҳон будӣ.
Мо ҳар яке ба майҳани худ нахли борвар,
Ҳар як ба дигар чу яке боғбон будӣ.
Нобоварӣ душмани қаттоли кас бувад,
Ҳар як диле, ки ҳаст, пур аз итминон будӣ.
Бошад Ватан, тахти Сулаймон ҳеҷ нест,
Баҳри ҳамагон, кош, Ватан ошён будӣ.
Бояд ба ҷои ҳарфу суханҳои нораво
Номи Худой рӯзу шабон дар забон будӣ.
Беёрӣ, эй Халилӣ, баробар ба мурдан аст,
Эй кош, ёрам то ба абад ломакон будӣ.

**60**
Фарёди мо бар гӯши дили кар намерасад,
Бар доди нотавон тавонгар намерасад.
Оне, ки ӯро дилбари танноз тарк кард,
Худ мерасад бар маргу ба дилбар намерасад.
Майро Худои мо бари ушшоқ офарид,
В-арна зи ток ҳеҷ ба соғар намерасад.
Дунё ба кулл кунфаякун мешавад, яқин
Хуршед гар зи ҷониби Ховар намерасад.
Хасрӯба ноз кард: нигини замин манам,

То ин, ки ӯ ба ҳалқаи озар намерасад.
Кулли улуми даҳр Назарро агар будӣ,
Бар гарди хоки пои паямбар намерасад.

**61**

Ин ҷаҳони пир дар пирӣ дигар ёрам наяст,
Нек донистам, ки дигар ҳеҷ даркорам наяст.
Дар замони тифлиям як зарра тақсирам набуд,
Ҳолиё бинам, ки аз он ҳеҷ осорам наяст.
Ҳар чизе, ки буд, чун хобу хаёле беш нест,
Не қади сарви сиҳӣ, не моҳи рухсорам наяст.
Маст будам дар ҷавонӣ булбулосо дар баҳор,
Ҳолиё не мастию не чашми хаммoрам наяст.
Пир мегаштаст чун одам таманнои дилаш,
Дарк кардам ин, чу дидам умри бисёрам наяст.
Гарчи ман безор гаштам аз ҷафои рӯзгор,
Ҳаст умедам, ки он дилдор безорам наяст.
Ҳаст он сӯфии кӯфӣ роҳбару имоми ман,
Шубҳаи чун мӯй дар гуфтору пиндорам наяст
Эй Халилӣ, шеъри ту бӯи муҳаббат мекунад,
Ҷуз сифоти ёри зебо ҳеҷ ашъорам наяст.

**62**

Аз хаёлоти рухат ҳеҷ наҳастем ҷудо
Кош бинем-т ба якбора, аё бадри само
Дилат оё насаб аз сангу зи оҳан дорад?
Нануюшӣ зи дусад нола яке нолаи мо
Набудӣ дар дили покат ба башар меҳр агар
Мешуд ин даҳр зи бемеҳрӣ ба якбора фано
Набуд ар саҳву хато ҳоҷати озор – т набуд
Бишавад хотират озурда зи ҳар саҳву хато
Дари дилҳои накӯ ҳеҷ гаҳе баста наҳаст

Боз, о дар ҳарами синаи некон бидаро
Дар мақоме, ки фақат ҷои ҳисоб асту китоб
Саҳл кун мушкили ҳар бандаи худ, Борихудо

**63**
Дил агар тира бувад, қимати инсон шиканад,
В-агар он соф бувад, гардани шайтон шиканад.
Кас агар нону намак хӯрду намакдон бишикаст,
Расад он рӯз, ки ӯ ҳамчу намакдон шиканад .
Агарат ҳар чи ҳаром аст, ба дандон бигазӣ,
Беҳтар он аст, ки ду раддаи дандон шиканад.
Нотавонбин бувад кас, мори ҳасад мекушадаш,
Эй Худо, қалби пур аз бухси ҳасудон шиканад.
Чист он-к чун шиканад, манзалаташ афзояд?
Гӯӣ: он аст, ки чун қомати пирон шиканад.
Сари болои кас аз покии виҷдон дарак аст,
Хам шавад он сар агар, покии виҷдон шиканад.
Кош, дар ҳарду ҷаҳон лоиқи раҳмат бошем ,
Сахт ҳолест, агар раҳмати Раҳмон шиканад.

**64**
Сақфи сабзи чархи гардун бар муроди мо нагашт
Он чи меҷӯстем то имрӯз, он пайдо нагашт
Rисмати моро магар момаш зарир офарда буд?
Пир шуд чун мою аммо ҳеҷ , ки бино нагашт
Мо китоби умри худ бо хуни дил бинвиштаем
Хар кадар ки сайъ бинмудем он хоно нагашт
Бар алови қалби мо бовар накард он ёри мо
То ки оби чашми мо чун ҷӯю чун дарё нагашт
Эҳтирому ҳурмати афзун кунед устодро
Ҳеҷ кас аз пеши худ доною мавлоно нагашт
Дар ҷавониҳо ҷавониро набояд хор кард

Ҳеҷ кас дубора тифлу баъд аз он барно нагашт
Гарчи волидон ба фарзандон Сино доданд ном
Як Синои дигаре то ҳолиё Сино нагашт
Он ки ӯ бо шубҳаю шакку гумони хеш мурд
Лоиқи омурздгори эзиди якто нагашт
Бӯи мурдан мекунад хоки вуҷуди ҷисми мо
Сахти он ки бӯи қабраш анбару соро нагашт
Ман ҳазорон қиссаи ишқи дилам гуфтам ба шеър
Сарбасар бошад ғалат , гӯӣ агар: «Иншо нагашт»
Эй Халилӣ, ҷони худро садқаи номаш бикун
То ки мо ҷонаш набахшем, ӯ ба мо Лайло нагашт

**65**
Ҳамди беҳад холиқи раззоқро
Ишқи афзун дод ӯ ӯшшоқро
Моли ӯро ҳеҷ анҷоме наҳаст
Мехӯронад сар ба сар офоқро
Дар фарози хок ёронанд беш
Дар кӯҷо ёбем ёри тоқро?
Дар ҳамину он ҷаҳон хор аст он-к
Аз падар бишнида бошад «оқ»-ро
Эй арӯси даҳр, бар васлат расон
Ошиқони бехуду муштоқро
Шоиро, дар васфи он ёри накӯ
Гавҳарафшонӣ бикун авроқро
Бар муроди хеш оне мерасад
Пок медорад агар ахлоқро

**66**
Обу хоки Тоҷикистон бӯи имон мекунад,
Дину имонаш нумӯ аз Оли Сомон мекунад.
Хоки мо он қадр ҳикматхез мебошад, ки он

Аблаҳону нокасонро низ инсон мекунад.
Ҳар чизе дорад, ҳамонаш дасти истиқлол дод,
Ифтихор аз шоҳи худ – фарзанди Раҳмон мекунад.
Тоҷикон аз ибтидо мардони ҳимматпешаанд,
Сар ба сар кунҷу канори худ чароғон мекунад.
Тоҷикистон дӯст дорад кулли фарзандони худ,
Зодагонаш ҳам ҳамин бар Тоҷикистон мекунад.
Он қадар дарёи шеъри мо пур аз об асту мавҷ,
Ки ҳасад бар он ҳазорон баҳру тӯфон мекунад.
Парчами серангааш дар маснади байтулмилал
Тоҷикистон худ ба дасти худ парафшон мекунад.
Шеъри тоҷикро ягон шеъри дигар ҳампоя нест,
Кӯдаконро то ба пиронаш ғазалхон мекунад.
Аз саҳоби чархи гардун об меборад агар,
Абри ашъори Халилӣ ишқ борон мекунад.

**67**

Касе зи хонаи худаш худаш бадар намекунад
Касе ба сӯи марги худ худаш сафар намекунад
Ғайри хаёли ёри худ дар сари дил чизе наҳаст
Меравад аз даруни ман, маро хабар намекунад
Мехӯрад ӯ ғизо зи ман, мекунад ӯ ҷафо ба ман
Бим надорад аз чизе, зи ман ҳазар намекунад
Ҷабр ба ҷони ман кунад, талхӣ ба коми ман кунад
Талхии коми ман вале ҳеҷ шакар намекунад
Ба сӯи ёр рафтан аст, аз ин раҳаш нагаштан аст
Ба ин тариқа рафтанаш ҳеҷ дигар намекунад
Бӯи лабони он санам баҷост дар лабони дил
Валек дар лабони ман он бӯ асар намекунад
Ба ки барам шикояташ, ба ки гӯям ҳикояташ?
Мекушадам ба зериҳо, маро забар намекунад
Ин дили дар ғами дигар намекунад, ба ман назар

Чаро маро ҳимояте шеъри Назар намекунад?

**68**

Он ки чу санги безабон дарки сухан намекунад,
Дон, ки чу мурғи мурдадил ёди чаман намекунад.
Меҳри ватан агар туро аз таҳи дил сиришта нест,
Чун гаву хар хӯрад ғизо, дарки ватан намекунад.
Дидӣ, ки муслимии кас луқмаи кофарии ӯст,
Кофару бехудо-ш дон, тарси кафан намекунад.
Гар ки наяст бовараш бар ҳараму салоти Ҳақ,
Баъди ҳаром гаштанаш , ғусли бадан намекунад.
Чашм агар намекунад фарқи гулобу оби ҷӯ,
Шома сӯроғи анбару мушки Хутан намекунад.
Беҳ бувад аз шикасти аҳд бишканӣ дасту пои худ,
Фикру хаёли аҳди худ аҳдшикан намекунад.
Аз тани нотавони ман дил ба суроғи ёр рафт,
Ин дили пурмуҳаббатам гӯш ба ман намекунад.
Ғаввос, тарки рӯд кун, чашми маро суҷуд кун,
Ҳеҷ магӯ, ки: Чашми ман дурри Адан намекунад.
Рав ту Халилиро бигӯ: ки: Ёр дар ниҳони туст
Ёри даруни қалбҳо тарки чу ман намекунад.

**69**

Сӯхтанҳои дилам, кош, ки динаш бошад,
Ҳар сиришки басарам, кош, нигинаш бошад
Нақши лабҳои маро аз рухаш, эй об, машӯ,
Мон, ки то даври абад зеби ҷабинаш бошад
Баҳри он по, ки қадам ҷониби ман месипарад,
Кош, чашмони сарам нақши заминаш бошад
Ӯ ғизолест, ки ман баҳри шикораш биравам,
Шоҳидам Шамсу Маҳу чархи баринаш бошад.
Дурру гавҳар, ки ҳама дар садафи ҷони ман аст,

Зеббахшандаи он сарви маҳинаш бошад.
Кош, дар рӯи замину таги нуҳ бурҷи фалак
Ҳамагон, мисли Назар орӣ зи кинаш бошад.

**70**

Кош, ӯ ҷони маро ояду бозорӣ кунад,
Аз бало ҳифз кунад, дуздаду таррорӣ кунад.
Умри якранг надорад ҳадафу мақсади дил,
Баъди ҷабру ситамаш, кош, мададгорӣ кунад.
Rомати яъс зи шамшери сухан мешиканад,
Ба гадо марди ғано, кош, ки ғамхорӣ кунад.
Ҳар киро бори Худо баҳри амал ҳаст намуд,
Маслиҳат он бувад, ки ӯ кор,на сархорӣ кунад.
Он ки имону хирад дораду ахлоқи накӯ,
Ба ҳама хастадилон ёрию дилдорӣ кунад.
Аз балоҳо бираҳад, ҳар ки дар ин куҳнасаро,
Ки агар рост қадам монаду ҳушёрӣ кунад.
Эй, Халилӣ, ба ҳама мардуми дархоб бигӯ:
«Хоб камтар бикунад, ҷӯяду бедорӣ кунад!»

**71**

Нури имони касе дар дилам анвор нашуд
То, ки дар ҷони худам аз худам анҳор нашуд
Нест имони касе нуқтаи паргори дилам
То, ки имони худам нуқтаи паргор нашуд
Нест имон маводе, ки ба пулаш бихарам
Ҳамчу моли дигаре дар рафи бозор нашуд
Он, ки дар қисмати ӯ нест зи Ҳақ авфи гуноҳ
Ӯ пушаймон зи бади хеш ба як бор нашуд
Эй ту бинандаи доимии ман, кӯр шавам
Дар раҳи омаданат чашмам агар чор нашуд
Ёри мо ёри касе ҳаст, ки ӯ ёри вай аст

Ба ҳамоне, ки ба ӯ ёр наҳаст, ёр нашуд
Ту зи ман гавҳари якдона талабгор машав
То, ки дарёи дилам аз ту гуҳарбор нашуд
Дар ҳама умр будам ҳомили бори дили худ
Бори ӯ ғайри манаш бар дигараш бор нашуд
Ҷониби даргаҳи он ёр равонем, чаро
Роҳи мерафтаи мо ҳеҷ, ки ҳамвор нашуд?

**72**
Моро хаёли рӯи базебаш зи сар нарафт
Он гуна, ки сӯзи ҷигарам аз ҷигар нарафт
Дардаш ба байти ҷону дили беқарори ман
Рӯзе ҳазор бор даромад, ба дар нарафт
Моро гурез аз нафси болохора саҳл нест
Он гуна, ки дар хулд зи завқи падар нарафт
Мо лаб зи оби ду лаби ӯ тар намекунем
То ашки шаш қатор зи ҳарду басар нарафт
Пайки миёни мову шаҳи мост вирди мо
Ҷабри сари мо бод, агар ки хабар нарафт
Онро, ки падар дар раҳи яздон-ш рафта буд
Кӯраш бикун, эй борихудо, гар писар нарфт
Дар ёди хеш завқи рухи ёр мекунам
Аз гунбади нилии хаёлам қамар нарафт
Гар ҷониби он маскани кибру ғуруру фаҳш
Олам ҳама гар рафт, гаҳе ҳам Назар нарафт

**73**
Дили мо бохабар аз ҳоли гадо мебошад,
Ҳар куҷо ҳаст гадо, ёри Худо мебошад.
Ӯ худаш дар хами ҳар кӯчаю пасткӯча равон,
Дили он аз қафаси сина ҷудо мебошад.
Дар танаш гарчи битобад ба назар куҳнақабо,

Дар даруни дили ӯ симқабо мебошад.
Дар лабаш ҳаст, ки: «Дар роҳи Худо хайр кунед»,
Ин садо шоҳи ҳама гуна садо мебошад.
Гарчи анбони сари китф надорад боре,
Лек бо қалби пур аз ёр ғано мебошад.
Гарчи дар рӯи замин қадр надорад, аммо
Дар суҷудаш малаку бадри само мебошад.
Меҳри он соили бечора, Назар, дар дили мост,
Ҳар ки гӯяд, ки: «Ба мо нест», – хато мебошад.

**74**

Яке аз нописандонам, писандам кун, ҳабиби ман,
Яке аз дардмандонам, давоям кун, табиби ман.
Сабукборӣ ба ман манмою худ ёрӣ ба ман мекун,
Ба худ пайвастаҷонам кун, мабош асло рақиби ман.
Кӣ ҳастам, нек медонӣ, маро бар худ ҳамехонӣ,
Ва ё аз хеш меронӣ, чӣ бошад дар насиби ман?
Ба роҳи ҳақ равонам кун, қавитар итминонам кун,
Ба худ ороми ҷонам кун, ту мебошӣ нақиби ман.
Гаҳе дар назди ман бошӣ, гаҳе дур аз барам бошӣ,
Ба ҳар ҷое, ки мебошӣ, туӣ, валло, қариби ман.
Зи ҷомат бода менӯшам, худам дар хеш меҷӯшам,
Гаҳе ҳушёру мадҳушам, бигӯ манро: «Ғариби ман».
Ба ту будам, ба ту ҳастам, ба ёди рӯи ту мастам,
Ба фардо бо ту пайвастам, туӣ ёри наҷиби ман.

**75**

Ман ба сӯят, санамо, бо ҳаяҷон меоям,
Номи ту дар даҳонам вирди забон меоям.
Нек донам, ки туро нолаи шабгир хуш аст,
З-ин сабаб ҳамчун ҷарас нолакунон меоям.
Нест як кас, ки маро баста биёрад бари ту,

Ман ба сӯи ту на бо банду инон меоям.
Хуб донам, ки чиро нею чӣ мехоҳӣ зи ман,
Бе ягон тафсиру бе шарҳу баён меоям.
Ҳар куҷое, ки равам, ҳамраҳи некон биравам,
Ба ту бе ҳамраҳии хайли бадон меоям.
Якмаромист ба сӯи ту ҳаме омаданам,
Ист нокарда чун он оби равон меоям.
Аз ҳама он чи ки дорам, пари коҳе набарам,
Оҳ, пӯшида ба тан куртаи сон меоям!

**76**
Хонаи мо – ҳама аз хишту зи санг аст бино,
Кас надонад, ки туро хона чӣ сон ҳасту куҷо.
Ҳар куҷое, ки ту бошӣ, магасе пар назанад,
Магасонанд ҳама мардуми бешарму ҳаё.
Нест бар аҳли риё шаммае аз шафқати ту,
Нур меборӣ фузун дар басари аҳли зиё.
Гарчи дар мунтаҳаи шом сабо мебошад,
Дар дили одами гандида намеёбӣ сабо.
Ман зи ҷуду карамат суд басе ёфтаам,
Дар сахокорӣ ба тингат нарасад ҳеҷ сахо.
Аз ҳама моли ҷаҳон пераҳани тан дорам,
Дар таги пероҳанам қалби пур аз меҳру вафо.

**77**
Медонӣ, ки меравӣ, намеоӣ боз
Пас баҳри чӣ ҳастӣ дар миҷозат чу гуроз?
Дар чархи самои нилии даҳри дигар
Қурнӣ натавонад, ки парад чун шаҳбоз
Он роҳи сироти мустақим, эй роҳӣ
Бисёр дароз асту, дароз асту дароз
Беҳуда ба ҳарчи бингарӣ, фук махалон

Садрӣ натавонӣ кард, агар ҳамчу Аёз
Садрагнии одамон надорад поён
Ҳар кас ба даруни синааш дорад роз
Аҷмои, Халилӣ, орӣ аз нуқсон нест
Созандагӣ мекунӣ агар, соз бисоз

**78**
Дар сад ҳазор кор ба ҳайрат фитодаем
Ҳам сад ҳазор бор ба ҳайрат фитодаем
Мо ҳеҷ дили кӯчаки худро нашиносем
Аз огаҳии ёр ба ҳайрат фитодаем
Рӯзии мо дар панҷаи дастону пои мост
Аз мардуми бекор ба ҳайрат фитодаем
Пероҳани ҳусни ҳамагон шарми рӯи ӯст
Аз мардуми беор ба ҳайрат фитодаем
Ҳар ҷо, ки гуле ҳаст, ба минқори хор ӯст
Мо аз гули бехор ба ҳайрат фитодаем
Одам куҷою мори ҳам аз дасту по куҷо?
Аз нешу заҳри мор ба ҳайрат фитодаем
Дуне ҳама дар зери қаноти ҳумои мост
Мо аз пару минқор ба ҳайрат фитодаем
Гӯӣ, ки ишқ сар шавад аз андалебу сор
Аз андалебу сор ба ҳайрат фитодаем
Мо бар касе ағёр наҳастем, Халилӣ
Аз ҳастии ағёр ба ҳайрат фитодаем

**79**
Ҳаётамро чу меъморон иморат мекунам умре,
Ҳам онро мисли туҷҷорон тиҷорат мекунам умре.
Агарчи дар фарози хоки зери чарх мегардам,
Ба худ аз он ки: Дорад таг. Ишорат мекунам умре.
Ба ҷон имону динамро ва хоки сарзаминамро,

Ҳимоят кардаам, бозаш ҳимоят мекунам умре.
Вуҷуди мо дар ин олам бари ободии дунёст,
Зи нӯги хомаам аз ҷон ҳимоят мекунам умре.
Зи ҳар як кардаи ноҷо, агар ки карда бошам ман,
Аз ин пас бо ҳама ҳастӣ инобат мекунам умре.
Агарчи хуб медонам: Худо зорӣ ибодат нест,
Вале ӯро зи ҷону дил ибодат мекунам умре.
Тафохур мекунам аз он, ки некон садҳазоронанд,
Ба ӯ аз шарри бадкорон шикоят мекунам умре.
Барои он ки ҷисмам, эй Халилӣ, бевузӯ набвад,
Ба оби поки Парворам таҳорат мекунам умре.

**80**
Кашф кардам хешро, дидам, ки бас хомам ҳанӯз,
Аз худою майҳанам ғарқида дар вомам ҳанӯз.
То кунун фарзи худоямро ба ҷо н-овардаам,
Дар паи пӯшидани он ҷома-эҳромам ҳанӯз.
Оби ҷӯи зиндагӣ дар коми мо талх асту шӯр,
Бе ҳузӯри соқию бе бодаю ҷомам ҳанӯз.
Ман намедонам, ки фардо чист дар рӯзии ман,
Дар лаби порисаи вайронаи бомам ҳанӯз.
Чашм дорам, ки аз он дилбар паёмам мерасад,
Бо умеди ҳудҳуди орандапайғомам ҳанӯз.
Гарчи беш аз се ҳазору сад ғазал бинвиштаам,
Лаънати афзун ба бахтам бод, беномам ҳанӯз.
Метапад қалбам, Халилӣ, дон, ки ҳоло зиндаам ,
Интизори лаҳзаи падрӯду анҷомам ҳанӯз.

**81**
Ишқ варзам ба ту то даври абад пинҳонӣ
Натавонам, ки кунам лек дилам зиндонӣ
Дил чу наздат бирасад хуб қабулаш бинмо

Мон, ки аз файзи ҷамолат бишавад нуронӣ
Ин дили саркаши ман гӯш ба ақлам накунад
Натавонам, ки кунам дар дари ӯ дарбонӣ
Чун биёяд, дари кошона ба рӯяш бикушо
Дафъи меҳмон набувад қоидаи мизбонӣ
Асалу қанду наботу ҳама анвои дигар
Бикун аз суфраи ҷон аз бари ӯ арзонӣ
Аз саҳоби карамат бар сари дил лутф бирез
Абр хубаст ҳамоне, ки бувад боронӣ
Эй Халилӣ, на ҳама одамиён инсонанд
Беҳтарин кори ҷаҳон ҳасту бувад инсонӣ

**82**
Чу ёри ман ягон ёре набошад
Надидам, ки ба ман боре набошад
Ба ман гӯяд, ки гул бошам барояш
Агар бошам, ба ман хоре набошад
Агар ман зор набват бар ҷамолаш
Ба ман ӯ низ ансоре набошад
Ба бозори қиёмат ӯст ҳодӣ
Дигар ҳодию бозоре набошад
Яқин донам, ки ӯ бечуну яктост
Дар ин не шакку пиндоре набошад
Алови қалби мо дуде надорад
Аз он сӯзандатар норе набошад
Накӯ бошад, ки дар дунё набошам
Зи ман ар нақшу осоре набошад

**83**
Он дилбари нуронӣ бар мо чу қарин бошад,
Нури фалаку гардун дар рӯи замин бошад.
Ӯ ҳаст агар бо мо, моем агар бо ӯ,

Моро на ғами дунё, парвои на дин бошад.
Он ҷо, ки дигар ҷои не ҷурму на тақсир аст,
Он ҷои басе зебо Фирдавсӣ барин бошад.
Мо ёр агар дорем, аз ӯ-ш гуҳарборем
Он мушку ҳамон накҳат аз нофаи Чин бошад.
Дар саҳнаи он дунё бошад агарам қасре.
Бигзор дар ин денё кошона хасин бошад.
Як фард дар ин дунё то даври абад набвад,
Будаст бад-ин минвол, ҳам ҳасту чунин бошад.
Оне, ки дар ин дунё як ёри накӯ дорад,
Як лаҳа набояд ӯ маҳҷӯру ҳазин бошад
Эй волаи рӯи ӯ, мадҳе ту агар гӯӣ
Ҳар як сӯхани мадҳат, бояд ки нигин бошад
Мепурсӣ Халилиро: «Он ёр-т чӣ унвон аст?»
Гӯям ба ту унвонаш: « Раббулоламин бошад»

**84**

Як қадам ар гузорӣ ту, эй маҳи ман ба сӯи ман
Хок зи зери пои ту нур шавад ба рӯи ман
Ҷони азизи хешро маҳр кунам ба кобинат
Эй ту аруси бикри ман, зуд биё ба тӯи ман
Об зи дидаи сарам баҳри ту ар кунам равон
Об зи ҷӯи ту расад ҳамон замон ба ҷӯи ман
Мӯи сиёҳат, эй санам, ба чашми дил назар кунам
Ранги сафеди мӯи ман рахт кунад зи мӯи ман
Аз он майи аласти худ чу ҷуди мардумони ҷуд
Рез ту дар пиёлаю аёғу дар сабуи ман
Адӯи дар камини ман маро ба ту адӯ кунад
Маҳв бикун, худои ман, дар ҳама ҷо адӯи ман
Сомеъи ман, Халилиро зи ёди худ бурун макун
Самъ бикун ба самъи худ фиғону ҳою ҳуи ман

**85**

Холӣ макун, эй соқии мо, соғари некон,
Фарсуда макун пераҳани оҳари некон.
Эй мурғи Ҳумо, сояи ту зеби бадон нест,
Афканда бикун сояи худ бар сари некон.
Эй қосиди он яктаи хушсурату зебо.
Пайваста биё рӯзу шабон бар дари некон.
Эй бахти накӯ, дур ту аз нобакасон шав,
Як лаҳза макун дур ту худ аз бари некон.
Эй Шеди ҷаҳонгири фалак, дар ҳама ҳолат
То ҳаст ҷаҳон шӯъла фикан бар сари некон.
Эй холиқи ҳам Ҷаннату ҳам нори Ҷаҳаннам,
Хомӯш макун дар дилашон озари некон.
Эй довари якҷисмаю садномаи олам,
Дар ҳарду ҷаҳон бош ту чун довари некон.
То ҳаст замину фалаку ҳафт самовот,
Бишкаста макун, мири қазо, шаҳпари некон.
Эй ҳодии некон, ба Халилӣ назаре кун,
Ҳам раҳбари мо бош ва ҳам раҳбари некон

**86**

Хоки инсон ба ҷаҳон аз ҳама боло башад
Rиматаш назди худованд муалло бошад
Гарчӣ аз хоки таги пой сиришташ карданд
Дар таги чархи само аз ҳама доно бошад
Гарчи ҳоло ватанаш рӯи замин мебошад
Ватани авали ӯ ишками Ҳавво бошад
Rарздор аст аз оне, ки варо ҳаст намуд
Агараш пир ва ё кӯдаку барно бошад
Раҳи оянидаи ӯ тахту басе ҳамвор аст
Агараш қалб чу оина мусаффо бошад
Ҳамчу истораи тобанада битобад ба назар

Ақлу фаҳму хирадаш, рафту, муҷалло бошад
Ӯ ки дорои шуур аст,чаро айб кунанд?
Ҳамчу тифлон сазадо поку муҷалло бошад
Бетаманноӣ зи бемаърифатӣ об хӯрад
Дили мо, шукри худо, пур зи таманно бошад

**87**
Сӯят агар биёям, сад гуна ноз дорӣ,
Таъхир ар намоям, бар ман ароз дорӣ.
Бисёр меписандӣ ҳар байти содбарсар,
З-ин байтҳои зебо садҳо баёз дорӣ.
Бар сӯи бемаобӣ дар пирию шабобӣ,
Кардӣ маро ҳидоят, ин кор боз дорӣ.
Эй зоти бениёзам, ман сар ба сар ниёзам,
Мардуд мешавам ман, гӯям: «Ниёз дорӣ».
Бандӣ ба рӯи габрон дарҳои қалби худро,
Аммо ба рӯи некон дарҳои боз дорӣ.
Мо дар ғами худу ту ғамбори дарди моӣ,
Ё ки ту ҳам чу моён сӯзу гудоз дорӣ?
Гӯӣ ба мо ту доим: «Ҳушёр бош, банда»,
То бар манат расидан роҳи дароз дорӣ.
Гӯӣ ба ман: «Халилӣ, бисёр хуб бошад,
Тасбеҳу вирду тоат, савму намоз дорӣ!»

**88**
Дар пойгоҳи кӯяш ду дида гар бимолам,
Он шӯхчашми зебо набвад дигар малолам.
Аз бӯстони рӯяш манро агар наронад,
Масруру шоду хандон то ҷовидон бимонам.
Андар фарози умрам хандон будам чу лола,
Дар зериҳои умрам аз зериҳо бинолам.
Вақте ҷавонам буд, будам чу бадри гардун,

Ҳоло, ки пир ҳастам, монандаи ҳилолам.
Ҷабри сарам, ки умре, сомеи нафс будам,
З-ин пас бикун, Худоё, сомеи он Билолам.
Эй мурғи номат Ҳумо, афкан ту соя бар мо
То ки парам ба сӯят, мафкан ту парру болам.
Ҳар чи ки пурсӣ аз ман, аз некиҳои ман пурс,
Аз кори бад, Худоё, асло макун саволам.
Анҷоми умри манро Яздони ман бидонад,
Ман аз куҷо бидонам ин лаҳзаи заволам?
Ҳар шеъри нораворо савдо макун, Халилӣ,
То ҳолиё бихӯрдам ман луқмаи ҳалолам.

**89**

Мо мардумони канда зи бунёд нестем
Ҳам канда зи бунрешаи авлод нестем
Моро худой ҳасту Расулу китоб ҳаст
Мо бехудою дин чу Шаддод нестем
Банде, ки дасту пои ватан баста буд, канд
Дигар чу каҳ дар ҳамҳамаи бод нестем
Мо рафтагори роҳи ба мақсад расиданем
Дар роҳи худ бе тӯшаю бе зод нестем
Бишкофтани синаи кӯҳ касб кардаем
Бошад дурӯғ, гӯӣ, ки: «Фарҳод нестем»
Мо шири соф аз модари тоҷик хӯрдаем
Мо бепадар аз осие мелод нестем
Дар маҷлисе, ки баҳси сухан «Сарбаландӣ» аст
Мо кам зи сарву ар-ару шамшод нестем
Бунёдкорӣ мебарад моро ба сӯи пеш
Бошад гунаҳ, чун дар паи эҷод нестем

**90**

Ҳаёти одамӣ бе муддао як ҷав намеарзад,

Ҳама карру фари дорулфано як ҷав намеарзад.
Ҳамоне, ки ҳама амволи ин дунё аз они ӯст,
Агар ки буду бошад бехудо, як ҷав намеарзад.
Ҳамон, ки шеъри шоирро чу он хиштрез мехонад,
Агарчи ҳаст ӯ булбулсадо, як ҷав намеарзад.
Ҳамон мушке, ки бӯи нофа нею бӯи хун дорад,
Агарчи ҳаст он мушки Хито, як ҷав намеарзад.
Ҳамон ҷуде, ки бар мардум ба миннат рӯзӣ мебахшад,
Агар номаш бувад Ҳотамсахо, як ҷав намеарзад.
Ҳамон ҳусне, ки дар он пардаи шарму ҳиҷобе нест,
Агарчи ҳаст чун бадри само, як ҷав намеарзад.
Ба як гуфтан агар сад бор гӯяд: «Ошиқат ҳастам»,
Агар ки нест дар ҷонаш вафо, як ҷав намеарзад.
Бади бисёр бад ҳам дар миёни омма ҷо дорад,
Агарчи ҳаст дар маҷмӯи мо, як ҷав намеарзад.
Агарчи шеър бошад дар дарозӣ чун шаби ялдо,
Халилӣ, дорад ар саҳву хато, як ҷав намеарзад.

**91**

Ҳар гаҳ, ки кунам ёди рухи дилбари зебо,
Набвад сухане дар даҳанам ғайри таманно.
Он қадр худ аз худ биравам, к-ҳеҷ надонам,
Фарқияти не поину не барзаху боло.
Монандаи Маҷнун биравам ҷониби ҳомун,
Бо нолаю ҳам додзанон дар ғами Лайло.
Аз кулли вуҷудам бидамад бӯи муҳаббат,
Бар ҷои гулу анбару ҳам накҳати соро.
Бо лоба кунам нарм дили гунбади гардун,
Бо нола кунам об дили оҳану хоро.
Он гавҳари якдона зи ман меҳр бихоҳад,
Не тангаю тиллою на лулую на лоло.
Эй кош, Халилӣ, ба висолаш бирасад зуд,

То ҷой шавам дар бари он ёри муалло.

**92**

Дар ҳар кучҷой ҳасту натобад нигори мо
Ӯ ҳаст вале дар ҳама ҷо интизори мо
Аз ҳеҷ мато нест ҳиҷобе ба рӯи ӯ
Ӯро ба мо нодида намояд ғубори мо
Солор ҳаст ӯю ба дасташ миҳори мост
Бигсаста мабод аз кафи дасташ миҳори мо
Сардии зимистони фироқаш зи ҳад гузашт
Кай мешавад ин фасли зимистон баҳори мо?
Гӯӣ, ки ба пас ҳеҷ нигоҳе намекунад
Дар роҳи хеш дилбари чобуксавори мо
Гӯянд, ки сар то ба сараш аз муҳаббат аст
Кай мешавад, ин ки бирасад бар канори мо?
Мо дар хумори рӯи чу моҳаш фитодаем
Эй, кош, Халилӣ, шиканонад хумори мо

**93**

Он, ки ӯ санги ғараз дар раҳи мо андозад,
Дар алав ҷисми варо бори Худо андозад.
Ҳар киро ишқи худодод ба фарёд расад,
Хешро аз назари хеш ҷудо андозад.
Ҳар кӣ дар маҷлиси мо амру найе мегӯяд,
Дар дили аҳли самоъ акси садо андозад.
Будӣ дар қисмати ҳар кӣ шарафи подшаҳӣ,
Сояаш бар сари ӯ боли Ҳумо андозад.
Ба тамошои сафи ҷамъи ҷамоатхонон
Хешро ҷамъи малоик зи само андозад.
Бӯи он мушки хиторо ба ҳама рӯи ҷаҳон
Ҳар саҳар рақскунон боди сабо андозад.
Ҳар касе, ки сабақ аз ҳазрати устод гирифт,

Хешро дар қадами аҳли зиё андозад.
Ҳар кӣ бо сидқ, Халилӣ, сухани тайба бигуфт,
Дар дилаш нурфазо нуру шуъо андозад.

**94**

То қалби мо бар даъвати аҳдо садо накард
Он дилбари танноз худашро ба мо накард
Аз соилони даргаҳаш дилсард шуд магар
Ки илтифот ҳеҷ ба ҳоли гадо накард?
Ҳастии хеш садқаи номаш кунем мо
Ин ҷудди моро ҳеҷ дигар як сахо накард
Ҳар кори замин кард само, боз мекунад
Аммо замин ҳеҷ ки кори само накард
Гулро ҷудо аз хор касе то кунун надид
Ҳам нест ягон фард, ки боре хато накард
Дар ҷисму ҷонам дарду ғамонам барои ӯст
Бисёр накӯ кард, ки дардам даво накард
Ҳар ибтидоро лаҳзаи фарҷом буду ҳаст
Як ибтидое нест, ки он мунтаҳо накард

**95**

Дил пир гашту шавқи ҷавонӣ зи дил нарафт,
Ёри асил аз бари ёри асил нарафт.
То ман ҳазор рафта ба ин роҳ рафта буд,
Ҳамроҳи ягон рафта валекин сабил нарафт
Ман дар кучҷою даври сириштам зи хок ку?
Аз ҷисму ҷонам то ба кунун бӯи гил нарафт
Аз ҷумлаи садҳо лакилак рафтагони мо
Як кас набуд, ки дар басари дил-ш мил нарафт
Об ар шавад олуда ба мурдор, пок нест
Тезӣ ба ҳеҷ ваҷҳ, ки аз занҷабил нарафт
Ҳар кас, Халилӣ, дар раҳи тақдир меравад

Берун аз он нарафт, қалилу ҷалил нарафт

**96**

Фалак дарди маро дар ман ниҳон кард
Магар сахтии ҷонам имтиҳон кард?
Чу бар сахтии дардам тоқатам дид
Ба ин, ки ёри ӯям, итминон кард
Дилам чун шамъ сӯзад дар дарунам
Бурунамро ба зоғон ошиён кард
Маҳи рӯям гирифт аз чархи рӯям
Алифи қоматам долу камон кард
Шикаст ӯ киштии ҷисму танамро
Муҳити ишқро баҳри дамон кард
Ба рӯи сафҳаи холии умрам
Чи хубе, хомаам бо сар равон кард
Диламро дар ду олам як таманност
Умеди кавсару боғи ҷинон кард
Халилӣ, доимо таъмири худ кун
Чаро гӯӣ: «Фалонӣ ину он кард»?

**97**

Тирашабро ман бар сӯзи дил чароғон мекунам,
Мушкилоти хешро бо сӯз осон мекунам.
Дар дилам бошад ҳазорон розу асрору ниёз,
Аксари онро зи мардум сахт пинҳон мекунам.
Ҳар чизе, ки дар сарам ояд, намегӯям ҳамон,
То нагӯям носазо, андеша дарбон мекунам.
Кори ман оташфӯрузӣ ҳасту ҳам боронгарӣ,
Дар дилам оташ, зи чашмон ашк борон мекунам.
Матбахии хуб мебошам. Худо ин касб дод,
Ман диламро бо ҷигар якҷоя бирён мекунам.
Ман зи иксире, ки мерезад зи нӯги хомаам,

Аз ҳамон, ки нест инсон, некинсон мекунам
Ман Халилиро, ба ту, эй дилбари яктои ман,
Чун ғуломи ҳалқабаргӯше гаравгон мекунам.

**98**
Сӯи худ хон, нигоро, мани шайдошударо
Рон аз худ, санамо, синаи харошударо
Ҳаваси рӯ-т намудам, дилам аз даст бирафт
Дар кучо боз биёбам дили бемошударо
Ҳарчи дар роҳи ту ҷустам ва агар ёфтамаш
Накунам гум дигар он чизи пайдошударо
Тани манро бикунӣ пир агар,боке нест
Эй худо, пир макун ҳар дили барношударо
Ҳаваси моли ҷаҳон коҳиши имон буду ҳаст
Он қадар маст макун муфлиси дорошударо
Реш носӯр бувад, ҳеҷ табобат нашавад
Кас надидаст чунин реши мудаввошударо
Ҳар чизе дорӣ, Халилӣ, ҳама инъоми худост
Кас натонад, ки бигирад чизи азмошударо

**99**
Шаммае бӯи хушат ар бар машоми мо расад
Шӯълаи моҳи ҷаҳоноро ба боми мо расад
Ҳар гаҳе дар саҷдагоҳ хоки замин бӯсем мо
Ин ҳамон бошад, ки бар зотат саломи мо расад
Аз саҳоби чархи гардон файз борон мешавад
Ояти қуръони ту гар аз каломи мо расад
Аз майи тайҳурият лабрез мебошад сабӯ
Ҷуръае аз он сабӯ, кошо ба ҷоми мо расад
Эй худо, то он ки мо ҳастему нафси мо ба мост
Ҳар чизе, ки медиҳӣ, тоҳир ба коми мо расад
Эй Халилӣ, аз худои як саду як ном хоҳ

Набвад он рӯзе, ки бадномӣ ба номи мо рассад

**100**

З-он рӯз, ки дар кулбаи мо нақши қадам кард,
Маҳҷӯрию ноҷӯрии моро ба адам кард.
Ношукрӣ зи мо рафту дигар бор наомад,
Шукрона ба мо монд, чу ӯ тарки ситам кард.
Ӯ раҳбари мо ҳаст ва мо дар раҳи ӯем,
Алфози шаҳодат ба ману мо-ш қасам кард.
Оне, ки варо карру фару кибру ҳашам нест,
Сар дар қадами мардуми бекибру ҳашам кард.
Он пайкарасозе, ки зи гил пайкари мо сохт,
Бозаш тани моро ба ҳамин хок баҳам кард .
Таввофи ҳамон хонаи Байтулҳарами ӯ
Ҳар рӯз араб карду ҳабаш карду аҷам кард.
Муҳтоҷ, Халилӣ, ҳама бар раҳмати ӯем,
Шукрона, ки он кард ба хирвор, на кам кард.

**101**

Пурсида кунам худ зи худам: «Чист сазоям?»
Дар назди Худованди ҷаҳон чист баҳоям?
Аз роҳи ҳавас дар чамани ӯст маконам,
Аз роҳи амал ҳеҷ надонам ба куҷоям.
Аз роҳи ҳавас сайр кунам дар ҳама олам,
Аз роҳи амал дар таги ин чархи самоям.
Аз роҳи амал ҷон биканам дар шаби ялдо,
Аз роҳи ҳавас нозири он субҳи сабоям.
Аз роҳи амал луқма ба серӣ накунам ҳаст,
Аз роҳи ҳавас бойтар аз ҷумла ғаноям
Аз роҳи амал дарди сари худ накунам рафъ,
Аз роҳи ҳавас бар саду як дард давоям.
Аз роҳи амал-ман ҳадафи тири шаётин,

Аз роҳи ҳавас дар бари он яктадаҳоям.
Аз роҳи амал-сокини байтулҳазани худ,
Аз роҳи ҳавас вориди дарбори Худоям.
Аз роҳи амал худ биниюшам сухани худ,
Аз роҳи ҳавас дар ҳама гӯш аст садоям.
Аз роҳи амал ҳеҷ надонам ба кадом дар,
Аз роҳи ҳавас аз дари Фирдавс дароям
Аз роҳи амал дастиХалилӣ на дароз аст,
Аз роҳи ҳавас ҳар чӣ муҳайёст бароям.

**102**
Бинюш ба ҷон ҳикмати пиронасаронро,
Меор ба ҷо ҳурмати пиронасаронро.
Бинӣ, ки дигар қоматашон сарви расо нест,
Нодида макун қомати пиронасаронро.
Дар давлати пиронасарон макру даға нест,
Полуда бигӯ давлати пиронасаронро.
Пиронасарон маҳзани сабранду сабӯрӣ,
Чун куҳ бигӯ тоқати пиронасаронро.
Дар хилқаташон дабдабаю дағдағае нест,
Аҳсант бигӯ хилқати пиронасаронро.
Бар ҳимматашон ченаку андозаю ҳад нест,
Бемунтаҳа гӯ ҳиммати пиронасаронро.
Пайваста ба имону ба динанду ба мазҳаб,
Поянда бигӯ ваҳдати пиронасаронро.
Пиронасарон дурри гаронанд, Халилӣ,
Пурсида макун қимати пиронасаронро!

**103**
Ҳар рӯз бибояд, ки паёмат бифиристам,
Ё руқъаи бинвишта ба номат бифиристам.
Ҳар чиз, ки фиристам ба ту, эй пухтагари ман,

Зинҳор ба зинҳор на хомат бифиристам.
Чун моҳ маро будӣ агар нуру зиёе,
Албатта, варо бар дару бомат бифиристам.
Ҳар ҷуръа майи ноб, ки аз ҳаҷр биёбам,
Андар қадаҳи қалб ба ҷомат бифиристам.
Гуфтӣ ту маро: «Ғам махӯр аз зулмати шабхо,
Ман нури сабосозӣ ба шомат бифиристам”.
Густурда бикун дом, аё сайдгари ман,
Нахчири дили хеш ба домат бифиристам.
Rарзам зи ту аз мӯи сарам ҳаст зиёдат,
Як рӯзи дигар нест, ки вомат бифиристам.

**104**

Гуноҳи кардаро такрор нанмо,
Худоро бар худат ағ ёр нанмо.
Ҳама умрат бикаш бори худат худ,
Ба дӯши дигарон он бор нанмо
Куҷо дидӣ, гуле бехор бошад?
Ту бозаш аз дигар пурхор нанмо.
Ҳиҷоб аст одамонро нури имон ,
Ба чашми одамон беор нанмо.
Бикун коре, ки даркор аст кардан
Вагарна он ба сад зинҳор нанмо.
Ба рағми ноҳақӣ умре ҷадал кун,
Ҳақиқатро яке инкор нанмо.
«Сухан гӯӣ, агар садро яке гӯй»,
Валекин як сухан сад бор нанмо.
Мукофоти амал ҳар кас биёбад,
Ту маъвои худатро нор нанмо!

**105**

Дар худам набвам агар, бо ӯстам

Дар тамоми баҳру бар бо ӯстам
Моми дил ар тифли бад зоянда нест
Аз валодат карда сар бо ӯстам
Ӯ самои бекарони бурҷҳост
Ҳаст хуршеду қамар, бо ӯстам
Дидаи бедор дорад қалби мо
З-аввали шаб то саҳар бо ӯстам
В-ар гадоям, ё ғаноям, ё васат
Ё ки ҳастам тоҷвар, бо ӯстам
Чун хурам хуни башар бо ӯ наям
В-ар хӯрам хуни ҷигар, бо ӯстам
В-ар бувам худро Назар, бо ӯ наям
В-ар бувам ӯро Назар, бо ӯстам

**106**
Ман зи хишти ишқи майҳан дил иморат мекунам,
Ҳам ба ҷону ҳам ба тан онро ҳимоят мекунам.
Фатҳкориҳои онро баҳри пасояндагон
Бо забони хомаам нақлу ҳикоят мекунам.
Дар шитоби бетаҳаммул гавҳари мақсуд нест,
Ҳар чи коре мекунам, бо сабру тоқат мекунам.
Сафҳаи бинвиштаю нанвишта дорад умри ман,
Сафҳаи бинвиштааш доим тиловат мекунам.
Аз дабири хатнависи қисматам кардам савол:
«То ба кай бар ту, аё қисмат, итоат мекунам?»
Шеър бинвиштан ба хуни қалб аъмоли ман аст,
Ҳар замон, ки ҷон сипардам, тарки одат мекунам.
Чун расад рӯзе, ки тарки байти ин дунё кунам,
Дар ҳиҷою мисраю байтам иқомат мекунам.

**107**
Моро ба худ чун ёр духули ҳарам кунад

Афсурдагии хотири моро ба кам кунад
Эй кош ,моро, то ки рамақ дар лабони мост
Ҳам эҳтиром созаду ҳам мӯҳтарам кунад
Хушбӯй кунад пайкари моро ба бӯи худ
З-он пеш, ки аз пайкари мо ҷоми Ҷам кунад
Хоки қадамаш дар ду басар тӯтиё кунем
Ӯ қомати моро бари ин кор хам кунад
Гӯӣ ки, ҷояш дар ҳарами ҷисму ҷони мост
Ҳар гаҳ, ки чашми раҳнигари мо-ш нам кунад
Аз ин ҳама «кардан» агараш ними як накард
Бар ҷони мо ӯ бо ҳама сахтӣ ситам кунад
Корат ба рӯи сафҳа, Халилӣ, қаламкашист
Охир қаламат ҷону танатро қалам кунад

**108**
Моро ҷафои бахти сиё(ҳ) мекунад фано
Моро ғанои ғадру даға мекунад гадо
Моро адӯи офияти мо кунад касал
Моро табиби ҳозиқи мо мекунад даво
Моро аҷӯзи ҳусн нагун мекашад ба шом
Моро арӯси моҳсимо мекунад сабо
Моро фурӯғи бахту зиё мекунад ба банд
Моро сипоҳи бахти сияҳ мекунад раҳо
Моро ба сӯи хок кашад бахти вожгун
Моро ба сӯи хеш кашад ахтари само

**109**
Он ки ӯ дар сар хаёли дилбари таррор дошт,
Дар ду чашми сар мудомаш чашмаю анҳор дошт.
Он ки ӯ аз дасти соқӣ ҷоми май нӯшида буд,
Ҳар куҷо, ки менамуд, ӯ дидаи хаммор дошт.
Гардани касро ба рӯзе бишканад беиффатӣ,

Ман фидои он, ки аз саттори олам ор дошт.
Он, ки ӯ худро фидои ёри зебо карда буд,
Аз шумори ғофилон ӯ душмани ғаддор дошт.
Ҳар чӣ бар кас мекунӣ, он кас ҳамонат мекунад,
Ин ҷаҳон аз ибтидояш гардиши паргор дошт.
Зиндагӣ бо дарду бо бедардиҳояш зинда аст,
Дар тамоми давраҳо ҳам солиму бемор дошт.
«Беш menолӣ, Халилӣ,» – гуфтамаш, дарҳол гуфт:
«Ҳар кӣ ошиқ буд чу ман, ӯ нолаҳои зор дошт».

**110**
Эй будакасон, рафтакасон зори дуоянд,
Он рафтакасон аз ману аз мо наҷудоянд.
Буданд ва ё ки набуданд ошиқи Яздон,
Алҳол ҳама дар талаби авфи гуноянд
Имрӯз ҳам ин будакасон дар ҳама дунё
Ҳам ёри вафодор ва ҳам габру дағоянд.
Ин будакасон тарки харобат кунанд ар,
Ё лоиқи авфанд ва ё зеби ҷазоянд.
Ҳар рӯҳ, ки берун зи бадан шуд, ба само рафт,
Он пайкари пӯсида ҳама дар таги поянд.
Чун рафтакасон номаи аъмол бихонанд,
Ларзанд зи даҳшат, агараш ғарқи гуноянд.
Дар қофилаи рафтакасон яксифатӣ нест,
Ҳам шоми сиёҳанд ва ҳам субҳи сафоянд
Ҳар қадр, ки норафтакасон ҳаст, Халилӣ,
Як рӯз аз ин даҳри пур аз дард ҷудоянд.

**111**
Аҳсант ба он кас, ки гуноҳе намекунад
Ҳар он чи сафед аст, сиёҳе намекунад
Ӯ худ ба роҳи рост қадам мениҳад мудом

Як роҳиро бероҳа зи роҳе намекунад
Нони ҳалоли хеш кунад нӯши ҷони худ
Бар моли ғайр ҳеҷ нигоҳе намекунад
Ӯ мерасад бар қадри ҳар оне, ки дорад ӯ
Ёбидахояш бод чу коҳе намекунад
Ҳимматбаланд ҳаст, ту гӯӣ ки, Ҳотам аст
Ҷуди варо дар зиндагӣ шоҳе намекунад
Ношукриҳо аз он, ки чаро ину он-ш нест
Як бор накардааст ва боре намекунад
Rисматнавис қисмати мо мекунад рақам
Марди сабӯр нолаю оҳе намекунад

**112**
Бахт аз зери қудуми хеш болоям накард,
Банд гаштам дар муҳити танг, паҳноям накард.
Ман зи толеи нагун асло наменолам дигар,
Ҳар қадр, ки нола кардам, ҳеҷ парвоям накард.
Бо гузашти рӯзҳо торафт пирам мекунад,
Бораке аммо дар ин фосила барноям накард.
Доимо донистаҳоямро фаромӯш мекунам,
Аз бахилӣ ҳамчу Афлотун доноям накард.
Дар ду поям баст занҷири ҷафои хешро,
Лек халхоле, ки бахшад зеб, дар поям накард.
Дар даруни кулбаи танги худам ҷоям намуд,
Дар ҳарими ёри хушрафтор маъвоям накард.
Дар ҳисоби дарду ғам монанди ман доро наяст,
Дар ҳисоби симу зар як зарра дороям накард.
Айбу тақсири дигарҳоро бубинам мӯ ба мӯ,
Дар нузури тақсироти хеш биноям накард.
Рӯи худро ранг кардам аз сиришк, аз хуни дил,
Бахти хоболуда андар даст ҳиноям накард.

**113**
Дар сари ҳар як қадам доми балост
Он ки ӯро муддао зулфи дутост
Ибтидою интиҳо дорад ҷаҳон
Ҳаст як зоте, ки он беинтиҳост
Буду нобудан бувад хоси башар
Доимо будан фақат хоси худост
Он чи моро дӯст бо ҳам мекунад
Ё ки душман мекунад, дар худди мост
Мо агар бо қалбҳои кар наем
Аз таги ду пои мо доим садост
Орд созад зиндагӣ моро мудом
Гӯӣ, мо гандум бувем, ӯ осиёст
Суд ҷӯстан аз зиёи дигарон
Дар ҳама даврy замон фикри хатост
Гарчи мо аз хок меҷӯем нон
Розиқи мою шумо борихудост

**114**
Кӯҳи андӯҳи фироқи ту ба дӯшам бошад
Савти ҳар ҳарфи китоби ту ба гӯшам бошад
Он чи аз ман биравад бе ману бе ҳастии ман
Бар суроғи ту ба ҳар қофила, ҳушам бошад
Нест оромӣ дигар дар тани афсурдаи ман
Дар алови ғаму ҳиҷрони ту ҷӯшам бошад
Он чи дигар назанад ҷӯшу барӣ ҳаст зи ҳуш
Дар таги хоки сияҳ ҷисми хамӯшам бошад
Ман тиҷорат накунам моли пур аз нуқсу халал
Умри бефоидаам ҳарчифурӯшам бошад
Ҳар чи аз ҳаққи дигарҳо бихӯрам заҳр шавад
Луқмаи тоҳири ман соғари нӯшам бошад

**115**
Айши сӯҳбат бувад аз айши дигар ҳалвотар
Фарзи яздон бувад аз фарзи дигар болотар
Он ки ӯ дар ману мою тую ӯ ёр бидид
Ҳаст ӯ аз ҳама мавлои дигар мавлотар
Дил агар бо сухани нарм мулоим нашавад
Ҳаст он аз ҳама хорои дигар хоротар
Пири хамгаштамиён қалби ҷавон дорад агар
Бошад ӯ аз ҳама барнои дигар барнотар
Он абире, ки аз он зулфи каҷи ёр расад
Ҳаст он аз ҳама сорои дигар соротар
Ҳар, ки дар ҷону дилаш меҳру муҳаббат дорад
Ҳаст ӯ аз ҳама дорои дигар доротар
Ҳеҷ як оби равон ҳамқадами ашк наҳаст
Ҳаст аз рӯди равон ашки басар дарётар

**116**
Ҳар сир, ки андар паси он парда ниҳон аст,
Танҳо ба ҳамоне, ки дарад парда, аён аст.
Сирҷӯӣ чу аз ҳад гузарад, хавфи гуноҳ аст,
Андар сари сирҷӯии мо банду инон аст.
Сире, ки чу ифшо бишавад, валвала хезад,
Гӯӣ, ки на сир аст, ки як баҳри дамон аст.
Дар мардуми бигзашта дигар сир набошад,
Сири ҳамагон зодаи ҳар давру замон аст.
Мо сир биҷӯем, ки худро бираҳонем,
Донистани он суд ва ё ин ки зиён аст.
Сири дили моро ту маҷӯ ҳеч, Халилӣ,
Сири дили моро вараќу хома нишон аст.

**117**
Ҳар чизе дорад ҳамин дунё, аз ӯст

Қатраю ҳам баҳри бас паҳно аз ӯст
Ҷои мо дар байни арз асту само
Аз замин то гунбади мино аз ӯст
Дардро дар ҷисми мо ӯ медиҳад
Ҳам шифоёбии дарди мо аз ӯст
Ҳам сироту барзаху ҳафто ҷаҳим
Ҳам сарои ҷаннатулмаъво аз ӯст
Ҳуру ғилмон, кавсару ҷӯи равон
Ҳам ҳузури сояи тубо аз ӯст
Накҳаташ олам муаттар мекунад
Мушку атру анбару соро аз ӯст
Ҳарчӣ меҷӯӣ, фақат аз ӯ биҷӯ
Ҳарчи пайдо ҳасту нопайдо, аз ӯст

**118**

Ғами он ёр ҳама дар дили мискин дорам
Фахр дорам, ки чунин як дили ғамгин дорам
Мекунам дар ҳақи дилҳои накӯ вирду дуо
Баъди ҳар вирду дуо вожаи «омин» дорам
Чун баҳамбастии дилҳо ба забон арз кунам
Чашм бар сӯи само, ҷониби парвин дорам
Дили қуръони карим сураи «ёсин»-и вай аст
Ҳамчу қуръон дили бо сӯраи ёсин дорам
Мардуми чашми сарам раҳбаладди пои ман аст
Дар ниҳонхонаи дил чашми ҷаҳонбин дорам
Дини исломи Расул фарри замин асту само
Дар дилам ман ба дилам ҳурмату таҳсин дорам
Гуфтам: «Эй дил, ту чигун ин ҳамаро бардорӣ?»
«Кӯҳосо ба ҳама тоқату тамкин дорам»

**119**

Дигар диле ба мисли дили ман кабоб ку?

Чашме дигар чу дидаи чорам пуроб ку?
Ҳолам хароб гашт бари ёри бемаоб,
Ҳоле дигар чун вазъи дили ман хароб ку?
Пурсу суроғи мушки хито мекунад дилам,
Он нофаю он анбару мушку гулоб ку?
Хоки дилам ба оби машаққат хамир шуд,
Он соате, ки ҳеҷ набошад азоб ку?
Гӯянд, обе ҳаст, ки умри абад диҳад,
Хизро, ба ман бигӯй, ки онро сароб ку?
Дорам умед ин, ки равам дар рикоби ёр,
Эй раҳнамун, гӯй ба ман, он рикоб ку?
Ҡуръон китобест, ки илми ҷаҳон дар ӯст,
Таълифгори ин ҳама ҳарфу китоб ку?
Тарки маоб кун ту, Халилӣ, чу фурсат аст,
Як одаме, ки ҳеҷ надорад маоб, ку?

**120**

Дили пурояти ман рози ниҳонӣ дорад,
Ҳар калимоти дилам некмаонӣ дорад.
Чун хиёнат бикунад як нафаре бар дигаре,
Ҳамчунон ҳаст, ки ин олами фонӣ дорад.
Ёри ҷонӣ, ки ба ӯ ҷон сипарӣ, нест фузун,
Ҷонӣ як бошад агар, садта забонӣ дорад.
Халқ шуд одаму муҳтоҷ ба наззора бишуд,
З-ин сабаб то ба абад дилнигаронӣ дорад.
Нест ду фард, ки фарқе набувад дар сурат,
Ҳар кӣ, гӯӣ, ки ба худ Монии сонӣ дорад.
Фасли гулпӯши ҳаёти башарӣ ҳаст баҳор,
Ҳар кӣ дар мунтаҳаи умр хазонӣ дорад.
Назаро, ҳар кӣ дар ин даҳр набуд ғадру ғарам,
Дар ҷаҳони дигараш амну амонӣ дорад.

**121**

Ҳар қадар ки беш бошӣ, худ ба чашми кам бубин,
Ɍомати шамшодро ҳам дар ниҳоят хам бубин.
Мерасад рӯзе, ки дигар хубу раъно нестӣ.
Сурати зебои худ дар нақши Ҷоми Ҷам бубин.
Ҳар чизе, ки ҳаст, дар зикри ҳамон яктост ӯ,
Дар даруни санги хоро ҳам ду чашми нам бубин.
Одамиро пой дар зер асту сар андар фароз,
Дар рубоби зиндагӣ ҳам савти зеру бам бубин.
Чашми некӯбин бояд ҳар киро, то зинда аст.
Дар манори қасри халқу миллатат парчам бубин.
Бо ду чашми сар бубин роҳи қудуми хешро.
Бо басири дил тамоми одаму олам бубин.
Эй, Халилӣ, фарз бошад рафтани Байтулхудо,
Беҳтарин оби ҳамин дунё – ту он Замзам бубин

**122**

Он гуна бикун зиндагӣ, к-аз ном нашармӣ,
Он қадр бишав пухта, ки аз хом нашармӣ.
Шарт аст, ки бошад ҳама бо ғуслу таҳорат,
Он гуна бикун ғусл, к-аз эҳром нашармӣ.
Дар хонаи нопоккасон файз набошад,
Покизагӣ кун, к-аз дару аз бом нашармӣ.
Дар софии ҳар бода рухи ёр ҳамебин,
Пайваста бубин к-аз маю аз ҷом нашармӣ.
Сайёд ба ҳар ҷо зи паи сайди ту бошад,
Чун сайди ҳалолӣ ту, аз он дом нашармӣ.
Аз аввали шаб то дами субҳӣ ба ибодат ,
Не аз шабу не субҳ, на аз шом нашармӣ.
Шармидани ҳолоии ту «дарди ба хайр» аст,
Ҳушёр бишав, то ки ба фарҷом нашармӣ.

**123**
Бар машоми ҷони мо бӯи абират марҳабо
Дар забони зикри мо исми кабират марҳабо
Ҳар касе ёри ту бошад, ёри мо ҳам ҳаст ӯ
Ҷониби мо мақдами ёри асилат марҳабо
Маҳзани сабру сабӯрӣ, сабри моро беш кун
Дар дили бе сабри мо, сабри ҷамилат марҳабо
Мақсади мо дар ду олам дидани рӯи ту ҳаст
Дар ҳарими чашми мо рӯи ҷамилат марҳабо
Сӯи мо оӣ агар, ҷон нақди гомат мекунем
Аз ту азму мақдаму роҳу сабилат марҳабо
Эй ҷалили кулли олам, аз қалилон ёд кун
Мекунӣ аз ғам раҳо ери қалилат. Марҳабо
Ман Халилиям. На, Иброҳими Озар нестам
Раҳм кун бар ман, чу кардӣ бар Халилат. Марҳабо

**124**
Хуб мебинем ӯро, гарчи набвад дар назар
Чунки огоҳем мо аз зоти он имдодгар
Romати сарву санавбарро ситудам то кунун
Romати ҳам ину онро васф нанмоям дигар
Чунки қадди дигаре дар назди он қоматбаланд
Ҳамчунон бошад, ки гарде дар бари шамсу қамар
Мо ғизои хешро аз хок пайдо мекунем
Ҳамчунонки навда ёбад ризқ аз бехи шаҷар
Рӯдакии қарни даҳ дар асри сад ҳам зиндааст
Чунки аз ӯ монд бар аҳли башар бору самар
Мо равон ҳастем бар он ҷо, ки он ҷо ҷои туст
Дур кун аз роҳи мо, борихудо, хавфу хатар

**125**
Моро ҳаваси дидани он маҳрами роз аст,

Аз мӯи сарам беш маро розу ниёз аст.
Ман тавба кунам аз ҳама аъмоли нахубам,
Ҳошо, ки дари тавба ба рӯи ҳама боз аст.
З-он рӯз, ки зоида шудам, ёр ба ӯям,
Пурсида макун, қиссаи мо дуру дароз аст.
Яксон набувад роҳи сафар то ба ниҳоят,
Роҳе ки равонем, нишеб асту фароз аст.
Ҷӯяндаӣ? Дар саҷдаю саҷҷода биҷӯяш,
Гӯянд, ки: Ҳозир ба ҳама панҷ намоз аст.
Дар ҷустани Ҳақ такя ба сидқу ба яқин кун,
Зеро ки дар ин кор на тахмину маҷоз аст.
Эмин бувад аз оташи сӯзандаи уқбо,
Оне, ки дар ин даҳр пур аз сӯзу гудоз аст.

**126**
Эй кош, дигар пурғаму маҳҷур набошем,
Аз вақти хушу болидагӣ дур набошем.
Дар фарқияти хубу бади одаму олам
Бо дидаи во будаю дилкӯр набошем.
Оҳанги дили мардуми озода навозем,
Бо нағмаи баднағмагарон ҷӯр набошем.
Мо накҳати уммед худ аз худ бидамонем,
Дар боғи умеди дигарон мӯр набошем.
Аз мотаму аз ғусса шавем дур, Худоё,
Як лаҳза ҷудо аз тарабу сур набошем.
Равшан бинамоем раҳи хеш ба фардо,
Дар нуру зиё камтар аз он хур набошем.
Бошем сабо, дар шафақаш ёр бубинем,
Як бор вале чун шаби дайҷӯр набошем.
Равшан бинамоем дил аз нури ибодат,
Бо қалби пур аз зулмату бенур набошем.
Обод намоем ба кулл майҳани худро,

Варна чӣ касонем, ки маъмур набошем?
Худ зиндагии худ агараш сахт бисозем
Он пургунаҳонем, ки маъзур набошем.

**127**
Маро як қатрае аз он майи лабҳот бас бошад,
Маро як ишвае аз он қади раънот бас бошад.
Ягон боре будам хандон ваё не, дар хайёлам нест,
Маро як хандаи он наргиси шаҳлот бас бошад.
Чӣ суде аз чунин будан, ки маъное надорад кас,
Маро як заррае аз зарраи маънот бас бошад.
Ҳама хушбӯии дунё нишон аз накҳатат дорад,
Маро як шаммае аз анбару сорот бас бошад.
Агарчи дар дигар дунё Биҳишти ҷовидон дорӣ
Маро бо кулли заҳматҳо ҳамин дунёт бас бошад
Халилӣ раҳсипори даргаҳат бошад, аё ҷоно
Маро як гарди хок аз қасру аз даргот бас бошад

**128**
Дар дидаи ҳақбини ҳақиқат ниқоб нест
Дар ҳусн вале нур маҷӯ гар ҳиҷоб нест
Дар мазҳаби мо кизб гунoҳи кабира аст
Ҳар он, ки даҷо гуфт, зи муслим ҳисоб нест
Яздони мо бар банда ҳазорон хитоб кард
Ӯ банда нест, он ки ба самъаш хитоб нест
Ҳафтоду се аз умри сарам бо шитоб рафт
Як фард надидам, ки чу ман дар шитоб нест
Ҳусни савол аз ҷавҳари маъно бабор кун
«Бар пурсупоси одами аҳмақ ҷавоб нест»
Эй марди нек, умри равон дар савоб куш
Асло макун он кор, ки кори савоб нест
Оне, ки ранҷи даҳри ситамкора дид беш

Дар саҳнаи дунёи дигар дар азоб нест
Ҳар ҷидду ҷаҳду кӯшиши мо инқилоби мост
Дунё хамӯш аст агар, инқилоб нест

**129**
Ҳар киро, к-об аз ҷабинаш мерасад,
Дар сарангушташ нигинаш мерасад.
Ҳар кӣ моро ранҷа медорад, яқин,
Аз Худо бар ӯ ҳаминаш мерасад.
Ҳа касе тире ба қалбе мезанад,
Дар дилаш тир аз каминаш мерасад.
Дӯст дорӣ, дӯстӣ бинӣ мудом,
Ҳар киро кине зи кинаш мерасад.
Ҳар парирӯхсор бар пирӣ расад,
Дар рухи зебош чинаш мерасад.
Ҳар кӣ кори бад кунад дар зиндагӣ,
Рахна бар имону динаш мерасад.
Ҳар кӣ аз хоки замини зери пост,
Боз аз нав бар заминаш мерасад.
Бар Халилӣ гӯ: агар нек аст ӯ,
Равзаи хулди баринаш мерасад.

**130**
Ман посдори рози ҳанӯз нокушодаам
Чун фош шавад роз, ба ҳар роҳу ҷодаам
Чун банд буд, берун зи იродати ман набуд
Тобеъ наҳаст ҳеҷ дигар бар иродаам
Будам ба чашми ҳарки, духулам аён набуд
Дар ҳар куҷой мекунад акнун ифодаам
Розам зи ман дар ғайбати андеша рафтааст
Маъзӯр доредам, ки худ ӯро надодаам
Буд даврае, ки рози ниҳонӣ ба ман набуд

Аз моми хеш бе асари ӯ-ш зодаам
«Кори шуданӣ шуд», – ки дигар ҷои «ҳарф» нест
Ҷуброни варо мекашам аз ҷому бодаам

**131**
Умрам агарчи рафт ба ҷое, ҳавас нарафт
Дар самъ агар нест садое, ҳавас нарафт
Бо дарди бешумор ба бандам ба пириҳо
Дар даст агар нест давое, ҳавас нарафт
Танбӯри дилам (ҳайфи дилам), торканда аст
Дар ӯ агарчи нест навое, ҳавас нарафт
Ҳар луқма нони хеш ба сахтӣ зи худ кунам
Мислам агарчи нест гадое, ҳавас нарафт
То ҳолиё не ҳиммату ҷуду саховате
Ҳарчанд надидам зи ғаное, ҳавас нарафт
Ду пой дорам зери тани нотавони худ
Ҳарчанд нест қуввати пое, ҳавас нарафт
Аз зумраи ҳотамсифатони замони мо
Нонам надод ҳеҷ ғаное, ҳавас нарафт

**132**
Кош ҳар фарди ватан орӣ зи ҷурмат бошад
Кош ҳар даст зи пас дасти баҳиммат бошад
Кош ҳар нобасабӯре, ки аз ин миллати мост
Ҳамчу кӯҳи ватанаш марди батоқат бошад
Кош ҳар зодаи ин мамлакати аҷдодӣ
Ҳамчу бобу падараш пояи давлат бошад
Кош ҳар он, ки бувад уммати пайғамбари мо
Аз саҳар то ба саҳар шуғли ибодат бошад
Кош ҳар арзу ниёзе, ки зи мо ҳаст аз ӯ
Агараш нек бувад, зуд иҷобат бошад
Кори мо бар ҳаққу қонун итоаткорист

Маънии вожаи «ислом» итоат бошад
Беҳтар он аст, ки тақсир насозад нафаре
Кош кори ҳама пайваста инобат бошад
Бикушо дасти таманною тазарро, Назарро
Кош ҷои ҳамагон равзаи ҷаннат бошад

**133**
Чорагаре нест хирад ишқро,
Ԛулфи даре нест хирад ишқро.
«Ишқ, ки шоҳ асту мизоҷаш вазир» ,
Дарди саре нест хирад ишқро.
Ишқ чу кӯрон ба сафар меравад,
Роҳбаре нест хирад ишқро.
Зер, ки бар ақлу хирад нест ишқ,
Ҳам забаре нест хирад ишқро.
Ҳамчу карон ҳаст гаронгӯш ишқ,
Пандгаре нест хирад ишқро.
Ишқ, ки худ, гӯӣ чу шери нар аст,
Шери наре нест хирад ишқро.
Шеъри сабукро бисарояд мудом,
Шеъри таре нест хирад ишқро.
Худ, ки фарогири ҳама олам аст,
Номваре нест хирад ишқро

**134**
Ишқ дар чархи фалак буд, ба моён бирасид
Буд амонат зи худо, бар дили инсон бирасад
Он ки буд хасми худо-тӯъмаи тӯфони бало
Ёр дар киштии Нӯҳ дар бари ҷонон бирасад
Он ки бар саҷдаи Одам бирасид, ёфт раҳо
Тавқи лаъната ба сару гардони шайтон бирасад
Одаму Момаи мо дохили ҷаннат буданд

Ронда гаштанд, чу он дона ба дандон бирасид
Амр карданд ба Одам, ки замин кишт кунад
Он замон кулбаю ҳам донаю борон бирасид
Аз ҳамон рӯз, ки Одам ба замин кор гирифт
Беғамиҳои дилаш пок ба поён бирасид
Ҳобилаш тарки адаб карду бишуд хасми худо
Ҳобилаш ёри адаб буд, ба яздон бирасид
Ишқро он ки касиф кард, Халилӣ, ба ҷаҳим
Ишқро пок агар дошт, ба хулдон бирасид

**135**
Як бор чаро уқдаи хобат накушодӣ?
Як бор чаро роҳи савобат накушодӣ?
Оби ту ба ҷӯе нарасад, хушк бигардад,
Мегӯ ки чаро роҳи саробат накушодӣ?
Як умр ту хурдӣ майи нопоку касофат,
Як бор хуми бодаи нобат накушодӣ.
Гуфтӣ ту басе вожаи беғуслу таҳорат,
Як бор дари узру инобат накушодӣ.
Ҳар кардаю нокардаи одам ба ҳисоб аст,
Боре сабаби ҷурму маобат накушодӣ.
Дар манфиати ҳеҷ кас, эй аз ҳама нокас,
Ҳарфе нанавиштию китобе накушодӣ

**136**
Субҳи давлат чун дамад, бар нотавонӣ ҷой нест,
Дар забони соҳиби давлат нишон аз «вой» нест.
Субҳи давлат худ ба пои худ намеояд ба мо,
То ки моро ҷунбуҷул дар дасту андар пой нест.
Нотавонон он қадар ноланд аз чархи фалак,
Ки аз он як ҳиссааш дар оҳу вои ной нест.
Мардуми бою гадо аз он ки дунё ҳаст, ҳаст,

Баъди мо ҳам ин ҷаҳон бе соилу бе бой нест.
Умрро афзун тавоної ҳаметонад кунад,
Нотавонӣ ҳеҷ гоҳе зиндагиафзой нест.
Камбағалро майл бошад, ки бувад дар ройи бой,
Лек ройи нотавон марди ғанoро рой нест.

**137**
Мастии мо нест аз нуқлу шароб
Боданӯшӣ ҳаст бар муслим маоб.
Мастии мо аз хаёли рӯи ӯст,
З-он ки мешармад аз ӯ сад Моҳтоб.
Ашки шӯри мо на аз чашмони мост,
Ҳаст сӯзи қалби мо онро сароб.
Гарчи ӯ дар пеши чашми мо наяст,
Мекунад бар мо вале ҳар дам хитоб.
Шарми мо аз ӯ наҷоти ҷони мост,
Ӯ намехоҳад узори бе ҳиҷоб.
Олам аз ҳуснаш муҷалло мешавад,
Ёри мо аз рӯ агар гирад ҳиҷоб.
Дар муҳаббат гар ба ӯ дарё наем,
Мекафем аз нотавонӣ чун ҳубоб.
Мустаҷобат мешавад арзи дилам,
Мо агар дар даҳри нобобем боб.
Эй, Халилӣ, ҳеҷ гаҳ ғофил машав,
Мерасад, албатта, он рӯзи ҳисоб.

**138**
Ҳар лаҳза кунад қалбшинос имтиҳони мо
Беҳтар зи мо ӯ дида тавонад ниҳони мо
Аз ибтидо то мунтаҳо дар пеши чашми ӯст
Имрӯз ҳаст ҳамраҳи мо, дар замони мо
Уммед моро ҳамраҳу анбоз мешавад

Бар нусрати оянда бувад итминони мо
Мо ҳар яке мухтор агар вонамудаем
Дар дасти ӯст то дами вопас инони мо
Эй кому даҳан, махзани зебокалом бош
Бояд каломи фаҳш нагӯяд забони мо
Мирзои ризқ чун варақи ризқи мо навишт
Омода гашт рӯзии мо-обу дони мо
Аз баҳри он, ки фаҳму шуураш напухтааст
Беҳуда аст ин ҳама шарҳу баёни мо
Навмед машав ҳеҷ, Халилӣ, ки буду ҳаст
Дар ҳарду ҷаҳон борихудо меҳрубони мо

**139**
Эй Худо, бикшода гардон пои дар занҷири мо,
Боз афзунтар бигардон нолаи шабгири мо.
Эй Худо, шоҳид кун саҷҷодаю меҳробро,
Бар рукую бар суҷуду вожаи такбири мо.
Ин замон аз динаю фардо аз ин беҳтар бувад,
Бозсозо, бас нагардад лаҳзае таъмири мо.
Муддаои мо ҳумои бахтро ёбидан аст,
Эй Худо, кай мешавад мурғи Ҳумо даргири мо?
Rисмати моро ҳамон қисматнавис бинвиштааст,
Кас натонад, ки кунад тадбир ин тақдири мо.
Эй Халилӣ, вожаи падруд ояд бар забон,
Ҳар қадар тӯлонӣ бошад дар ҷаҳон таъхири мо.

**140**
Нобихраде бар бихраде раҳбар набуду нест
Беҷуръату беҳиммате сафдар набуду нест
Камтар калом гӯю зиёдат амал бикун
Зеро ки суди ин ду баробар набуду нест
Дилҳои якрӯя ба ҳам ёр мешаванд

Якрӯя ба садрӯя бародар набуду нест
Зулматсарой ҳаст дили мардуми бахил
Монанди шамъ ҳеҷ сафогар набуду нест
Он ки ба дарди моюю ту парво намекунад
Дар тӯли умри хеш шифогар набуду нест
Ишратпараст аз ишқи ҳақиқӣ канора аст
Аз ишқ ӯро бодаю соғар набуду нест
Ҳар он ки ӯ алфози шаҳодат нагуфтааст
Бар ӯ Расули мо-ш паямбар набуду нест
Ҳушёр бошу тӯшаи роҳат ба бор кун
Зеро ки умрат бар ту муқаддар набуду нест

**141**
Ман ҳеҷ надонам, ки туро чанд сифот аст
Донам фақат инро, ки ба сар-т оби ҳаёт аст
Кобандаат бисёр, вале ҳеҷ натобӣ
Ё ваъдаи дидор-т ба дашти арасот аст?
Як фард надонад, ки ба банд аст, ва ё не
Дар банд агар будӣ, ба изни ту наҷот аст
Оне, ки раҳо нест-ба каф номаи қатрон
Оне, ки раҳо ҳаст, ба каф хатти барот аст
Дар коми ҳама неккасон-заҳри ҳалоҳил
Дар коми ҳама неккасон қанду набот аст
Ҳар байт, ки дар васфи ҷамолат бинависам
Бо хуни дилам ҳаст, ки бар ҷои давот нест
Андеша бикун аз раҳи оянда, Халилӣ
Он роҳ, ки бояд биравӣ, пули сирот аст

**142**
Ман аз ҷабри ҷаҳони пири бебунёд менолам,
Ҷарасосо тамоми шаб ба сад фарёд менолам.
Нафас моро зи бод асту бақодориш барбод аст,

Ман аз нопойдориҳои ин дам-бод менолам.
Ба оҳу нола оё модарам гавҳорабандам кард?
Фақат имрӯзу фардо не, ман аз мелод менолам.
Надорад айб дар оҳу фиғони ман падар асло
Хато бошад, агар гӯям, ки: «Аз авлод менолам.»
Бахил астам, магар ки дар алови рашк месӯзам?
Аз он ки менатонам буд чун шамшод, менолам.
Забонам доимо бояд саною ҳамди ӯ гӯяд,
Зи нопайдориҳои вирду ҳам аврод менолам.
«Касе аз пеши худ чизе нашуд», – гуфтанд устодон,
Зи ҳар як одами бепиру беустод менолам.

**143**

Дафтари умри касе бо хати хоно бошад
Ошкор аст, ки ӯ омилу доно бошад
Гарчи дунё ҳамаро ҳазм кунад ҳамчу ғизо
Лек ҳар кас ба сари хеш чу дунё бошад
Ман надидам, ки касе сахтӣ бихоҳад бари худ
Ҳамаро зиндагии саҳл таманно бошад
Ёр медор касеро, ки туро ёр бувад
Маписанд ин ки дилат оҳану хоро бошад
Чун даравгар ҳамагон киштаи худ медараванд
Он чи додем ба ту, он зи ту моро бошад
Гарчи ғам коҳиши умр аст, сазад, ки дили мо
Рӯзу шаб бар ғаму андешаи фардо бошад
Шиками хоки таги пой ба як рӯзи дигар
Хонаи муфлису ҳам хонаи доро бошад
Кош рӯзе бирасад, ки бари он ёр равем
Ҳамчуноне, ки ҳамин боди саборо бошад

**144**

Айби худро айбиҳо аз ҳар кӣ пинҳон мекунанд,

Аз дигарҳоро вале паҳну парешон мекунанд.
Ҳарзагӯён ҳар чи мегӯянд, беандеша аст,
Ҳарфҳои нораво чун барфу борон мекунанд.
Ҳарфи номатлуб гуфтан бар ҳамон бошад шабеҳ,
Ҳамунон ки санг мардум зери дандон мекунанд.
Худ намедонанд ин аъмоли зишти хешро,
Рахна бар дину ба имону ба виҷдон мекунанд.
Номи бадро мекунанд аз банду аз зиндон раҳо,
Некномиро вале дар банду зиндон мекунанд.
Некандешон, Халилӣ, дар тамоми умри худ
Бо сухан ҳар сахтие, ки ҳаст, осон мекунанд.

**145**

Эй ту оҳубаррачашмам, роҳи ашқамро набанд
Мон бисӯзад дар фироқат дил ба монанди сипанд
Ё маро ин ашку сӯзам сӯи офият баранд
Ё маро мақтул кун бо он ду миҷгони паранд
Ишқро не осмону не замин ҳомил нашуд
Бори вазнини амонат бар сари одам фиганд
Тавба бояд дур набвад аз забони мо, худо
Роҳи истиғфорро бар мардуми олам мабанд
Он чи, ки бар худ намехоҳӣ, макун бар дигарон
Ҳар ки аз бадкардаҳои хеш мебинад газанд
Эй Халилӣ, ҳарчи коре мекунӣ, doниста кун
Бош ҳам андешаманду босаботу ҳушманд
Роҳи вопас ҳаст баҳри ҳар кӣ роҳи ростон
Меравам, то ки равонам бо ҳамин роҳу раванд

**146**

Агар айбам набошад, эй ту ғайбатгар, чӣ мегӯӣ?
Ба мисли қудсиён ҳастам, ту-модарғар, чӣ мегӯӣ?
Алови синаи мо шамъро шарманда месозад

Ту, эй бесӯзу хокистар, худат озар чӣ мегӯӣ?
Зи оҳан сахттар имону дину мазҳабам бошад
Надорӣ не ба инсону худо бовар. Чӣ мегӯӣ?
Ба ҷуз аз ишкамат дар сар туро фикру хаёле нест
Манам аз ҳарду дунё бохабар. Дигар чӣ мегӯӣ?
Ба килку коғази испепди дастам ҳарф мегӯям
Манам дорои шону фар, ту эй бефар, чӣ мегӯӣ?

**147**
Агар дунё на ҷои заҳмати бечорагон мебуд,
На кам аз боғи Фирдавси барини ҷовидон мебуд.
Хазонрезӣ намебуд ар муҷиби ғорати гулҳо,
Зи ҳар як шохсори боғ савти булбулон мебуд.
Агар ки саҳл мебуд ҳар куҷо ёбидани дилбар,
Ба ҳар ҷои замин ҷои нишасти ошиқон мебуд.
Rаноат нафсро чун астарон бар сар инон мезад,
Ҳама ёрирасону ҳомии афтодагон мебуд.
Агар ки кулли одамҳои дунё нек мебуданд,
Дили мо баҳри ҳар як насли одам ошён мебуд.
Кадом дунёи умри одамӣ дунёи бедардист?
Ҳамон дунё, ки дар тифлӣ ҷаҳони кӯдакон мебуд.
Шаби зулмот бар дуздон ба мисли рӯз метобад,
Зи тарророн ба ғафлат ҳар куҷое корвон мебуд.
Садои нойи Исрофил намебишнид гар дунё,
Ҳамин дунё зи анҷомаш ба кулл андар амон мебуд.

**148**
Ҳар кӣ ҳаст, аз ишқ одам мешавад,
В-арна инсониш барҳам мешавад.
Рӯи ман бар рӯи Хуршед ар набуд,
Соям аз ман муқаддам мешавад.
Эй Худо, Хуршедро бар ман намо,

В-арна сурам маргу мотам мешавад.
Ҷисми манро бо шароби ишқ шӯй,
Ҳамсадо бо ҷоми он Ҷам мешавад.
Ишқи мо торафт боло меравад,
Ҳар қадар, ки қоматам хам мешавад.
Мерасад бар кӯи ҷонон зудтар,
Он ки ӯ дар ишқ Ҳотам мешавад.
Ҳайфи он, ки дар нигоҳи ёри худ
Ҳар замон бисёр не, кам мешавад.
Дар миёни кулли эҳсосоти мо
Рӯзи машҳар ишқ парчам мешавад

**149**
Ҳар куҷо, ки рафтӣ, одам, қалби пурғам ёфтӣ
Оташи ҷону ҷигар, ду чашми пурнам ёфтӣ
Одамо, ёри забонӣ ёфтӣ дар ҳар куҷо
Ёри ҷониро вале аз ину он кам ёфтӣ
Чун расидӣ бар ҳудуди кишвари пирии худ
Rадди мавзун бой додӣ, қомати хам ёфтӣ
Ёфтӣ дар ҷуссаи нобихрадон санги мазор
Дар мазори бихрадони хуфта Одам ёфтӣ
То кунун ёбидаҳоят, одамо, ҳаргуна буд
Гоҳ тую сур, гоҳо маргу мотам ёфтӣ
Ёрро рӯзу шабон андар ниҳоди худ биҷӯ
Ёбиаш дар дил агар, ганҷи ду олам ёфтӣ
Бахтро дар ҳар куҷо не, дар билоди худ биҷӯ
Дар ватан бошӣ агар, ҳам тахту парчам ёфтӣ
Эй Халилӣ, дигарон аз ту муҳаббат ёфтанд
Дар баҳояш розигии Исми Аъзам ёфтӣ

**150**
Он ки дар дил ҳаваси дилбари салмо мекард

Бо хирад роҳи хирад тахту муҷчало мекард
Он ки як умр фақат мол таманно мекард
Ҳама ёрон ба худаш душману аъдо мекард
Он ки ӯро на шараф буду на виҷдону хирад
Ватану модари худ бо мол савдо мекард
Ҳолиё дар тани худ ҷомаи тақво дорад
«Дидамаш дӯш сари шиша ба лаб во мекард»
Он ки танҳо бари худ роҳати дунё мехост
Аз барои дигарон зиндагӣ хоро мекард
Он ки дар шома набуд ҳеҷ гаҳе бӯи накӯ
Нафрат аз анбару аз мушку зи соро мекард
Он ки донист, ки дар умр чӣ бояд бикунад
Ёрӣ бар ёру ба ағёр мадоро мекард

**151**

Дар чашми дилат, бошад агар, нур надидам,
Аз хилқати ҳайвонӣ туро дур надидам.
Эй фукбаҳавое, ки набинӣ таги поро,
Дар умри сарам мисли ту ман кӯр надидам.
Ободии дунёи бурунат ҳуши ман бурд,
Дунёи дарунии ту маъмур надидам.
Наззора намудам ба самои дили торат,
Дар торами он равшании Хур надидам.
Кони намак аз шӯрии ашки басари мост,
Як қатра ман аз ашки туро шӯр надидам.
Сад бор ба ҳар рӯз бубинам-т, бигӯям:
«Монанди ту ман нокасу манфур надидам».
Мӯру малаху кирм-ҳама душмани боғанд,
Монанди ту дар боғи дилам мӯр надидам.

**152**

Дар чашм кунам хоки кафи ҳарду пои дӯст

Ӯ бар ҳама тоифаи инкору шак адӯст
Ӯ буду ҳасту (тавба, ки фаҳмам намерасад)
Дар даҳри бекарон ҳар он чиз, ки ҳаст ӯст
Ӯ ҳаст мою, мо ҳама ӯем то абад
Моем бо ӯ дохили як ҷисму ҷону пӯст
Аз ӯст ба мо дини мубини Расули мо
Аз оби поки «тайба» рухи дини мо бишуст
Моем-ҳама дар назари бенигоҳи ӯ
Ӯро вале он фард биёбад, ки беш ҷуст
Моро қусур аст гаҳе ҳам ба ину он
Ӯро накӯ ҳам рӯю, накӯ хӯю, мӯю бӯст
Дар ҳар кучо коб, Халилӣ, нишони ӯ
Асло нарафт аз ёду забонам каломи: «Куст?»

**153**

Дар ҷои яке рафта дигар ояд боз,
Чун шаб гузарад, субҳи саҳар ояд боз.
Ҳар сатри китоби умри мо сабт шавад,
Бо хуни ҷигар, ки аз басар ояд боз.
Дар пурсу суроғи он накӯ бошем ар,
Бар гунбади синаҳо Rамар ояд боз.
Монандаи рӯзу шаб, ки дар такроранд,
Талхӣ чу зи мо равад, шакар ояд боз.
Пайвастии одамӣ ба Одам бирасад,
Бар ҷодаи ҷадди худ писар ояд боз.
Як мол надидаам, ки бенарх бувад,
Дар қимати кори мо самар ояд боз.
Устонаи дар зи ҳар ҷӣ воло бошад,
Гумкардаи дар ба назди дар ояд боз.
Афсурда машав, Халилӣ, аз ҷабри замон,
Бедодӣ равад, чу додгар ояд боз.

**154**
Зинда монад ҷонсипар бо ҷонсипарданҳои худ,
Мурда бошад зиндатан бо дил дариданҳои худ.
Офарин гӯям ба Хизр, аз он ки тоқат мекунад,
Бар азоби зиндагӣ бо ин намурданҳои худ.
Кори ҳар дорои дунё моли худ бишмурдан аст,
Бар куҷоҳо мерасад бо ин шумурданҳои худ?
Тӯшаашро ҳар касе бояд аз ин дунё барад,
Гушна монад дар қиёмат аз набурданҳои худ.
Он ки теморе надорад, одамаш гуфтан хатост,
Шармамон бояд бувад, аз ғам нахӯрданҳои худ.
Мард бояд бар тамоми сахтиҳо тоқат кунад,
Маҳв гардад ҳар кӣ аз тоқат накарданҳои худ.
Бар фишори зиндагӣ то ҳол тоқат кардаам,
Мемакад хуни диламро бо фишурданҳои худ

**155**
Заҳри ишқам оби ҳайвони ман аст,
Ҷои он дар махзани ҷони ман аст.
Он чи ишқамро ҳимоят мекунад,
Покии ҳам дину имони ман аст.
Он кӣ ишқам дар ҷаҳон аз баҳри ӯст,
Тоқу бечун аст, ҷонони ман аст.
Дар суроғи хонааш умрам гузашт,
Дар ҳама ҷо ҳасту пинҳони ман аст.
Ҳифз месозад маро аз ҳар бало,
Ҳоҷиби ман, низ дарбони ман аст.
Дар нигоҳаш нек бинмоям агар,
Он нишони бахти хандони ман аст.
Ишқро покиза доред, одамон,
Чунки он инъоми Яздони ман аст

**156**
Хароботи вуҷудамро дигар таъмир натвонам
Агар рӯзам расад, як лаҳзае таъхир натвонам
Тамоми ҳарфи бахтамро ҳамон мирзо китобат кард
Ба як боре худам онро вале таҳрир натвонам
Агар дар қисматам бошад хатою саҳву тақсире
Зи умри хеш рафъи ину он тақсир натвонам
Агар дар ҳарду поям аз қазо завлонае бошад
Ба ду дасти кушода канда он занҷир натвонам
Маро худ зиндагӣ ҳам пиру ҳам иршодгар бошад
Агар сад сол бошам бе ҳузури пир натвонам
Камонам, ё ки тирам, з-ин ду танҳо он яке бошам
Ба як айём будан ҳам камону тир натвонам
Набошад як диле, ки орӣ аз сирри ниҳон бошад
Ба мисли дигарон ҳам будаю бе сир натвонам
Умедам ҳаст аз ӯе, ки такбирам барои ӯст
Набошад, эй худо, рӯзе, ки ман такбир натвонам

**157**
Шарм агар рафту, бимирад, зиндагӣ расвогарист
Дар фақирию ва ҳам дорандагӣ, расвогарист
Дар замини умри худ тухми бадӣ корӣ, агар
Дар замин ин донаю корандагӣ расвогарист
Аз саҳоби чархи гардун жола меборад агар
Ҳам саҳобу жолаю борондагӣ расвогарист
Ҳеҷ кас бар ҳеҷ кас набвад, ки бошад бандае
Ғайри яздон бар дигар кас бандагӣ расвогарист
Дар ҳарими ёр ҳам бошарм мебоист буд
Нек донед, одамон, шармандагӣ расвогарист
Он кӣ аз ҳаққи дигарҳо сарват афзун мекунад
Дор дар гӯшат, ки ин ёбандагӣ расвогарист
Тифлро бояд, ки бошад ҷадду момаш ошкор

Ҷад нопайдо бувад-зояндагӣ расвогарист
Дар ҳама умрат ба халқу майҳанат поянда бош
В-арна бе ин ду туро пояндагӣ расвогарист

**158**

Ҳар гуфтанӣ, ки дорӣ, бигӯяш бар рӯи ман,
Лоёб макун дар ҳама ҷо оби ҷӯи ман.
Дар олами аҳвол ба ман рашк мебарӣ,
Ҳам дар саводу фаҳмишу хулқи накӯи ман.
Имрӯз донам, он чи ки дӯшам аён набуд,
Испед шуд дар ғами беҳуда мӯи ман.
Шеърам ба хуни қалбу сиришкам навиштаам,
Андарзу панд аст ҳама гуфтугӯи ман.
Нони ҳалоли хеш ба ҷонам бихӯрдаам,
Як луқмаи нопок набуд дар гулӯи ман.
Rалбам зи ҷабри зиндагӣ бидрида гаштааст,
В-аз бахяи нопок набошад руфӯи ман.
Мастии шавқи ёр зи ҷонам намеравад,
Он бода агар нӯш кунӣ аз сабӯи ман.
Ёро, ту аз он халқаи зулфон абир пош,
Бе чангии чавгони ту ҳеҷ аст гӯйи ман.

**159**

Ҳеҷ як кас кас нашуд, то аз худаш берун нашуд
Ҳеҷ як нокас касе бо моддаи қонун нашуд
Садхазорон қайсҳо буданд дар рӯи замин
Ҳеҷ як Rайси дигар монанди он Маҷнун нашуд
Ин аҷобатро бубин, ки дар мисоли як нафар
Ишқпарвар вожгун шуд, ишқи ӯ вожун нашуд
Гарчи бефосилаю беист мегардад фалак
Лек як чархи фалак бе изни он Бечун нашуд
Соя дорад боли ҳар як тайри болои замин

Сояи ин тайр аммо чун Ҳумо маймун[1] нашуд
Рафт Маҷнун сӯи саҳро аз ғами Лайлии худ
Лайлиаш пайдо вале дар дашту дар ҳомун нашуд
Дар нигоҳи он ки арзу ҳам само офардааст
Бо башар ҳампоя кулли олами гардун нашуд
Ҷисми некону бадон як гуна мепӯсад ба хок
Номи неки одамӣ асло, ки дар мадфун нашуд

**160**
Мо худ арзону вале ҳарчиро қимат кардем
Орро куштаю ҳам нафрати исмат кардем
Ҳар куҷое, ки равам кизбу дағо мешунавам
Ҳайфи мо бод, ки бо ин ҳама тоқат кардем
Ба раҳи одамият беш нарафтем, дареғ
Хешро мавҳи раҳи ҳашмату шӯҳрат кардем
«Нагирифтем балав»-он ки фақир асту гадо
Он ки дорост, ба ҷон иззату ҳурмат кардем
Беш тохтем ба дунболи ҳама кӯчадавон
Ҳам ба ёрони гаронмоя хиёнат кардем
Ҷои саҷҷодаю меҳроб тарабхона гирифт
Маст гаштем зи май, тарки ибодат кардем
Нобарорие агар ҳис намудем, ҳамон
Ҳам зи бегонаю аз хеш шикоят кардем
Гӯӣ, дашномдиҳӣ дар ҳама ҷо касб шудаст
Дар хами кӯчаю бозор ҳақорат кардем
Ҳамчу он марди қиморбоз, ки «гард»,-мегӯяд
Мо на андешаи фардою қиёмат кардем

**161**
Хушбахт рафт он, ки худаш рафту ном не,

---
[1] Маймун – зебо, хушру.

Беҳуда зист он, ки худаш монду ҷом не.
Бо сахтӣ зист он, ки дусад нуқлу сад наво
Ӯ бо хаёл хӯрд, валекин ба ком не,
Фарде надидаам,ки дар ин даҳри хомпаз
Сар то ба пой пухта буду ҳеҷ хом не.
Бадном зист он, ки зи садҳо ба вом буд,
Як одаме аз ӯ-ш ба як танга вом не.
Беҷурм рафт он, ки мудомаш ҳалол хӯрд,
Як дафъа лек луқмаи нони ҳаром не.
Яздонзада онест, ки шарме намекунад,
Не аз худу бегонаю аз хосу ом не.
То он ки гом менихӣ дар рӯи ин замин,
Ҳангоми субҳ бош, Халилӣ, ки шом не.

**162**

То ба кай маънои худро худ намедонем чист?
Решаи савдои худро худ намедонем чист?
Боядо боло равем, аммо намеҷунбем ҳеҷ,
Поину болои худро худ намедонем чист?
Гавҳари дарёи шеъри мо ҷаҳон тасхир кард,
Rаъри ин дарёи худро худ намедонем чист?
Нойосо зор менолем ҳам аз ину он,
Нолаҳои нойи худро худ намедонем чист?
Сар намедонад, ки по азми куҷо дорад ба сар,
Мақсади ду пойи худро худ намедонем чист?
Ҳамчу соро бӯй дорад одаму одамгарӣ,
Накҳати сорои худро худ намедонем чист?
Пирро барно агар ҳурмат намесозад, дареғ!
Пирию барнои худро худ намедонем чист?
Одам ар доно бувад,паҳност чун рӯи ҷаҳон,
Тангию паҳнои худро худ намедонем чист?
Эй Халилӣ, парниёндил бош бар нарминдилон,

Нармию хорои худро худ намедонем чист?

**163**

Гардиши рӯзу шабам бар гардиши паргор-як,
Рафтани умрам ба оби ҷории ҷӯбор-як.
Мо ба савдо мезанем ҳар рӯзи умри хешро,
Рӯзҳои умри мою моли дар бозор-як.
Гарчи ёрон бешуморастанд дар ҳарду ҷаҳон,
Баҳри кулли ошиқони ду ҷаҳон он ёр-як.
Подшоҳон ҳар куҷо ҳастанд дар рӯи замин,
Дар ҷаҳони бекарон он шоҳу он дарбор-як.
Шарти бо ӯ будани ҳар зот дар хулқи накӯст,
Ҳаст ӯ бо он ки бошад амну беозор-як.
Мо ба завқи хеш ҳар ҷо одамон хуш мекунем,
Дар нигоҳи меҳри ӯ нодору давлатдор-як.
Эй Халилӣ, ҳорисон бо моли дунё гушнаанд,
Дар нигоҳи марди қонеъ андаку бисёр-як.

**164**

Аз сабри беши мо ғами дунё зиёд шуд,
Аз оби чашми мо ками дарё зиёд шуд.
Ҳар қадр, ки тоқат ба ҳама сахтӣ кардаем,
Хамгардиҳои қомати боло зиёд шуд.
Гуфтам, ки маҳви лашкари савдо кунам, нашуд,
Аммо ки ҳар дам ҳамлаи савдо зиёд шуд.
Ҳар қад-р нахли фоқагӣ бори зиёд дод,
Беҳимматии мардуми доро зиёд шуд.
Бар шоху барги бехи мурувват хазон расид,
Бо душманони хеш мадоро зиёд шуд.
Бӯи фиребу ҳилла ҷаҳонро фаро гирифт,
Бенакҳатии анбару соро зиёд шуд.
Нармӣ намонд дар дили сангини одамон,

Кассод шуд нармию хоро зиёд шуд.

**165**
Кам касонанд, ки бар амри хирад гӯш диҳанд,
Кам касонанд, ки бар бохтаҳуш ҳуш диҳанд.
На ҳама лоиқи он ҷому маю соқии мост,
Соқиён май ба ҳамон волаю мадҳуш диҳанд.
Он касоне, ки ба он яккаю танҳо ёранд,
Дил ба он ёри накӯ бегапу хомӯш диҳанд.
Бо ҳамон сӯз, ки дар синаи худҳо доранд,
Поккалбон ба дили сарду хунук ҷӯш диҳанд.
Чун биёбанд ҳамон хонаи нопайдоро,
Бӯса бар ҳар ваҷаби хоки дари кӯ-ш диҳанд.
Чун биёбанд ҳамон дилбари хушсиморо,
Он замон хол ба рӯ, сурма ба абрӯ-ш диҳанд.
Шармро аз ҳарами олиҳаи ҳусну ҷамол
Ҳамчу пероя ба ҳар фарди ҳаёпӯш диҳанд.
Ба Халилӣ, ки ба он ёри накӯ ҷонсипар аст,
Аз ҳамон Кавсари Фирдавси барин нӯш диҳанд.

**166**
Сафои қудсиён дар одами хокӣ намебинам,
Ҳама аз хок рӯидем, афлокӣ намебинам.
Басо бошад, ки аз бадҳо ба бадҳо мерасад некӣ,
Чаро аз некҳо бар некҳо некӣ намебинам?
Худои мою дини мо, Расули мо, ки як бошад,
Чаро дар зумрае аз одамон покӣ намебинам?
Басо дидам басиреро, ки ашкаш ҳамчу дарё буд,
Вале дар чашми дигар ҳеҷ намнокӣ намебинам.
Бинои қалбҳоро шубҳа охир мекунад ғорат,
Дар он, ки шӯҳра шуд дар сидқ, шаккокӣ намебинам.
Ҳамонҳое, ки мисли мо намебошанд, бебоканд,

Дар онҳое,ки чун моянд, бебокӣ намебинам.
Батавфиқон ҳама андар салоту савм чолоканд,
Вале дар марди бетавфиқ чолокӣ намебинам.

**167**
Моро алифи оҳи ҷигарсӯз дол кард,
Ҳам қурнизоғи зиндагӣ бишкастабол кард.
Дунё арӯси пири пур аз макру ҳилла дон,
Мафтун маро ба хеш ҳамин пирзол кард.
Нодидани он бадри ҷаҳонгири чордаҳ
Андар уфуқи зиндагӣ моро ҳилол кард.
Таррорӣ кард он чи, ки буд дар вуҷуди мо,
Ин зол боз ваъдаи ҷоҳу ҷалол кард.
З-ин зол ба сад пурсиши мо як ҷавоб нест,
Одам валек боз аз ӯ сад савол кард.
Дандонҳои тоати моро зи мо гирифт,
Дандони нафси бетаги моро хилол кард.
Ин зол мағзу шираи моро макида хӯрд,
Дар интиҳои зиндагӣ моро малол кард.
Оне, ба ин зол напайвасту дил набаст,
Ҷонро фидои подшаҳи бемисол кард.

**168**
Кош, пурахтар бувад сар то ба сар гардуни дил,
Кош, Лайлокоб бошад то абад Маҷнуни дил.
Кош, дил андар паи ёри дигар н-афтад дигар,
То абад якто бувад дар дил ҳамон Бечуни дил.
То ки бошам ман писанди ёри бепарвои хеш,
Кош, аз чашмам бирезад ҷои ашкам хуни дил.
Дурри қалбамро, Худоё, он харидорат харад,
Кош, камарзиш набошад гавҳари макнуни дил.
Марзи дилро донаи меҳру муҳаббат коштам,

Обёрӣ мекунад ин мазраро Ҷайҳуни дил.
Ҷои ёри мо даруни ин дили бирёни мост,
То ки ҳастам, кош, набвад ёр дар беруни дил.
Эй дили маҳзуни зорам, баъд аз ин хушҳол бош,
Ёри дил, дорам нигаҳ аз ҳолати маҳзуни дил!

**169**
Он кафи хоке, ки дорад дар фарозаш хуни ноф
Боядо ин хокро он кадхудо созад тавоф
Бе ягон мақсад будан дар зиндагӣ будан наҳаст
Ҳар киро бояд, ки бошад мақсади воло ҳадоф
Ҳар чизе дар ин ҷаҳон бар қадри худ дорад баҳо
Мерасад бар қадри ҳар як тангаи пӯчак сар((р)оф
Ҳар кӣ мехоҳад, ки ёбад сояи боли ҳумо
Эй ҳумои бахт, мео аз фарози кӯҳи Rоф
Кундаи дӯзах бувад андар ҷаҳони ҷовидон
Ҳар касе, ки ҳаст бар яздону пайғамбар хилоф
Кам бигӯ худро, агарчанде ки дар боло туӣ
Ҳеҷ гаҳ аз сарвату дороии дунё малоф
Ҳамчу нассоҷон, Халилӣ, бо давоту хомаат
Риштаҳои дӯстӣ дар байни одамҳо бибоф

**170**
Як нотиқе монанди ту ширинкалом нест
Чун он майи лабҳои ту дар ҳеҷ ҷом нест
Rосид агар пайғом биёрад ба номи мо
Дар қимати он ҳеҷ дигар як паём нест
Ҳарчанд моро умр бари дег мезанад
Як пухтагие нест, ки дар мағз хом нест
Дар пастӣ агар ёр шиносад баҳои мо
Моро ҳаваси шавкати болои бом нест
Огоҳ наҳастем магар аз суқути хеш

Тавфиқ чу бегона ба мо ҳеҷ ром нест
Бедор бошу гармии хуршед беш ёб-к
Як рӯз набошад, ки бар анҷом-ш шом нест
Як ҷав агар аз ҳаққи дигарҳо хӯрад касе
Кофар шавад оне, ки бигӯяд: «Ҳаром нест»
Номи худои мо ба ду «о» ҳасту «лому», «ҳо»
Як номи дигар ҳампаи ин исму ном нест

**171**
Оби ҷӯи кӯчаки мо ҳамчу як дарё шавад,
Он чи меҷӯем агар, бо саъйи мо эҳё шавад.
Пардаҳои хобро сар то ба по боист сӯхт,
То ки ҳарфе дар бари ҳарфи дигар пайдо шавад.
Он чи аз мо нест ҳоло, мешавад фардо зи мо,
Чун шавад аз мо, сари мо то фалак боло шавад.
Пои ҳар кас дастро бар коргоҳаш мебарад,
Даст агар дар кор набвад, зиндагӣ хоро шавад.
Пир созад навҷавонро сахтиҳои зиндагӣ,
Зиндагӣ ар саҳл бошад, пир ҳам барно мешавад.
Табъ агар болида бошад, марги навмедист он,
Ҳар чизе, ки бар машоми мо расад, соро шавад.
Ҳамдигарфаҳмӣ миёни мардумон мақсуди мост,
Ҳар касе бо мо набошад, то абад бе мо шавад.
Эй Халилӣ, бо ҳамин роҳе, ки раҳпаймостем,
Камбағал ҳам дар қатори бойҳо доро шавад.

**172**
Ман зи амволи ҳалоли худ тиҷорат мекунам,
Баҳри сулҳу амният доим ибодат мекунам.
Пой андар лой не, бо дасти пур аз гил вале
То даме, ки зиндаам, хишту иморат мекунам.
Ҳар ки бояд ҳофизи халқу Ватан бошад ба ҷон,

Аз худу аз майҳону халқам ҳимоят мекунам.
Он чи, ки медонаму ҳар ҷо кирои гуфтан аст,
То забонам ҳарф мегӯяд, ҳикоят мекунам.
Зорнолӣ хислати мардони собир нест, нест,
Офарин бар мардуми босабру тоқат мекунам.
Ман ба иксири сухан, то он ки фаҳмам мерасад,
Дардмандонро ба ҷону дил табобат мекунам.

**173**
Аз ҳар балои чархи муалло ба даҳшатам,
Аз нокасии мардуми коно ба даҳшатам.
Аз он, ки натонад бикунад фарқ неку бад,-
Аз аблаҳу аз коҳилу расво ба даҳшатам.
Онро, ки сарфарои ямину ясор нест,
Ҳам зеру тору поину боло. Ба даҳшатам.
Бо чашми кӯр марди хирадманд кӯр нест,
Аз кӯрии он аблаҳи бино ба даҳшатам.
Гӯӣ, ки дини аҳли ғано ғайри дини мост,
Аз «мурдагии» мардуми доро ба даҳшатам.
Нофаш асоси марги ғизоли Хито шавад,
Аз бӯи хун кардани соро ба даҳшатам.
Бетақсирот нест ҳамоне, ки ҳаст ҳаст,
Аз ранҷиши он дилбари якто ба даҳшатам.
Донам, ба як замон фано мешавад ҷаҳон,
Ман аз субути охири дунё ба даҳшатам.

**174**
Полӯда ҳаст аз ҳадасу зарқ доманам
Дар эътиқоди хеш чу хорою оҳанам
Ҷонам агар бо ӯст, надорам зи тан хабар
Авфам куну маъзӯр бидорам ту, эй танам
Бошам, ба масал, барзгару донапош ман

Уммед дорам-к бор диҳад кишту хирманам
Гӯяд маро он ёр, ки: майҳонсаро бувам
То зинда ҳастам, ҳамд бигӯям ба майҳанам
Нассоҷвор бофаму дӯзам чу дарзиён
Машкан, худоё, шонаю мокую сӯзанам
Он рӯз, ки бар хонаи беравзанам равам
Бикшода шавад ҷониби фирдавс равзанам

**175**
Лаҳзае тарси замину осмон аз мо нарафт,
Тарси гӯристону он шоҳи ҷаҳон аз мо нарафт.
Меҳри ин дунёи дун бо кулли ранҷу заҳматаш,
Ҳамчу як маҳбубаи оромиҷон аз мо нарафт.
Гарчи худ рафтем бар ҳар гӯшаю кунҷу канор,
Ҳеҷ гаҳ ёди диёру хокдон аз мо нарафт.
Мо ки худ маҳсули ин рӯзему ин давру замон,
Дарду темори ҳамин давру замон аз мо нарафт.
Мо агар ғарқи гунаҳ астем, ё ғарқи савоб,
Муддаои ҷаннату боғи ҷинон аз мо нарафт.
Шукри беҳад, бандагони холиқи яктостем,
Гуфтани «Оллоҳу акбар» дар забон аз мо нарафт.

**176**
Чашми қалби маънидонон чун зарирон кӯр нест,
Зиндагӣ бо кулли сахтиҳои худ бенур нест.
Дил дигар бо гуфтаҳои ман надорад боварӣ,
Борҳо гуфтам-ш: «Тоқат кун, баҳорат дур нест»
Нест як дарде, ки онро ман тавонам «хуб» гуфт,
Ҳеҷ як дарде чу дарди беватанҳо зӯр нест.
Зиндагӣ бо ҳар кӣ лухтаквор бозӣ мекунад,
Амри ин дунё ба ҳар кас ҷуз каломи: «мур!» нест
Шодҳо ҳам, чун накӯ бинем, беғам нестанд,

Ман надидам як диле, ки аз чизе маҳҷур нест.
Дар даруни дил сазад, уммеди маъмурӣ бувад,
Мамлакат қашшоқ мебошад, агар маъмур нест.
Сирри дил дар ҳеҷ як дунё намеғунҷад ба кулл,
З-ин сабаб сар то басар дар сафҳаҳо маншур нест.
Одамӣ бо кулли ранҷу заҳматаш поянда аст,
То ки аз сурнои Исрофил садои сур нест.

**177**
Кардам биҳил ҷону танам бар диёри худ,
Бошад, кашад танг маро дар канори худ.
«Хоки Ватан зи тахти Сулаймон накӯтар аст»,
Кардам ҳамин мисраи воло шиори худ.
Ман бодахори кӯчаю бозор нестам,
Бо оби поки ӯ шиканонам хумори худ.
Дар оғӯши ин майҳани доимбаҳор ман
Дар чор фасли сол бидидам баҳори худ.
Бо партави ҳар фатҳу зафарҳои кишварам,
Хушрӯй кунам ҷабҳаи қалбу узори худ.
Дар нобарориҳо-ш шавам нобарор ман,
Дар ҳар барори ӯ-ш бубинам барори худ.
Дар чашми некбин-ш, Халилӣ, матоб бад,
«Ғофил машав зи дӯстии дӯстдори худ»[1].

**178**
Умри равони одам рафтори об дорад,
Монанди наҳри куҳӣ доим шитоб дорад.
Суде агар диҳад он, мегӯ, ки он на хоб аст,
Ҳосил агар надорад, мегӯ, ки хоб дорад.
Некаш агар бигӯянд, медон, ки бемаоб аст,

[1] Мисраъ аз Соиб аст.

Аксаш агар ки бигӯянд, медон, маоб дорад.
Бӯе агар надорад, мегӯ, ки анбараш нест,
Бӯе агар ки дорад, мегӯ: гулоб дорад.
Оҳе намекашад ар, мегӯ, ки: роҳаташ ҳаст,
«Войе» ҳамезанад ар, мегӯ: азоб дорад.
Ҳар як гузашти рӯзаш як сафҳаи китоб аст,
Бад ҳаст, ё ки некӯ, ҳар кас китоб дорад.
Тоат агар ки дорад, мегӯ, ки растагор аст,
Тоат агар надорад, бахти хароб дорад.

**179**
Ризқи аҷал аст, он чи ки дар ҷону тани мост
Сад дод аз он рӯз, ки дар тан кафани мост
Имрӯз, ки дар хонаи маъмӯр сукунем
Дар гӯшаи қишлоқ ба фардо Ватани мост
Чун дарбирасад лаҳзаи вопаснафаси мо
«Падрӯд» дар ин марҳала охирсухани мост
Аз ҳар амали нобасазое, ки намудем
Он оби пушаймонии мо дар зақани мост
Чун нек бизистему ба он ёр расидем
Он гулшани фирдавси муалло чамани мост

**180**
Ҳар кучое, рафта бошам, рафтаам бо пои худ,
Ҳар кучое шишта бошам, шиштаам дар ҷои худ.
Ман ба сурнои дигарҳо нағмае нанвохтам,
Ҳар навое карда бошам, кардаам бо нойи худ.
Аз сиришки дидагони хеш дарё кардаам,
Ғарқ мегардам ба рӯзе дар ҳамин дарёи худ.
Пастиям боло нахоҳад шуд зи болои касон,
Кош, ёбам чун дигарҳо дар ҷаҳон болои худ.
Ман надидам як касе гӯяд, ки: «Бемаъностам»,

Ҳар кӣ менозад дар ин айём бо маънои худ.
Ман кӣ ҳастам дар ҷаҳон, гар беғаму савдостам?
Зинда ҳастам, то ки ҳастам, бо ғаму савдои худ.
Маъние дорам ва ё на, ин суол аз ман мапурс,
Чунки худ бологузорӣ мекунам маънои худ.
Худпарастӣ мебуд ар корам, Халилӣ, дар ҷаҳон,
Ман намедидам касе бо қалби нобинои худ.

**181**

Одамӣ бо кулли дарду ғуссааш бошад кабир,
Рӯҳи ӯ дар нуҳ равоқи даҳр мебошад амир.
Ҷои ғам дар синаҳои мардуми дархоб нест,
То ба кай ӯ мезанад бар мардуми бедор тир?
Нуқлат, эй ғам, ҷуз шароби хуни қалби мо наяст,
Заҳр кардӣ дар даҳонам он чи момам дод шир.
Ту ба ҷои он, ки эй ғам, то ба ҳадде кам шавӣ,
Мекунӣ худро ба ҳар як рӯзу ҳар соат кассир.
Хатнависи қисмати ман ҳаст мирзои дигар,
Ман намехоҳам, ки бошӣ бар дилу ҷонам дабир.
Миршаб ҳастӣ магар, эй ғам, ки моро кардаӣ
Ин замон дар маҳбаси дӯзахашабеҳи худ асир?
Эй ғубори ғам, бирав аз пардаи чашмам, ки ман
Мекунам бо оби дида гард гардатро хамир!

**182**

Ишқи дилу ҷонам ба хирад созгор нест
То зинда манам, созияшон барқарор нест
Дар фикри ҳаминрӯзаю фардост ақли мо
Ишқи дили моро ба ҳамин ҳарду кор нест
Гӯед шумо: з-ин ду кадомаш муқаддам аст?
Дар сурате, ки оинае беғубор нест?
В-ар ақл хоб асту ба бероҳа ҳаст ишқ

Кори ягон аз бандахудо бобарор нест
Берунпараст ҳеҷ набинад даруни кас
Суратпараст бар асари кирдигор нест
Ишқи дили мо зодаи меҳру вафои мост
Ку одаме, ки сӯи адам рафтагор нест?
Ишқи дили моро басарам об медиҳад
Ошиқ наям, ашк агар шашқатор нест
Дар соғари мо бодаи ишқу муҳаббат аст
Он дидае, ки ашк надорад, хумор нест

**183**
То ба кай дар баҳри ин дунё шиновар мешавӣ?
Мерасад рӯзе, ки як бишкастасоғар мешавӣ.
Аз хамири хоки одам пур бувад зери замин,
Лек ту норафта, як рӯзе мухаммар мешавӣ.
Хок будӣ, гаштӣ одам, боз мегардӣ ба хок.
Чун хати паргор дар шакли мудаввар мешавӣ.
Нек бошӣ, меравӣ, бар Ҷаннати доимбаҳор,
Бад агар бошӣ, муқими байти озар мешавӣ.
Ишқ агар дорӣ ниҳон дар қалби оташбори худ,
Он худои ҳарду оламро ту дар бар мешавӣ.
Гар каломи «тайба»-ро боре нарондӣ дар забон,
Лол бар ҳар як саволи имтиҳонгар мешавӣ.
Сарвари олам агар чун умматаш ҳифзат кунад,
Ҳамчу як дурдона дар чашми паямбар мешавӣ.

**184**
Муттакоям аз ғами бисёр тоқат мешавад
Рӯи сурхам дар қиёмат аз ибодат мешавад
Ҳолиё ҳар кас ба чашми хеш мебинад маро
Баъди чанде буданам ҳамчун ҳикоят мешавад
Ҳар касе имрӯз худро ҳифз месозад худаш

Мерасад рӯзе, ки мӯҳтоҷи ҳимоят мешавад
Rосидо, бар мо навиди оштӣ аз ӯ биёр
Рӯи ҳар кӣ лолаосо аз башорат мешавад
Ҳаркиро дар зиндагӣ покии ҷисму ҷон зарур
Ҳар намози мо раво баъди таҳорат мешавад
Дар забони камбағалҳо ҳарфи шаҳпардор нест
Ҳарчӣ мегӯяд ҳамон, ҳарфи шикоят мешавад
Дар ду олам аз гаронборӣ сабукборӣ накӯст
Дарди сар доройӣ дар рӯзи қиёмат мешавад
Дар таги ҳар ҷомаи бар тан намедонам, ки кист
Ҳар касе аз гуфтугӯи худ ифодат мешавад
Эй Халилӣ, то ки мебинӣ, ба чашми нек бин
Баднигоҳӣ оқибат тухми адоват мешавад

**185**
Ҷабри сари мо бод, агар нанг надорем,
Дар даст чу бар рағми адӯ санг надорем.
Тавлид шавад аз ҳамагон нағмаи марғуб,
Бе якдигарӣ нағмаю оҳанг надорем.
Чун мардуми покизанажодем, аз ин рӯ,
Не майл ба кукнору маю банг надорем.
Сӯзад рухи миръоти Сикандар зи ҳасудӣ,
Мо дар рухи оинаи дил занг надорем.
Дар хонаи дилҳои пур аз меҳру садоқат
Ҷуз ранги нахи пахтаи худ ранг надорем.
Торафт қавӣ мешавад аз кор тани мо,
Як лаҳза набошад, ки дигар «ҳанг надорем.»
Эй душмани бемаърифати мардуми тоҷик,
Кӯҳрӣ бишав, ар гӯӣ, ки: «фарҳанг надорем.»
Ғунҷад ҳама олам ба дили мардуми тоҷик,
Мо оринажодем, дили танг надорем.
Адл аст, ки моро бикунад шуҳраи дунё,

Ҳам бар худу бегонакасон ҷанг надорем.

**186**
Шавқ дар пирӣ мудомам аз паси атфол бурд,
Ранг чашми танги мо аз дидаи ғирбол бурд.
Кас намедонад, ки вопаслуқмаи нонаш куҷост,
Ризқ моро ҳар куҷо ки рафт, аз дунбол бурд.
Раҳнамои мо дар он дунё фақат аъмоли мост,
Ҳар киро бар хулд, ё дӯзах ҳамон аъмол бурд.
Чун малак бечурматон, дар чарх, гӯӣ, мепаранд,
Сахтӣ он ки ҷурм аз ӯ ҳам пару ҳам бол бурд.
Умр аз мо то ҳамин дам лахт-лахте бурдааст,
Лаҳзаю соат бибурду моҳ бурду сол бурд.
Муддаои кулли ҷӯё ёри зебо дидан аст,
Бахти он ошиқ, ки ӯро ёри бетимсол бурд.
Ин ҷаҳон пирест бо сад нағмаю макру ҳиял,
Ҳар киро дидам, дилашро ишваи ин зол бурд.

**187**
З-он рӯз, ки аз лашкари ғам бохабар шудам
Бо рафтани ҳар рӯз гирифтортар шудам
Дар чашми хаёлот бубинам ҳаронҷи нест
Худ бехабар аз он ки парешонназар шудам
Чун дар хаёли рӯи ту хурдам даруни худ
Бегард ки шуд оина, соҳибназар шудам
Ҳар қадр ки ишқам пару боли қавӣ гирифт
Бишкаст боли ҷисмаму бишкастапар шудам
Аз баҳри фаҳм кардани оне, ки буду нест
Дар ёди хеш ҳамчу гадо дарбадар шудам
Як фард надидам, ки ба он ҷо сафар накард
Чун омадам аз мом, ҳамон дар сафар шудам
Бикшода дари олами дигар ба рӯи мост

Омодаи воридшавӣ дар назди дар шудам

**188**

Ҳар он чи фалак медиҳад, он боз бигирад,
Ҳам пои равон гираду парвоз бигирад.
Ё подшаҳе ҳаст, ки ӯ дод надорад,
Аз мардуми дарбастаю дарбоз бигирад.
Бигрифтанаш ӯ бас накунад то ману мо ҳаст,
То даври абад аз дами оғоз бигирад.
Фарқе накунад ин ки чӣ бад ҳасту чӣ хуб аст,
Вайроншуда ҳам гираду ҳам соз бигирад.
Ӯ ҳеҷ надонад, ки адӯ кию абӯ кист,
Ҳам аз ману бегонаю ҳамроз бигирад.
Дар луғати он вожаи кам нею фузун нест,
Аз мӯраки парвозию шаҳбоз бигирад.
Як ҷой набошад, ки наёбад ҳамагонро,
Дар ҳолати истодаю дартоз бигирад.
Ӯро набувад бо ману бар мо-ш ниёзе,
Аз сирнигаҳдору зи ғаммоз бигирад.
Ҳар додаи худро фалак аз ҳар кӣ, Халилӣ,
Дар шаш тарафи даҳри пур аз роз бигирад.

**189**

Он кӣ беморанд аз ҳаҷрат, ба дармон мерасанд,
Бар ҳузурат бо ҳама покии имон мерасанд.
Худ намедонанд аммо, мерасанд, оё ки не,
Ошкоро бар тую аз хеш пинҳон мерасанд.
Кулли одамҳои дунё сарбасар инсон наянд,
Ҷамъи бемурони ту чун некинсон мерасанд.
Он ки дарди нафс доранду баҳоимхислатанд,
Дар чарогоҳи қиёмат ҳамчу ҳайвон мерасанд.
Дар замин гарчи набитвонанд як ғом барниҳод,

Бар ҳузурат бо ҳамон тахти Сулаймон мерасанд.
Сабзасон аз зери хоки тира, гӯӣ ин замон
Аз зимистону бурудат бар баҳорон мерасанд.
Аз ҳамон ду ҷо, ки дорӣ дар қиёмат, эй Худо,
Кулли беморони ҳиҷронат ба хулдон мерасанд.

**190**
Бар мо зи ҳама рафтазимоҳо хабаре нест
Кизб аст, чу гӯем: «Аз онҳо асаре нест»
Амнияту ҳам хавфу хатар пушти ба пуштанд
Дар он ки набинад ҳама инро, басаре нест
Rатронӣ бувад номаи аъмоли ҳасудон
Дар гунбади гардуни ҳусудон қамаре нест
Касро хабар аз ёр набошад, ки агар ӯ
Аз ҷону тани хеш агар бехабаре нест
Дар ҷодаи он ёр сафар ҷонсипарӣ ҳаст
Дар рафтазихудҳо, ба худо, беҷигаре нест
Дар тирашаби дуру дарозе, ки дар он ҷост
Инҷо накунӣ тавбаю тоат, саҳаре нест
Бар даҳри пур аз ҳавф, ки мою ту равонем
Эй бехабар аз хавф, магӯ, ки хатаре нест
Ҷуз кори накӯи ту, Халилӣ, дар ин ҷаҳон
Он ҷо, ки туро ҳифз бисозад, сипаре нест

**190**
Пазмони ҳамон талъати ёр аст дили мо,
Дар пеши рухаш оинадор аст дили мо.
Садди раҳи ишқи дили мо нест бурудат,
Дар даймаҳи пурбарф баҳор аст дили мо.
То ки бирасад дар ҳарами ёр ба зудӣ,
Дар тахти фалаксайр савор аст дили мо.
Дар софии оинаи дил ёр мудомаш

Орӣ зи ҳама чангу ғубор аст дили мо.
То ки бикунад сайд ҳамон моҳи саморо,
Доим зи паи сайду шикор аст дили мо.
З-он соқии хушмай, ки ба мо бода бирезад,
Доим зи маяш дидахумор аст дили мо.
Ганҷи дили мо меҳру вафо ҳасту сафо ҳаст,
Дар ҳифзи ҳамин ганҷ чу мор аст дили мо.
Имрӯз, ки мо сокини ин байти заминем,
Дар Ҷаннати он сабзҳисор аст дили мо.

**191**

Нофаи синаи ман нақҳати бӯи ту кунад
Ҳамаро вола ҳамон талъати рӯи ту кунад
Хешро дар лаби он чашмаи кавсар бинам
Гӯши мо гӯш агар шарфаи ҷӯи ту кунад
Бастани кулли танам бошад агар қисмати ман
Бигузор ин ҳамаро шаддаи мӯи ту кунад
Ҳар гаҳе азм кунам, ки майи тайҳур хурам
Rадаҳам пайравии ҷому сабӯи ту кунад
Дасту пои дили девона набанданд ба дом
Хокбӯсии ҳамон даргаҳу кӯи ту кунад
Шаш тараф ҳаст, ки ҳар кас битавонад биравад
Дили мо майл зи шаш сӯй ба сӯи ту кунад

**192**

Тафохур мекунам аз он, ки як зебоватан дорам,
Кунам шукрона, ки онро на чун байтулҳазан дорам.
Ман аз думболи оҳуи Хито боре нахоҳам рафт,
Кафи хоки Ватан беҳтар зи сад мушки Хутан дорам.
Бари дурдонае сӯи Яман асло нахоҳам рафт
Садафосо даруни дил басе дурри Адан дорам.
Зи обаш нӯш месозам, диламро мекунам софӣ,

Барои ҳифзи обаш баҳри ворисон зақан дорам.
Зи худ розӣ манам, то ки забонам ҳарф мегӯяд,
Ки номи тоҷдорашро мудом андар даҳан дорам.
Парастиш мекунам бо ҷону дил сору ҳазорашро,
Нигоҳи сарду бадбинӣ ба ҷуғзу бар заған дорам.
Худо, гӯӣ, ки ағлаб ҳуснро бар халқи ман додаст,
Чу Юсуф бар тани халқам накӯ гулпераҳан дорам.
Наястам ман қимоб аз марг чун он «бехудогӯён,»
Шабу рӯзам ба сар андешаи гӯру кафан дорам.

**193**
Хоб мебин, ки манат ояму таъбир кунам
То ки бинам-т ба шаб, нолаи шабгир кунам
То ки аз ман наравӣ, бар дигаре ёр шавӣ
Дар даруни дили худ бастаи занҷир кунам
Эй ту Rуръони худо, ҳарф ба ҳарфат асал аст
Дили худро ба калимоти ту таъмир кунам
Доимо гӯӣ, ки эй банда, ба сӯям бигаро
Ҳақ надорам , ки ба фармони ту таъхир кунам
Rисмат ,ай бори худо, руқъаи мӯҳрест ба сар
Ман натонам, ки варо хонаму тадбир кунам
Ман кунам сабр ба ҳар сахтӣ, ки Айюб накард
Оламеро ба ҳамин восита тасхир кунам
Ҳар қадар пир шавам, боз дилам ҳаст ҷавон
Ман на онам, ки ба пирӣ дили худ пир кунам

**194**
Мебарем аз ёд гоҳо шаъни инсонии хеш,
Ё зи беақлӣ, ва ё аз рӯи нодонии хеш.
Мешавад гоҳо, ки ангушти надомат мегазем,
Мекушад моро ба рӯзе ин пушаймонии хеш.
Нест коре аз нигоҳи мардумон монад ниҳон,

Нуқта бигзорем дар ҳар кори пинҳонии хеш.
Хонаи мо бе нигаҳбонии мо маҳфуз нест,
Боядо мо худ кунем аз сидқ дарбонии хеш.
Эй Худо, аз баҳри чӣ мо ин қадар беқиматем?
Бойҳо кардем нодорон зи арзонии хеш.
Нест як оила, ки фарзанди ӯ дар рус нест,
Мо зи по афтодаем аз дасти пазмонии хеш.
Худ чаро ҳар кори худро боз сангии мекунем?
Боядо ҷӯем дар ҳар кор осонии хеш.
Мо зи ёрони забонӣ зуд бояд бигсалем,
Боядо ҷон биспарем бар ҳамдами ҷонии хеш.
Эй Халилӣ, шеъри мо сар то ба сар дунё гирифт,
Хешро машҳур кардем аз сухандонии хеш.

**195**

Бар панди гуҳарбори падар садқа шавам,
Бар пандпазирии писар садқа шавам.
Безор манам аз ҳама он нобакасон,
Бар обилаи дасти ҳунар садқа шавам.
Нафрат бикунам бар ҳама бедардуғамон,
Бар сӯхтаи ҷону ҷигар садқа шавам.
Торикии шаб, дур бишав аз бари мо,
Бар шуълаи хуршеди саҳар садқа шавам.
Умре, ки ба авҳом[1] бувад, нобудист,
Бар лаҳзаи бехарвфу хатар садқа шавам.
Талхии фузун, ки мечашидем, бас аст,
Бар маззаи ҳалвою шакар садқа шавам
Бар одами дорандаи имону хирад
Сад бору ба сад бори дигар садқа шавам

[1] Авҳом – хавф,тарс.

**196**

Бе хок агар туро бувад пешонӣ,
Гуфтан натавонам, ки: ту боимонӣ.
Пешонии ту агар замин мебӯсад,
Дорад дили ту муҳаббати яздонӣ.
Саҷҷода агар надорӣ, пайдо накунам
Дар ҷону дилат нишонаи инсонӣ.
Ёри ҳамагон агар бувад илми Худо,
Хасми ҳама одамон бувад нодонӣ.
Ту баҳри касон худопарастӣ накунӣ,
Мақбул бувад ибодати пинҳонӣ.
Дар маҳбаси зандагӣ ба ҳабсат гиранд,
Нафси бад агар намекунӣ зиндонӣ.
Дарбони забону коми худ бояд буд,
Ку кас, ки кунад ба ҷои ту дарбонӣ?
Ин дини мубини мо бувад давлати мо,
Кори ту бувад, Халилӣ, давлатбонӣ.

**197**

Ҳар куҷо тирадарунест, сафо нест, ки нест,
Ҳар куҷо хору забунест , сахо нест, ки нест.
Ҳаст мавҷудии як боиси мавҷуди дигар,
Ҳар куҷо тахти нагунест, даҳо нест, ки нест.
Ҳаст нобуди яке боиси мавҷуди дигар,
Ҳар куҷо ростсухунест, даға нест, ки нест.
Ишқ аз амну аммонии башар ранг барад,
Ҳар куҷо резиши хунест, сало нест, ки нест.
Ҳамаи камбағалон ёри худоянду Расул,
Ҳар куҷо ишқу ҷунунест, ғано нест, ки нест.

**198**

Ҳусни Лайло мекунад бе ёд ҳар Маҷнунро

«Ҷим»-у «о» – яш ар набошад, ман чӣ созам «нун»-ро?
Накҳати уммеди фардоям ба фардо мекашад
Тарк мекардам вагарна ин ҷаҳони дунро
Дахл аст, ки аз ҳисобаш боз месозем харҷ
Хушксолӣ хушк созад Даҷлаю Ҷайҳунро
То даме ки хома имкони сухан дораб ба лаб
Васф месозам, ба ҷонам, қомати мавзунро
Шеъри худро бо давоту хома нанвисам ба ҳеҷ
Байти ҳар ашъор созам қатраҳои хунро
Сарви озодам дар ин дунёи пурфанду ҳиял
Банд ҳастам дар ду олам Ҳазрати Беҷунро
Беҳтарин моли қаноат, эй Халилӣ, моли мост
Мехарам бо ҷандаҳоям сарвати Rорунро

**199**

Зи қалби номуродон алъамон бар гӯш меояд
Нишони бехудӣ аз одами мадҳуш меояд
Касе, ки дард дорад дар дарунаш, дарди ҷонкоҳе
Нишонаш дар нигоҳи дигарон дар рӯ-ш меояд
Ғизол асло намеояд ба байти мо ба райи худ
Ҳамон нофи зи тан бубридааш бо бӯ-ш меояд
Замине, ки зи баъди қаҳратун аз хоб мехезад
Дили пиру ҷавон аз тафси он бар ҷӯш меояд
Фиғону шӯру шавқун аз ҳисоби ишқи покат нест
Тасанно бар ҳамон ишқе, ки он хомӯш меояд
Ба гӯши он ки аз ҷоми аласташ маст мебошад
Зи ҳар кӯҳу камар, гӯӣ, садом «нӯш» меояд
Дареғо, мерасад, рӯзе, ки бар гӯши Халилӣ ҳам
Зи ғассолаш нидои: «Ин кафанро пӯш» меояд

**200**

Ҳар куҷо обест, сӯи оби дарё меравад,

Ҳар куҷо дарёст, сӯи баҳри паҳно меравад.
Шукр мегӯям, ки дорам миллати ҳимматбаланд,
Қадди саври ҳиммати мо то Сурайё меравад.
То ки Юсуфро худояш зори он бону накард,
Аз пасаш чун соя доим Зулайхо меравад.
Одамиро ҳар куҷое мебарад, майлаш барад,
То ки ҷон дорад, ба думболи таманно меравад.
Ҳар киро дар ҳар куҷо имдодгар бояд бувад,
Ҷониби Парвардигори худ Масеҳо меравад.
Ҳар қадар ки метавонӣ саҷдаро афзун бикун,
Он сари дар саҷда аз пастӣ ба боло меравад.
Эй Худои меҳрубон, қалби маро бар худ бикаш,
В-арна ин бебоки нофармон ба ҳар ҷо меравад.
Ҳар касе, ки зарқ бошад – сӯи нори сахтсӯз,
Ҳар касе, ки пок бошад, сӯи Аҳдо меравад.

**201**

Ҳар қадар ки пок кардам ашкро, пинҳон намонд,
Ҳар қадар мисвок кардам, дар даҳан дандон намонд.
Ё Худои мо зи ҷурми мо зи мо баргаштааст,
Дар саҳоби чархи гардун қатраи борон намонд.
Нархи одам дар замину нархи ашё дар само,
Дар миёни тоҷирон, гӯӣ, ки як инсон намонд.
Маблағ, ар дорем мо, чун оби дарё меравад,
Дар дари дарвозаи ҳамёни мо дарбон намонд.
Буд виҷдон, ё набуд дар аксари мардум. Кунун
Қатъи виҷдон шуд магар, ки дар касе виҷдон намонд?
Хизр ҳам ин наҳсӣ дида, тарки мо карду бирафт,
Дар тамоми рӯи дунё чашмаи ҳайвон намонд.
Ханда ҳам тарки лабони ғуссадорон карду рафт,
Эй Халилӣ, гиря кун, ки чеҳраи хандон намонд.

**202**
Вуҷудам аз тамошои қади танноз меларзад,
Агар гӯям, ки фарёдаш кунам, овоз меларзад.
Агар ки хонишашро тайри дар парвоз бинюшад,
Вуҷуди тайри дар парвоз дар парвоз меларзад.
Ба он зӯрӣ, ки дорад, боз дар байни ҳама мурғон,
Ба пеши зӯрии он зӯр сад шаҳбоз меларзад.
Хабаркаш сирри мардумро зи мардум рустӣ мечинад,
Расад рӯзаш, барои ин гунаҳ ғаммоз меларзад.
Агарчи нотиқон дар нутқ дарёро ҳамемонанд,
Ба пеши мантиқаш садҳо суханпардоз меларзад.
Сифоташро агар хоҳам, ки бо лафзе кунам ифшо,
Зи сар то по калимоти ҳамин алфоз меларзад.

**203**
Ҳеҷ кас чун зиндагӣ бар мо насиҳатгар нашуд,
Наслҳо дигар шуданд, аммо ки ӯ дигар нашуд.
Ҳамчу ӯ носеҳи беминнат дигар носеҳ куҷост?
Инчунин носеҳ дигар дар ҳеҷ баҳру бар нашуд.
Партави пандаш ҳама дунё мунаввар мекунад,
Он қадар равшан, ки аз хуршед дар Ховар нашуд.
Нахли бебору самарро интиҳо бибридан аст,
Одамӣ ҳам хор мегардад, чу боровар нашуд.
Он ки ӯ машҳур шуд дар гуфтани кизбу дағо,
Хеҷ касро бар ягон ҳарфи лабаш бовар нашуд.
Он ки ӯро қулли узви пайкараш ҳуш асту гӯш,
Кар шуд ар гӯши сараш, аммо ки қалбаш кар нашуд.

**204**
Ишқи ман аз манъи носеҳи ҳасудам беш шуд
Ҳар қадар ки даргирифтам, боз дудам беш шуд
Саҷда кардам аз ҷавонӣ дар паи мавлои ишқ

Ҳар қадар ки пир гардидам, суҷудам беш шуд
Умри ман дар интизории «Алайк»-и ӯ гузашт
Ҳар қадар ки дер бишнидам, дурудам беш шуд
Гарчи дил пайваста бедораст дар ёди рухаш
Дар ҳисоби ҳарду дасту по ғунудам беш шуд
Ишқи Маҷнунро тавофи байти яздон кам накард
Ҳамчу Маҷнун ишқи ман ҳам дар вуҷудам беш шуд
Одамӣ дар пириҳо зарбат ба гуфтан мекунад
З-ин сабаб бошад, ки ҳам гуфтушудам беш шуд
Ишқбахшо, аз Халилӣ чашми бадро дур кун
Шукр бар бешу каму буду набудам беш шуд

**205**

Кардам тамоми умр зи ашъор гуфтугӯ,
Андар ҳузури андаку бисёр гуфтугӯ.
Шабнам чу рафту дар бағали офтоб сӯхт,
Дигар накард бо гулу гулзор гуфтугӯ.
Ҳар ҷо сухан бо мардуми фарзона кардаам,
Аммо ки на бо одами ғаддор гуфтугӯ.
То ин ки яке бар сари инсоф оварам
Кардам басе ба мардуми бозор гуфтугӯ
Гӯянд: «на якро саду садро ба як бигӯ»[1],
Дар ҳарфи нек ҳаст, на бисёр гуфтугӯ.
Андар хаёли хеш намудам мудом ман
Бо дилбари таннозаи таррор гуфтугӯ.
Ҳангоми хоб ҷои саволу ҷавоб нест,
Доим кунам бо мардуми бедор гуфтугӯ.
Дар маҳфиле, ки риштаи гуфтан ба ман расид,
Кардам яқин, не, ки ба пиндор гуфтугӯ.
Андар намози хеш, ки панҷ навбат аст он,

---

[1] Аз халқ аст.

Дорам ба зоти Ҳазрати Ҷаббор гуфтугӯ.
Дар боби ҷуду хайру сахою баҳимматӣ
Ою бикун бо мардуми Парвор гуфтугӯ
Динат, Халилӣ, фарри ҳама дин бувад, чӣ хуб.
Доим намо ба одами диндор гуфтугӯ

**206**

Вақте ки аз он гавҳари якдона хабар нест,
Андар садафи синаи ушшоқ гуҳар нест.
Хуни дил агар аз раҳи чашмон набарояд,
Он шишаи беҳис бувад, ҳеҷ басар нест.
Ёрӣ ту агар, ҳиммату маҷнунсифатӣ ёб,
Дар ишқи саришохӣ нишоне зи забар нест.
Ҷон дар тани ушшоқ чу ашкест ба миҷгон,
Кизб аст, агар гӯӣ, ки: «дар ишқ хатар нест».
Ишқ аст маводе, ки кунад сер равонро[1],
Аз ишқ накӯтар ба ҷаҳон қанду шакар нест.
Ошиқшудагон дар ҳама офоқ зиёданд,
Як ошиқи дигар, бахудо, ҳамчу Назар нест.

**207**

Эй ту, хасми дини ман, дӯзида бо тират кунам
Эй ту, ёри дини ман, мео, ки шабгират кунам
Хонаи вайронаро монад дили аз ёр дур
Ҷамъ кун хотир, дило, ҳар лаҳза таъмират кунам
Эй ту ёри дил, агар ой ба хилватгоҳи дил
То набитвонӣ равӣ, дар пой занҷират кунам
Эй адӯи ишқи поки одамӣ, бинам-т агар
Лаънати беҳад ва баъдан чор такбират кунам
Rисматамро пурсуҷӯ кардам аз он қисматнавис

---

[1] Равон – ҷон..

Гуфт: «токи зиндаӣ, побанди тақдират кунам»
Эй муҳити ошиқон, бе ишқ бемаъностӣ
Ояму бо ишқи беши хеш тасхират кунам
Он ки бар ӯ ишқ меварзам, ба ман ин ҳарф гуфт:
«Эй Халилӣ, дар билоди ишқ ман мират кунам»

**208**
Ба ҳар як дард тоқат боядо, то ки сиҳат ояд,
Нахустин нақшаи ҳар кори одам дар ният ояд.
Ба рағми сахтиҳои зиндагӣ пархош бояд кард,
Ки бар ҳар хонадони мо фурӯғи маърифат ояд.
Ба ҳамдигар зи мо бояд фақат ҳарфи накӯ бошад,
Ҳамон тавре, ки шеъри Рӯдакӣ аз Панҷакат ояд.
Набошад тарбият, ҳар кас хӯрад хуни каси дигар,
Азизи ҳамдигар будан фақат аз тарбият ояд.
Агар дар хавф набвад умри одам, дар ҳисобе нест,
Нумӯи нахли умеди башар аз амният ояд.
Дарахт аз решаҳои қаъри хокаш бор меорад,
Ба ворисон накӯ бошад нишон аз аслият ояд.

**209**
Набвад ягон берун, ки ба ҳукми дарун нест
Набвад ягон аҳмар, ки нишонаш зи хун нест
Оҳи дили мо ҳеҷ ба боло намерасад
Боло магараш дар ғами мои забун нест?
Ҳамгаштан аст оқибати сарви қадди мо
Як «ҷон» набошад, ки ба янҷом-ш «нун» нест
Ризқи ҳама дар руқъахате сабт гаштааст
Як навда набошад, ки ғизояш зи бун нест
Ошиқ будан аз ҷони ширин даргузаштан аст
Ошиқ наҳаст онки чу Маҷнун ҷунун нест
Номи худой сарҳати қулли иборат аст

Дар пояи ин вожаи воло сухун нест
Андар вафои мардуми бечораи замин
Монанди ҷони мою ту, дунёи дун нест

**210**
Санамо, сурмакаши наргиси ҷодуи туям,
Дилбаро, дар ду ҷаҳон волаи он рӯи туям.
Ман ба ҷое натавонам биравам аз бари ту,
Чунки сар то ба қадам бастаи он мӯи туям.
Дар биёбони фироқат ҷигарам хушк шуда,
Зор бар қатраи обе ман аз он ҷӯи туям.
Ба Худо, аз паи он нофаи оҳу наравам,
Банд дар ҷанги ду зулфи абиринбӯи туям.
На ба масҷиду ба дайру на ба бутхона равам,
Сокини саҷдагаҳи тоқи ду абрӯи туям.
Ҷисму ҷонам ба ту шуд ширсифат ҳаққи ҳалол,
Сайд мекун ту маро, чунки ман оҳуи туям.

**211**
Ба ҳар рӯзе агар як бор истиғфор дорам ман
Умеди бахшиши ҷурмам аз он дилдор дорам ман
Мусулмон аз насоро бо қабо ҳам фарқият дорад
На муслимам агар андар миён зуннор дорам ман?
Диламро мехарошад номусулмонии кофарҳо
Шикоятҳои афзун аз хаданги хор дорам ман
Ба рӯзи қатъи хандидан маро модар валоват кард
Аз ин рӯ ханда нею гиряҳои зор дорам ман
Агар Исмоили Сомониён садди Бухоро буд
Ба рағми душманон аз маърифат девор дорам ман
Халилӣ, бе давоту сафҳаю ашъор ноҷӯрам
Ба нӯги хома дар рӯи варақ гуфтор дорам ман

**212**

Бе ишқ агар ҳаст касе, дарди сараш гӯ,
Аз дарди дили нолакашон бехабараш гӯ.
Он ашк, ки аз гиряи мастонаи мо рехт,
Дар шӯрӣ зи сад кони намак шӯртараш гӯ.
Оне, ки набинад дили полӯдаи моро,
Аз баҳри ҳама покию покон хатараш гӯ.
Бирёншудае бошад агар дар ғами мардум,
Аз олами дарвеши Худо бохабараш гӯ.
Як бор агар номи худояш ба даҳан нест,
Баъде ки натобад ба назар, дар сақараш гӯ.

**213**

Моро худо бо ақлу хирад ҷӯр мекунад
Шайтон вале ҳар лаҳза аз он дур мекунад
Яздон чу кунад захми дилу ҷону тан даво
Иблис намакпошӣ ба носӯр мекунад
Моро ба худо мебарад он бодаи таҳур
Аммо ки дур аз он майи ангӯр мекунад
Дар тиннати мо зӯр бибахшад худои мо
Мардуди[1] худо ин ҳама нозӯр мекунад
Моро худой чашми ҷаҳонбин ато кунад
Шайтон валек ҳарду басар кӯр мекунад
Бад мекунад шайтон ҳамаро дар нигоҳи Ҳақ
Ҳушёр бош, ҳоҷа, ки манфӯр мекунад
Равшан бикунад мадфани маро худои мо
Шайтон бинои торикӣ дар гӯр мекунад
Маъзӯр нест, он ки инобат накарда рафт
Ар таъвба кард, эзидаш маъзӯр мекунад

[1] Мардуд – рондашуда.

**214**

Чун дамад сӯр, ҳама фавтидагон бархезанд
Бодсон, ё ки чу як санги гарон бархезанд
То ки бар ҷониби он дашти харобот раванд
Ҳар яке чун сафарӣ бастамиён бархезанд
Он ки дар рӯи замин бору самар дода буданд
Аз таги хок чу он сарви равон бархезанд
Нест ҷое, ки яке ҷанг кунад бар дигаре
Ҳамагон бесипару тиру камон бархезанд
Рӯй бар сӯи ҳамон зоти муҷалло бикунанд
Ҳамагон вожаи «Ё раб» ба забон бархезанд
Номаҳо дар кафи дастони пуразраъшаи худ
Баҳри исботи ҳама суду зиёд бархезанд
Аз нахустин нафари зодаи Момои Ҳав (в) о
То ҳамон рӯз ҳама пиру ҷавон бархезанд
Эй Халилӣ, чу бихезӣ, ба худо ҳамд бигу
Ҳамдгӯён, ҳама дар боғи ҷинон бархезанд

**215**

Тарбият гар набувад одамӣ Инсон нашавад.
Тан ба мадфан наравад, то ки тиҳиҷон нашавад.
Сабзаҳо сар накашанд аз таги ин хоки сиёҳ,
То ки аз абри само бориши борон нашавад.
Чашм аз равзани кошона ба якбора бикан,
Сахтӣ бе саъйи касон ҳеҷ, ки осон нашавад.
Дасти машшотаю он шонаи ӯро чӣ кунам?
Зулф агар з-ин ду чу он чангии ҷавгон нашавад.
Кори беҳуда макун, ин ки зиёнат бирасад,
Дев бо хотами дуздида Сулаймон нашавад.
Дар ибодоти башар ҷои пушаймонӣ нест,
Ҳеҷ касс нест, зи бадкарда пушаймон нашавад.

Дар ҷаҳон неккасон бешу бадонанд ба кам,
Бо ду-се зоғи сияҳ, маҳв гулистон нашавад.
Ҳаст гуфтори худо: «Тарсу ба уммед бизӣ»,
Чӣ касонем, зи мо ҳам ину ҳам он нашавад?!

**216**
Умри дар таъҷили моро шеваи таъхир нест,
Дар ҳисоби тез рафтан ҳам радифаш тир нест.
То ки пояшро бибандам, бо манаш монад мудом,
Ман чӣ созам, ки муҳайё банд ё занҷир нест.
Гуфтам : Аз бигзаштасолам чанд гардонам ба худ,
Нек донам, ин ки он бо амри ман ҳозир нест.
Якмаромӣ ҳаст дар рафтори он то буданаш,
Пешро дидан тавонад, бар пасаш нозир нест.
Аз тамоми рафтагон як сер аз умраш набуд,
Ҳар қадар ки беш бошад, боз ҳам бофир нест.
Фаҳми одам гарчи дунёро мусаххар кардааст,
Лек ӯ дар манъи умри хештан қодир нест.
Босири бигзаштаю имрӯзаю фардостем,
Дида натвонад касе, гӯям, ки: ӯ босир нест.
Эй Халилӣ, дар гузашти умри худ андеша кун,
Бадтар аз тақсири беандешагӣ тақсир нест.

**217**
Эй зода аз хоки Ватан, хоки Ватанро ҳифз кун,
Эй молики боғу чаман, боғу чаманро ҳифз кун.
Ҷонат сиришт аз ҷони ӯст, хунат зи рагшарёни ӯст,
Нонат зи дастурхони ӯст, дурри суханро ҳифз кун.
Бо куҳи ӯ ҳамқисматӣ, бо дашти ӯ боҳашматӣ,
Фарзанди ӯ – боисматӣ, сатри баданро ҳифз кун.
Аз ӯ-ш рӯидем мо, бо мӯ-ш мӯдем мо,
Аз бӯ-ш бӯидем мо, ранги кафанро ҳифз кун.

Маҳфуз кун номи Ватан, лабрез кун ҷоми Ватан,
Мепаз ту ҳар хоми Ватан , ҳам мою манро ҳифз кун.
Чун гавҳари яктои мост, бо пиру бо барнои мост,
Аз давраи Бобои мост, дурри Аданро ҳифз кун.

**218**
Дарди моро ғайри қалби мо дигар ҷое наҳаст
Ҳамчунон ки моҳро ҷуз чарх маъвое наҳаст
Ғофилон рӯзу шабон дар фикри амволи худанд
Дар сари мо ғайри савдои ту савдое наҳаст
Он қадар дил додаан (д) бар ин ҷаҳон ноогаҳон
Ғайри ин дуне, гумон доранд, дунёе наҳаст
Ду ҷаҳон аз баҳри ишқи пок тангӣ мекунад
Ҳамчу паҳноии ишқи пок паҳное наҳаст
Ғоним аз ишқи ҳамон Лайлои беҳамтостам
Беҳтар аз Лайлои мо дар даҳр Лайлое наҳаст
Ишқ баҳреро, ҳамемонад, ки туғен мекунад
Дар нақизаш чашмаю не ҷӯю дарёе наҳаст
Ишқи мо то нутқаи болои дуне мерасад
Он қадар боло, ки дигар ҳеҷ болое наҳаст

**219**
Ноқисонро ишқ комил мекунад,
Омиёнро ишқ омил мекунад.
Дар дили бедард дидам, ишқ нест,
Дарди дилро ишқ ҳосил мекунад.
Мебарад ишқ аз замин бар осмон,
Бо малакҳо ишқ шомил мекунад.
Ишқ иксирест ҷону рӯҳро,
Н-оқилонро ишқ оқил мекунад.
Ошиқон дар фикри сарват нестанд,
Ғонимонро ишқ соил мекунад.

Rобилони ишқ восил нестанд,
Ошиқонро ишқ Ҳобил мекунанд.
Хуни ишқ аз адлу инсоф асту дод,
Rотилонро ишқ одил мекунад.
Ошиқон бо мавҷи дарёанд банд,
Ёри бехуд тарки соҳил мекунад.
Дар китоби осмонияш Худо
Баҳри ошиқ ишқ нозил мекунад.

**220**
Ишқи мо нест чу он шуъла, ки хомӯш шавад,
Ё ки аз ёди дилам рафта, фаромӯш шавад.
Чун ба он соҳати болои муҳаббат бирасад,
Гавҳари ишқ варо зеби баногӯш шавад.
Ошиқи пок шуморем ҳамон ёр, ки ӯ
Бесадо гиря кунад, сӯзаду мадҳуш шавад.
Сурх гардад гули беранг зи хуноби дилам,
Баъд аз ин ҳамқадаҳи хуни Сиёвуш шавад.
Ишқ беҳтар зи ҳама нофаи хушбӯи хитост,
Эй Худо, кулли вуҷудам ҳама аз бӯ-ш шавад.

**221**
Ман хиҷолат мекашам аз роҳати безаҳматам,
Гарчи бошад сабт он дар сафҳаҳои қисматам.
Нест аз рӯи адолат. Доваро, адлат куҷост?
Роҳатам бояд, ки бошад аз ҳисоби меҳнатам.
Дар нигоҳи он, ки медонад ҳамин бешу камӣ,
Ҳар замон кам мешавад ҳам эътибору ҳурматам.
Rарру фарру ҳашматам дар пояи инсоф нест,
Мерасад як рӯзи дигар роҳати беҳашматам.
Дар ду олам Эзиди якто мизон офардааст,
Rиматам бояд, ки бошад аз ҳисоби ҳимматам.

То ки ман бори худамро худ набардорам ба дӯш,
Ҳар касе, ки ҳаст, ҳақ дорад бисозад миннатам.

**222**
Дили пурдарду ғам аз дарду ғам бисёр менолад
Раҳаш пурпечутоб афтад агар, анҳор менолад
Худоё, ҳарчи бошад такяи якдигараш бошад
Зи дурияш зи гул, танҳо на гул, бал хор менолад
Агарчи зорнолиҳо на зеби марди майдон аст
Валекин дар масофи ишқи сӯзон ёр менолад
Агар ки шаҳ шавад мағлуб дар ҷанги адӯи худ
Кулоҳу парчаму тахту ҳама дарбор менолад
Агар ки сабҳаю зуннор он ёрат намебандад
Ба дастат сабҳаю андар камар зуннор менолад
Магӯ ки: дар даруни санги хоро нест ҷои дил
Диле дорад, ки он аз ғайбати ҷаббор менолад
Барои рафъи дардам аз касе тумор агар гирам
Зи зӯри дарду доғам ҳар хати тумор менолад
Расад рӯзе, ки рахт аз зодгоҳи хеш барбандам
Ба сӯгам, эй Халилӣ, то абад Порвор менолад

**223**
Rалби моро нурполо нури истиқлол кард,
Мамлакат ин рӯзро фарзона истиқбол кард.
Лек бадхоҳони миллат фитнаҳо ангехтаанд,
Тайри хушпарвози ӯро муддате бебол кард.
Ҷун қавӣ гардид болаш дар нигоҳи хосу ом,
Фахр аз ин пурқувватӣ ҳам пир, ҳам атфол кард.
Мо тавоноем, дигар нотавонон нестем,
Ин тавоной ҳусудонро басе беҳол кард.
Ҷони мо дар ҷони майҳан, хуни ӯ дар хуни мост,

Дар муҳаббатпарварӣ моро ба худ абдол[1] кард.
Сарви гардунбӯс шуд дар дил умеди халқи ман,
Қомати навмедиро дар дил, Халилӣ, дол кард.

**224**

Ҳусн агар пероҳани шарму ҳаё пӯшад ба тан,
Ишқ он дам хилъати меҳру вафо пӯшад ба тан.
Шаб агар аз нури маҳ шерозабофӣ мекунад,
Рӯз аз лулӯи хуршеди само пӯшад ба тан.
Шоҳию кимхоҳу атлас зеббахши мунъил аст,
Ҳар куҷо, ки ҷандае бошад, гадо пӯшад ба тан.
Кизбгӯёнанд дар ҳарду ҷаҳон хасми Худо,
Ҳар касе, ки кизб мегӯяд, даға пӯшад ба тан.
Он, ки андар маҳбаси нафсаш гирифтор аст, ӯ
Дар қиёмат ҷомаи дарду бало пӯшад ба тан
Шак дили маъмурро вайронамаъво мекунад,
Сидқро чун муъҷизоти анбиё пӯшад ба тан.
Ишқ мебошад, ки дилҳоро муҷалло мекунад,
Шамъро бин, шӯълаи нури зиё пӯшад ба тан.

**225**

Як сонияи умр ба бекорӣ набахшам,
Ҳам умри гаронмоя ба сархорӣ набахшам.
Он хоб, ки дар чеҳраи зебои ту бинам,
Бар давлати садсолаи бедорӣ набахшам.
Бар дӯши ман аз ҷониби ту бор зиёд аст,
Ин китфи таги бор ба беборӣ набахшам.
Бар ҳеҷ ягон кор, ки он кори накӯ нест
Як донаи ҷав ҳеҷ накӯкорӣ набахшам.
Як лаҳзаи ин умри гароимояи худро

[1] Абдол – ҳафтод нафар дӯстони Худо.

Бо мардуми беор ба ансорӣ набахшам.
Таррории он ҳусну ҷамолат ҳунарам ҳаст,
Ҷурм аст, агар умр ба таррорӣ набахшам.
Ман зодаи кӯҳам, зи ҳамин кӯҳ насабам дон,
Ин майҳани куҳсор ба ҳамворӣ набахшам.

**226**
Аз ҳамон рӯзе, ки одам сохтанд
Андаке бурданду аксар бохтанд
Баҳри ободию вайронӣ, ҳамон
Аблаҳону оқилон пардохтанд
Подшоҳон дар фазои қасрҳо
Парчами шоҳаншаҳӣ афрохтанд
Бенавоён дар тамоми умри хеш
Охирин нерӯи худ пардохтанд
Зӯрҳоро ҳамд мегуянд беш
Нотавонро ҳеҷ гаҳ нашнохтанд
Rудсиёнро ҷой дар хулди барин
Осиёнро дар ҷаҳим андохтанд

**227**
Даме, ки ҷони ман сар то ба по дар инқилоб афтад
Тамоми пайкарам аз сӯз андар печутоб афтад
Илоҳо, сояам дар ҳар куҷо аз пушти ман бошад
Агар бошад чунин, рӯям ба рӯи офтоб афтад
Аҷоиб хислате доранд одамҳо дар ин дунё
Ҳамон ки зода мегардад,, ҳамоно дар шитоб афтад
Зи кулли кардааш ҳар кас ба рӯзе имтиҳон дорад
Тамоми кори ин дунё дар онаш дар ҳисоб афтад
Ба ҳар кас ҳар чизе, ки мерасад, аз кардаҳои ӯст
Илоҳо, бар машоми некинсонҳо гулоб афтад
Нананмояд агар он рӯи зебо дар нигоҳи ман

Чунин бошад, ки дар чашмам на рӯ, балки ниқоб афтад
Намеафтад ба ҷони бехабарҳо аз қазо сӯзе
Ҳазорон сӯз ҳар соат ба дилҳои кабоб афтад
Ҳарончи гуфтаам ин ҷо, нахустин дар хаёлам буд
Халилӣ, кош з-ин пас ин ғазал андар китоб афтад

**228**
Аз дили мо ишқи он оромиҷон маҳмил набаст,
Як дарахте бор н-орад, реша чун дар гил набаст.
«Ҳар илоҷи корро пеш аз вуқӯъ боист кард»,
Ғарқ мегардид Нӯҳ, ар киштӣ дар соҳил набаст.
Сад ҳазорон шукр мегӯям, ки он яктои мо
Меҳри моро бар ягон олиҳаи ботил набаст.
Мӯракеро ҳам накуштам, бар Худо орам қасам,
Дар бари номам Худоям вожаи қотил набаст.
Ҳомилон аз тангдастӣ бори мардум мекашанд,
Борро дар пушти худ бо майл як ҳомил набаст.
Оқилон ҳар корро дониста месозанд ҳал,
Дасту пои хешро бо дасти худ оқил набаст.
Ғофилӣ, ҳарчанд душман ҳаст бар насли башар,
Рахти хоби хешро аммо ягон ғофил набаст.
Эй Халилӣ, дар ду олам Хақ мададгораш наяст,
Он ки андар тӯли умри хеш бар ӯ дил набаст.

**229**
Ишқро андар замин анбоштанд,
Хонаи он лек вайрон сохтанд.
Гашт пайдо дар замин байтулҳазан,
З-он ки Юсуфро ба чаҳ андохтанд.
Чун бародарҳои хороқалби ӯ
Баддилон бар баддилӣ пардохтанд
Дарнамактуфкардагон аз ибтидо

Ҝадри некиро даме нашнохтанд
Посдорони намак дар ҳар замон
Парчами ақлу хирад афрохтанд.
Дар масофи рӯи шатранҷи замин
Андаке бурданду аксар бохтанд.
Рӯҳи моро аз шуою аз сафо
Ҷисми мо аз хоки Одам сохтанд.
Одамонро ҳаст як роҳи пасон
Гарчи дар дунё ба ҳар сӯ тохтанд.
Эй Халилӣ, ҷисму ҷонатро магар
Аз нахи дунёи пурғам бофтанд?

**230**
Дар машраби он сина, ки оби зулол нест
Дар гӯши дилаш ҳеҷ азони Билол нест
Олам барои мурғи хаёлот кӯчак аст
Он мурғ чӣ мурғест, ки ӯро-ш бол нест?
Мо нек бидонем, ки он ҷо ду ҷой ҳаст
Дар мазҳаби мо ҷой ба афсуну фол нест
Моли касе бар гӯр чу ҷисмаш нарафтааст
Имдодгари ҳеҷ касе пулу мол нест
Он некҳоли рӯи замину зи Ҳақ ҷудо
Зинҳор, ки дар зери замин некҳол нест
Олуда макун кому даҳанро ба ину он
Дар ком макун лукма, ки нони ҳалол нест
Ҷоҳу ҷалоли марди хирад ақлу дониш аст
Як зарра эътимод ба ҷоҳу ҷалол нест
Ҳам баъди қатъи зиндагӣ дар рӯи ин замин
Дар ишқи пок ному нишон аз завол нест

**231**
Сари ҳақҷӯи касе дар сари доре бошад

Дар сари турбати ӯ шамъи мазоре бошад
Он зарире, ки ба чашмони дилаш мебинад
Дар нигоҳаш ҳама дам рӯи нигоре бошад
Он ки дар ҳарфи лабаш номи худо ҳасту расул
Дар дилаш, гӯӣ ки, сад сору ҳазоре бошад
"Ҳасу хоре, ки зи роҳи дигарон бародарӣ
Дар дили хок туро боғу баҳоре бошад"[1]
Аз ҷабини ҳама мардони худо нур ҷаҳад
Ё ки мағзи дилашон кони шароре бошад?
Эй ки оинадилиро ба ту додаст худо
Маписанд ин ки дар он ҷангу ғуборе бошад
Ҳарки аз кардаю нокарда худаш ҳарф занад
Ман на онам, ки маро бар касе коре бошад
Эй Халилӣ, чу ба саҳрои қиёмат бирасӣ
Аз накӯит туро кушку ҳисоре бошад

**232**
Моро барои ҳар ду ҷаҳон офаридаанд,
Дар ҳар куҷою давру замон офаридаанд.
Ҳам аз барои дӯзаху ҳам нори сахтӯз,
Ҳам аз барои боғи ҷинон офаридаанд.
Қуръони моро лафз забони Муҳаммад аст,
Моро сулуки некзабон офаридаанд.
То ки ба дасти хеш биёбем нони худ,
Дар ҷӯстуҷӯи луқмаи нон офаридааанд.
Ҳар зодае, ки ҳаст ба ҳар ранг, зоди ӯст,
Аз баҳри чист тиру камон офаридаанд?
Ҳаргиз набуд ному нишоне зи ҳасти мо,
Вақте ки ишқу рӯҳ ва ҷон офаридаанд.
Дунё барои ҳеҷ касе ҷои ист нест,

---

[1] Аз Соиб аст.

Моро, чаро ки тезравон офаридаанд.

**233**
Дуде, ки бурун аз дили бирёни мо шавад
Шарманда аз он абри сиёҳи само шавад
Аз захмати дурии ман аз наздат, эй худо
Тарсам, ки ҷон аз қолаби ҷонам ҷудо шавад
Лайлӣ ба пои нока ба дунболи ёр рафт
Бошад, ки дар он дашт зи Маҷнун садо шавад
Яъқубро дурии ҷигарбанд кӯр кард
Эй кош, бӯи Юсуфаш ӯро даво шавад
Рӯзе, ки халоиқ ҳама сафбаста мешавад
Дар пешгоҳи умматаш ҳар анбиё шавад
Номурда аст дар дили мо сад умеди мо
Шаб ҳарчи дароз аст, ниҳоят сабо шавад
Изрӯз, ки бар якдигарӣ такя мекунем
Ҳомии мо дар рӯзи қиёмат худо шавад

**234**
Аз ниёгон ор мо овардаем,
Ор з-онҳо ёдгор овардаем.
Гарчи рӯзи мо сияҳ карданд беш,
Мо дили бас беғубор овардаем.
Фасли моро қаҳратун карданд ар,
Мо ба ҷояш сад баҳор овардаем.
Ҳар чи меомад зи дасту ҳасти мо
Баҳри ёрону диёр овардаем.
Баҳри маҳви хасму бадхоҳи Ватан
Борҳо мо банду дор овардаем.
Ин гулистони басе ободро
Бар худу ҳам бар табор овардаем.
Ҳар гаҳе ки сахтӣ меомад ба мо,

Рӯ ба он Парвардигор овардаем.
Ин замон дар мулки аҷдодии худ
Ваҳдату ёрӣ шиор овардаем.

**235**
Ҳар сухан аз шакаристони сухан ёфтаам,
Суди андеша зи дарбони сухан ёфтаам.
Ҳар гуле, ки ба назар тофт, начидам, бахудо,
То ҳамоне, ки гулистони сухан ёфтаам.
Лаззати нони даҳан аз садафи дандон аст,
Мазза аз лаззати дандони сухан ёфтаам.
Ошкоро ҳама болои замин пур зи гап аст,
Лаъл аз махзани пинҳони сухан ёфтаам.
Ҳар замоне, ки дил аз гиря ба фарёд расид,
Он замон ман лаби хандони сухан ёфтаам.
Ҳарф ҳам мисли ғизо маззаю бемаза шавад,
Ҳар чи дорам, зи намакдони сухан ёфтаам.
Дигарам нест чу тифлон ба даҳан синаи мом,
Шир аз чашмаи пистони сухан ёфтаам.
Тир бар рағми ҳама тоифаи бадсуханон
Аз дуто раддаи миҷгони сухан ёфтаам.
Шеъри тоҷик агар-ч накҳати анбар дорад,
Кам вале қофиясанҷони сухан ёфтаам.

**236**
Хуни қалбам дар варақҳои китоби ман бубин,
Бӯи дардам дар дили доимкабоби ман бубин.
«Айби покон зуд бар мардум ҳувайдо мешавад»,[1]
Як карат о бар ҳарими ман, ҳиҷоби ман бубин.
Ғофило, Хизрат магар оби бақоят додааст?

[1]. Мисраи Соиб аст.

В-арна не, мео ба назди ман, шитоби ман бубин.
Ҳар замон хавфи аз ин дорулфано беруншавист,
Дар худат кӯрӣ агар, қурби ҳубоби ман бубин.
Дидаам дар пайкари пирон дилони зиндаро,
Мурдадил ҳастӣ агар, қалби шабоби ман бубин.
Мо ба ин дунё барои бозсозӣ омадем,
Дар дили бас беқарорам инқилоби ман бубин.
Шеъри худро ҳеҷ шоир аз барои худ нагуфт,
Эй Халилӣ, дар ҳама шеърам хитоби ман бубин.

**237**

Оне, ки дилаш қамар надорад,
Аз баҳри духул дар надорад.
Миқдори ситорагон тавон гуфт,
Захми дили мо шумар надорад
Оне, ки зи сахтиҳо ҳаросад,
Пайдост, ки ӯ ҷигар надорад.
Сад ҷабри ҳамон, касе, ки умре
Не фоидаю самар надорад.
Одоби накӯ сипар тавон гуфт,
Орӣ зи адаб сипар надорад.
Ҷамъият агар хароб бошад,
Парвои падар писар надорад.
Як ҷодаи рафтан аст моро,
Он кист к-аз ин хабар надорад?
Андозаи ишқи қалби моро
Дар даҳр каси дигар надорад.

**238**

Ҳамоне, ки ба зоти худ замину осмон созад
Тавонад, ки бари некон биҳишти ҷовидон созад
Ту, эй дилбар, диламро бар ба он ҷое, ки худ бошӣ

В-агарна мон, ки андар синаам тарки ҷаҳон созад
Диламро ишқи ту торафт барно мекунад, ҷоно
Rадамро гарчи сахтиҳои ин дунё камон созад
Набишносанд касро ношиносон аз намуди кас
Касеро ҳаркӣ месозад, ҳамон лафзу забон созад
Дили беишқ дар сахтӣ фузун аз оҳану хорост
Дили хорои одамро муҳаббат парниён созад
Барои каргасу зоғон дилам маъво нахоҳад буд
Бимон он ҳудҳуди Ҳофиз ба қалбам ошиён созад
Ҷаҳони бекарон маҳсули шоҳи бекарони мост
Халилӣ, нест шоҳи дигаре кавну макон созад

**239**
Аз ҳамин мавлудагон бозаш агар мавлуд нест
Ин ҳамон бошад, ки одам дар замин мавҷуд нест
Ишқро яздон барои сӯзи мо офардааст
Як дили сӯзандае набвад, ки дар он дуд нест
Дар тамоми корҳо андеша мебояд намуд
Аз газиданҳои ангушти надомат суд нест
Вожаи падрӯд лафзи мунтаҳои одам аст
Санги хоро дар гаронӣ ҳампаи «падрӯд» нест
То зафар ёбем андар корзори зиндагӣ
Дасти мо дар қабзаи шамшери занголӯд нест
Мақсади мо дар ду олам дидани ҷонона аст
Ҷуз ҳамин мақсуд дигар ҳеҷ як мақсуд нест

**240**
Ободии ин майҳан аз ҳиммати мою туст,
Болоии қадри он аз қимати мою туст.
Бинӣ, ки ба ҳар ҷояш ҳар рӯз ҳашам дорад,
Медон, ки шукуҳи он аз ҳашмати мою туст.
Ту – давлату ман – давлат, мо-узви ҳамин давлат,

Подории ин давлат худ давлати мою туст.
Дар сархати қонунаш ҳифзи ману ту сабт аст,
Бинвишта ба оби зар, он ҳуҷҷати мою туст.
Дар шодию дар сӯгаш ҳамроҳи Ватан ҳастем,
Хашмаш ба адӯвонаш ин хашмати мою туст.
Мард аст ҳамоне, ки аз сахтӣ наметарсад,
Сабраш ба ҳама сахтӣ чун тоқати мою туст.
Мою ту яке майҳан чун хулди барин дорем
Покии вуҷуди он аз исмати мою туст.
Амнияти ин майҳан дар ваҳдати мо бошад,
Ҳам ваҳдату ҳам амнаш амнияти мою туст.

**241**
Ҳамчу тӯтӣ сухан аз оина н-омӯхтаам,
То ки як маънӣ биёбам, чу алав сӯхтаам.
Кори ман чоки фаровони дилон дӯхтан аст,
Ҳама бидрида ба алфозу сухан дӯхтаам.
На ба як бору ду-се бор фурӯхтанд маро,
Сарам аз тан биравад, ки яке нафрӯхтаам.
Хар замоне, ки умеди дили ман маҳв шавад,
Ноумедии диламро зи нав афрӯхтаам.
Ақлро пешрави давлату шуҳрат хонанд,
Ҳар чи дорам, ҳамаро аз хирад андӯхтаам.

**242**
Дар машраби дил бодаи тайҳури ноб рез
Чун рехтани оби фузун аз саҳоб рез
То ки шавад хушбӯй саропои қалби ту
Аз фарқи сараш то кафи пояш гулоб рез
Аз хоби беш умри равон барабас равад
Ту оби сард бар сари тафсони хоб рез
Бар мардуми ҳақҷӯй ибороти ангубин

Бар он ки ба Ҳақ унс надорад, итоб рез
Бар махзани ҷонат, ки ҳисоботи ту аз ӯст
Дурдона ба ҳар рӯз зи ҳарфи китоб рез
Бар мардуми бероҳа, Халилӣ, мудом ту
Аз осмони найҳи шариат хитоб рез

**243**
Сарбастагии рози дилон аз ҳубоб пурс
Дунёи пур аз ишқу ҳавас аз шабоб пурс
Оне, ки бинӣ пой ба завлона бастааст
То ин ки аз ӯ панд бигирӣ, маоб пурс
Он косаи обе, ки ба дастат гирифтаӣ
То он ки аз он нӯш кунӣ, аз сароб пурс
Пурсандаи ман, чун ту ба гӯрам гузар кунӣ
Аз қалби пур аз дарду зи ҳиҷрон кабоб пурс
То он ки донӣ оқибати кори осиён
Аз мардуми беисмату шарму хиҷоб пурс
Аз рафтагони мо каси таъхиркарда нест
Таъхир чӣ мепурсӣ зи ман, аз шитоб пурс
Нони даҳони хеш ба мардум диҳад сахо
Аз бахри чӣ ин кор кунад, з-ӯ ҷавоб пурс
Дуне пур аз саволу ҷавоб асту пурсупос
Аз ҳар кӣ ки мепурсӣ, нахуст аз савоб пурс
Азме кунӣ, ки пурсӣ зи мо ину они мо
Моро мапурс аз кайфу сафо, аз азоб пурс

**244**
То он ки хамин арзу само дар назари мост
Дунё ба ҳама сахтии худ дар ҷигари мост
Аз хок дамидему ба он боз равонем
Ин рафтагарӣ, вой ки, охирсафари мост
Бояд ҳамагон нек бидонем, ки рӯзе

Дар зери ҳамин хок раҳи пурхатари мост
Ҳар бад, ки зи мо сар бизанад, ҷурмати мо ҳаст
Ҳар як амали нек ба фардо сипари мост
Беайбии мо душмани мо айб шуморад
Нодидани айби дигарон аз ҳунари мост
Рӯзе, ки ҳама тарки харобат намоем
Он борихудо ҳаст, ки имдодгари мост

**245**
То ба кай бехабар аз одаму олам хобӣ?
То ба кай суди худат аз дигарон мекобӣ?
Агар он оинарӯ аз ту малолӣ дорад,
Зуд тағйир бикун худ, ки ҷаҳаннамбобӣ.
Нӯш месозӣ шаробе, ки Худо кард ҳаром
Нӯш з-он бода, ки дар ҷони ту бахшад нобӣ.
Амалат нек агар ҳаст, ту дар ҳарду ҷаҳон
Шод мебош, ки дар чашми Худоят бобӣ.
Дар дилат нур агар дорӣ чу Хуршеди само,
Маҳсифат дар фалаки чархи само метобӣ.
Он ки меҷӯӣ варо, дар ману дар мою шумост,
Эй Халилӣ, ту ба ман гӯй: «Куҷо мехобӣ»?

**246**
Бишнав, эй фарёдрас, фарёди мо,
То бимонад то абад бунёди мо.
Халқи мо бо сабру тоқат буду ҳаст,
З-ибтидо, аз аввалин авлоди мо.
Аз ҳамон давре, ки одам буду ҳаст,
Ориёӣ буд ин аҷдоди мо.
Мо ба доди додхоҳон мерасем,
Додгар шояд расад бар доди мо.
Майҳани мо саҳнаи фатҳоварист,

Куҳро талқон кунад Фарҳоди мо.
Сархати илми ҷаҳонӣ буду ҳаст,
Аз даводи Бӯалӣ эҷоди мо.
Ин Ватанро боз зебо мекунад,
Он ки монад баъди мо аз зоди мо.
Ҳуҷҷате дорем, ҳифзи мо дар ӯст,
Ҳаст он чун номаи иршоди мо.

**247**

Кавсари хулди барин аз ашки ёрони худост
Сахтии нори ҷаҳим аз пайкари онҳо ҷудост
Дар муҳити ин ҷаҳон ҳастанд агар ғаввосҳо
Киштирони ҳарду олам ошиқонро раҳнамост
Мешавад рӯзе ба сад навбат дили ошиқ шаҳид
Синаи тангаш барои ӯ, ту гӯӣ, Карбалост
Роҳи ошик дур бошад бо ҳазорон сахтиҳо
Мушкилиҳонописандонро худо пушту панонoст
Тоири дигар надорад он чи ки дорад ҳумо
Шоҳии ҳар подшоҳ аз сояи боли ҳумост
Нағмаи зеру бами олам навозад созгар
Ҳар замон аз нойи хунёгар ба гӯши мо садост
Ӯ зи ёрон ҳасту ёронанд дар ҳар ҷо аз ӯ
«Об агар садпора гардад, боз бо ҳам ошост»[1].

**248**

Пок бошад дилам ар, тарси аҷал нест маро,
Лаззати кандани ҷон кам зи асал нест маро.
Ман ба ҳар додаи он ҷуд қаноат дорам,
Ҳар қадар кам бидиҳад, боз ақал нест маро.
Дар рафи хонаи дил ҳар чи ба худ ҷо дорад,

---

[1] аз халқ аст.

Асаре аз амали радду бадал нест маро.
Кас надонад, ки азал то ба кучо мебарадаш,
Rадами бераҳа дар роҳи азал нест маро.
Он, ки коре накунад, дин-ш на дини ману мост,
Ман на муслимам, агар саъйу амал нест маро.
Эй, ту бадхоҳи ману ҳамчу манон чанди дигар,
Он чи дорӣ ту, чунин феълу фиял нест маро.
Ин ҷаҳон бо ҳама ҷабру ситамаш ёри ман аст,
То ки таркаш бикунам зуд, ҷадал нест маро.

**249**

Дар даруни синаи худ миҷмаре дорем мо,
Дар раҳе, ки мебарад, равшангаре дорем мо.
Бе майи лабҳои ӯ моро набошад зиндагӣ,
Дар лаби худ аз лабонаш соғаре дорем мо.
Мерасад рӯзе, ки дигар бистари нармам наяст,
Ҷои он аз хоки мадфан бистаре дорем мо.
Зиндагӣ андар алови зиндагӣ сӯзидан аст,
Дар ҳамон миҷмар, ки гуфтам, ахгаре дорем мо.
Ҳамчу ҳудхуди Сулаймон бар Сабо бояд парид,
Аз каломи ҳақ ба ҷон болу паре дорем мо.
Киштии имони мо то ин ки бошад дар амон,
Дар муҳити пурталотум лангаре дорем мо.

**250**

Ҷисми мо аз обу аз гил сохт ӯ
Рӯҳи мо чун шамъу қандил сохт ӯ
Мою манро дар фарози ин замин
Аз борои бор ҳомил сохт ӯ
Дар саводи синаи паҳнои мо
Аз барои хеш маҳмил сохт ӯ
Маъбаду бутхонаю дайри муғон

Як ба як мамнӯю ботил сохт ӯ
Буд худ танҳою дигар ҳеҷ не
Ҳарчиро аз ҳеҷ ҳосил сохт ӯ
Рӯзро аз бати моми шаб кашид
Тирашаб дар рӯз шомил сохт ӯ
Ҳеҷ кас аз пеши худ комил нашуд
Ноқисонро нек комил сохт ӯ
Аз барои уммати Мавлои мо
Ояҳои хеш нозил сохт ӯ
Токи одамҳо ба ҳам ёрон шаванд
Дар миёни халқ маҳфил сохт ӯ
Хонаи меҳру муҳаббатпарварӣ
Аз вафою ҳубб[1] дар дил сохт ӯ.

**251**
Он ҷо, ки пиёдагон саворанд,
Саршори муҳаббати нигоранд.
Аммо ки саворагони мағрур
Дар дидаи он нигор хоранд.
Онҳо, ки ғизояшон ҳаром аст,
Бар дӯши тамоми халқ боранд.
Ҳаққо, ки пиёдаю саворон
Аз рӯзи нахуст дар шуморанд.
Зӯрони ба Ҳақ адӯ ба фардо,
Шарманда ба назди Кирдигоранд.
Бемори тану салими имон,
Бешубҳа, Халилӣ, бобароранд.

**252**
Кош, боди хуш вазад ҳар субҳидам бар сӯи мо,

---

[1] ҳубб – мухҳаббат

Кош, оби соф бошад доимо дар ҷӯи мо.
Бар субути роҳи умри мо ишорат мекунад,
Ҳар сафедие, ки пайдо мешавад дар мӯи мо.
Ҳар чӣ дорад ин замин аз гунбади чархи самост,
Файзи яздонӣ бирезад, кош, андар кӯи мо.
Кори номатлуби мо чун хасми хуношоми мост,
Ҳаст кори неки мо чун ёр дар паҳлуи мо.
Ҳар амал, ки он ба лафзи найъ мамнӯъ мешавад,
Нест он мамнӯъ ба гову хар, бувад мамнӯи мо.
Дасти он машшотае, ки шонааш дар мӯи мост,
Обёрӣ мекунад бо сурмааш абрӯи мо.
Донаи пошидае дар мазраи дунёстем,
Ҳосилаш вобаста мебошад ба халқу хӯи мо.
Қувваашро ҳар кӣ битвонад ба коре сарф кард,
Сарф гардад, кош, дар кори накӯ нерӯи мо.

**253**
Зи оқил мерасад ақле ба оқил,
Зи ҷоҳил мерасад ҷаҳле ба ҷоҳил.
Ба оташ оташеро кас накуштаст,
Зи ғофил мерасад ғафлат ба ғофил.
Зи маҳди[1]аблаҳӣ бархез, бархез,
Зи омил мерасад илме ба омил.
Чизе ёбам, варо аз кор ёбам,
Зи бекорӣ наёбам ҳеҷ ҳосил.
Бикун оне, ки бояд кард онро,
Макун оне, ки бошад кори ботил.
Зи тӯфони бало дурӣ бибояд,
Наҷоти мо бувад дар амни соҳил.
Зи нокис, эй Халилӣ, дур мебош,

[1] Маҳд-гаҳвора

Зи комил мешавад ноқис комил.

**254**

Дар худ, ки надорӣ ҳеҷ, аз мо ту чӣ меҷӯӣ?
Хушкидасаробӣ ту, дарё ту чӣ меҷӯӣ?
Худ, ки на сафо дорӣ, не нуру зиё дорӣ,
Не субҳу сабо дорӣ, салмо ту чӣ меҷӯӣ?
Бадхӯй агар ҳастӣ, бадбӯй агар ҳастӣ,
Аз мардуми хушнакҳат соро ту чӣ меҷӯӣ?
Мо бандаи Яздонем, аз чун ту гурезонем,
Дорандаи имонем, моро ту чӣ меҷӯӣ?
Аз ҷӯй наҷастӣ ту, ҳам об набастӣ ту,
Ҳам кӯза шикастӣ ту, сақко ту чӣ меҷӯӣ?
Дарди ту ки носур аст, аз фаҳми башар дур аст,
Чашми дилат ар кӯр аст, Сино ту чӣ меҷӯӣ?

**255**

Ишқи ту моро ба ҷаннат мекашад
Гарчи бо сахтию заҳмат мекашад
Захмати мо дурӣ аз дидори туст
Лек дил онро ба тоқат мекашад
Сарв дар пеши қади дилҷӯи ту
То абад бори хиҷолат мекашад
То ба мо буданд лак-лак ҳомилон
Боз лак-лак то қиёмат мекашад
Он ки ошиқ нест парвояш наҳаст
Он ки ошиқ ҳаст, фурқат мекашад
Дар кашидан сӯи худ осема нест
Хуб месанчад, ба тоқат мекашад

**256**

Ҳаст огаҳ роздон аз рози мо,

Ҷӯр дорад сози ӯ бо сози мо.
Саҳнаи пархош бо шайтон бувад,
Маънии меҳроб дар алфози мо.
Тоири бишкастаболе гар наем,
Мепарад дар чархи гардун бози мо.
Чун Масеҳ моро зи рӯҳ мавлуд нест,
Ҳаст аз мому падар оғози мо.
То ба кай тозем мо аз пушти нафс?
Бар гунаҳгорӣ барад ин този мо.
Ишқи мо ганҷинаи пинҳони мост,
Лек ифшо ҳаст бар дамсози мо.
Ёрро гар бо садоқат парварем,
Ӯ бибардорад тамоми нози мо.

**257**

Пок медорам ҳиҷоби ишқро,
З-он ки нӯшидам шароби ишқро.
Дар даруни синаи тангам бубин,
Ин дили аз ғам кабоби ишқро.
Бо ҳама меҳру муҳаббат кардаам
Пур варақҳои китоби ишқро.
Кулли олам буду ҳасту боз нест,
Кас намедонад шитоби ишқро.
Ишқ мегӯяд, ки: «Манро пок дор»,
Бишнавам доим хитоби ишқро.
Он, ки дар дил ишқи яздон парварад,
Нек медонад сароби ишқро.
Аз ҳамон рӯзе, Халилӣ, ошиқам,
Додаам тан инқилоби ишқро.

**258**

Моро шаҳи он тахти муҷалло садо кунад

Дар ҳар нидои хеш: «Ба сӯям биё», кунад
Носур бод дарди дили мо , чу дарди ӯст
Мардуд гардад он ки талоши даво кунад
Ҳар он ки нек ҳаст, сазовори раҳмат аст
То бандагии холиқи арзу само кунад
Ҳар рӯз, ки дар доираи мунтаҳо расад
Як кас натавонад, ки зи нав ибтидо кунад
Хишт ар зи ҷои хест, нағунҷад ба қолабаш)
Одам набояд ҳеҷ ки кори хато кунад
Оне, ки, Халилӣ, ҳама олам азони ӯст
Мӯро зи мӯ дар рӯзи қиёмат ҷудо кунад

**259**
Кист надида бошад ҷабру ҷафои дунё?
Кист нахӯрда бошад фанду фиреби аъдо?
Сад гуна бӯй дорад дунёи номувозӣ,
Кист шамида бошад умре абиру соро?
Ҷисми башар зи хок аст, ҳам дар ҳамон ҳалок аст,
Кист парида бошад дар ҳафт чархи мино?
Гӯӣ, вуҷуди одам сар то ба по хаёл аст,
Кист, ки ӯ «нагирад моҳии зар зи дарё?»
Аҳволи сангқалбон дар растахез сахт аст,
Кист, ки ӯ надонад сахтии санги хоро?
Роҳи наҷоти ҳар кӣ дар ин ҷаҳон ҳамин аст,
«Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро»[1]
Баъди набудани ман гӯ ки: «Халилӣ зиндаст,»
Дар қалби поки мардум пайдо намоӣ моро.

**260**
Ҳар қадар ки зода дорад ин ҷаҳон, модар бизод,

[1] . Аз Ҳофиз аст.

Уқдае бикшод агар, дасти кушоишгар кушод.
Ҳеҷ кас гуфтан набитвонад, ки дар сангар наям,
Зиндагӣ худ бо тамоми маънияш бошад ҷиҳод.
Пояи умри халоиқ аз азал бинҳодаанд,
Ҳар қадар бинҳода бошад, дасти он довар ниҳод.
Як касе бар боварии дигаре гардад сазо,
Дигаре аз эътимоди дигаре берун фитод.
Баҳри ҳар кас майҳанаш аз гӯшаи имони ӯст,
Rарз бошад баҳри ҳар як зодае ҳифзи билод.
Бо каму беше, ки дорӣ, одамо, шукрона кун,
Зор мегардӣ ба кам, ар муддао дорӣ зиёд.
Эй Халилӣ, ҳар киро дар зиндагӣ бояд бувад
Rалби нарму ҳусни шарму ҳиммату дасти кушод.

**261**

Роздоно, огоҳи ҳар роз мебинам туро
Дар дили вайронаи худ соз мебинам туро
Як нигоҳат, ки ба ман созӣ, кифоят мекунад
То ҳамон рӯзе, ки алҳақ, боз мебинам туроман
Ман набудам ибтидо, мавҷуд ҳастам ҳолиё
Холиқи мӯъҷизаю эъҷоз мебинам туро
Ҷуз худам сирри диламро ҳеҷ кас огоҳ наҳаст
Лек бо худ ҳар куҷо ҳамроз мебинам туро
Ман нарафтам бар ягон ҷое, ки ҳамроҳам наӣ
Бо худам дар ҳар куҷо анбоз мебинам туро
Дар замин чун мою дар дарё ба монанди самак
Дар ҳаво чун тайр дар парвоз мебинам туро
Ҳар баду неки Халилиро ба дафтар мекашӣ
Оғаҳи ҳар неку бад, ғаммоз мебинам туро

262

Ҷуз дидани он ёр набошад талаби мо

Моро накунад дур аз ӯ сад сабаби мо
Мо ҳарду лаби худ бибурем ин ки набӯсад.
Он лаб, ки набошад лаби он писталаби мо
Бе партави нураш набувад нури ду олам
Равшан шавад аз нури таҷаллош шаби мо
Оне, ки асил аст, ба таҳқиқ чӣ ҳоҷат?
Мо ориёнажодем, мапурс аз насаби мо
Ҳар дард, ки дар мост, ҳама дарди фироқ аст
Моро бикушад оқибат ин дарду таби мо
З-ин ҷо, ки ба болои замин хонаи мо ҳаст
То хонаи он гӯр бувад як ваҷаби мо

**263**
Банд бошам дар гамат, шодам бигу
Бе хаёли рӯ-т барбодам бигу
Хондаам оёти ишқатро ба ҷон
Фаҳми ин оёт эчодам бигу
Ҷадди ман дини туро машҳур кард
Офарин бар ҷадду аҷдодам бигу
Мум созам қӯхро бо сӯзи ишқ
Сад карат беҳтар зи Фарҳодам бигу
Чун бубинӣ ростафтории ман
Дар ҳарими боғ шамшодам бигу
Чун ба дасти рост гирам номаам
Номаамро хатти иршодам бигу
Ман – Назар, аз миллати Иброҳимам
Аз Халили ҳак ту авлодам бигу

**264**
Дар дасти ӯст риштаи буду набуди мо
Аз баҳри ӯст дар ҳама олам суҷуди мо
Маҳдуд аст вакти адои сучуду савм

Маҳдуд нест зикру саломи дуруди мо
Дар рӯи хоку зери само ҷон зисти мост
Мақбул нест бар шаҳи олам ғунуди мо
Нассоҷ ҳаст ӯю ҷаҳон коргоҳи мост
Бефоида аст аз нахи ӯ тору пуди мо
Ҳиммат баланд дор, ки аз он фано шавад
Дар корзори зиндагии мо ғунуди мо
Бояд чунон буд, Халилӣ, ки то абад
Бӯи накӯи мушк расад аз вуҷуди мо

**265**
Аз рахнаи девор назар кардӣ, чӣ дидӣ?
Аз неку бади даҳр аз он ҷо чӣ шамидӣ?
Дунё бари ҳар зодаи он киштгаҳи ӯст,
Чӣ киштӣ дар ӯ аз худу аз ӯ чӣ дурудӣ?
Ин даҳр, ки худ тоҷири пурмакру фиреб аст.
Бигрифт ҳама шираи умрат, чӣ харидӣ?
Оҳуи Хиторо бари нофаш бикунан (д) сайд,
Ё ин ки ту ҳам ҳамраҳи он оҳу чаридӣ?
Ҳар бӯй, ки ояд ба димоғат, на писанд аст
Хушнуд шудӣ, чун гули хушбӯй шамидӣ.
Ҳарчанд ки аз хуни дилам шеър навиштам,
Эй субҳи, умеди дили зорам, надамидӣ.

**266**
Дар ниҳодаш дин дорад қалби мо
Чашми фардобин дорад қалби мо
Бар муҳибони худо меҳру вафо
Бар адувон кин дорад қалби мо
Ҳаст ёсин қалби Rуръони карим
Сураи ёсин дорад қалби мо
Ҳам умеди будани болои зин

Бими зери зин дорад **қ**алби мо
Шукру бисмиллоҳу ҳам сабри чамил
Партави омин дорад қалби мо
Аз гулу гулзори фирдавси барин
Амри бар худ: ”чин” дорад қалби мо
Дар самои беҳудуди хештан
Моҳу хур, парвин дорад қалби мо

**267**
Сармасти майи беғаши ишқи Ватанам ман,
Бӯяндаи бӯи хуши боғу чаманам ман.
Дар ишқи кафи хоки Ватан сахт кабобам,
То он ки дигар зинда наю дар кафанам ман.
Аз риштаи пундонаи он ҳаст қабоям,
Пӯшандаи беминнати он пераҳанам ман.
Дорад ватанам дар зақанаш себ бароям,
Дорам бари ӯ себи зақан дар зақанам ман.
Монандаи санги ватанам сахтравонам,[1]
Тоқатгари ҳар сахтии давру заманам ман.
Дар шаш тарафи самти Ватан кор ба ҷӯш аст,
Фотеҳи талу теппаю дашту даманам ман.
Аз ваҳдати мо қимати мо то ба само шуд,
Восилагари кандани банду расанам ман.

**268**
Ҳақгӯй, ки умри ҷовидон ёфт,
Ҳар ёфтаи худ аз забон ёфт.
Дар мактабу дар китобу хат нест
Илме, ки зи ишқ метавон ёфт.
Ҳар себи чу ангубину ҳалво

---

[1] сахтравон-сахтҷон.

Аз меҳнати хеш боғбон ёфт.
Ҳар он чӣ замини пок дорад,
Аз холиқи арзу осмон ёфт.
Ҳар роҳии роҳи ишқи сӯзон
Дар мунтаҳа роҳи парниён ёфт.
Ҳар луқмаи тоҳире, ки дорад,
Аз "оши ҳалол" подабон ёфт.
Оне, ки зи беадаб биёмӯхт,
Ӯ ақлу хирад зи оқилон ёфт.
Оне, ки на дар худ асту дар Ӯст,
Ин ҳолати худ чу бедилон ёфт.
Шеъри ту, Халилӣ, ҳар касе хонд,
Дар боли навои булбулон ёфт.

**269**

Як фард надонад, ки варо хона чӣ сон аст,
Он хона, ки дар зери замин асту ниҳон аст.
Як фард нахоҳад, ки бувад сокини он байт,
Аммо чӣ кунад? Хона ҳамон асту ҳамон аст.
Як фард набошад, ки бихоҳад биравад зуд,
Аммо чӣ кунад ин, ки равон асту равон аст.
Як фард нахоҳад, ки кашад ҷабри замонро,
Аммо чӣ кунад ин, ки ба ҳукмаш на замон аст.
Як фард нахоҳад, ки бувад дар дили ӯ ғам
Аммо чӣ кунад ин, ки ғамаш бахри дамон аст.
Як кӯз нахоҳад, ки бувад кӯзмиёне,
Аммо чӣ кунад ин, ки қадаш долу камон аст.
Тарсанд зи ҳақгӯйкасон кизбфӯрӯшон,
Ҳақгӯй агар ҳаст касе, теззабон аст.
Хушбахт ҳамоне, ки миёни ҳама мардум,
Аз ӯ-ш дар ин куҳнаҷаҳон ному нишон аст.

**270**

Эй қотили бетиру камон, ишқи манастӣ
Тороҷгару офати ҷон, ишқи манастӣ
Ҳар кас натавонад, ки чу ман бо ту бисозад
Ман-моҳию ту-баҳри дамон, ишқи манастӣ
Осон бувад аз баҳри ту сӯзидани ошиқ
Эй офати сад давру замон, ишқи манастӣ
Аз ҷабри ту роҳат кунаму сахт бисӯзам
Ту душману ҳам роҳати ҷон, ишқи манастӣ
Бехавф агар ҳаст касе, ишқ надорад
Гиранда зи ман амну амон, ишқи манастӣ
Исбот набошад, ки гили ишқ чӣ бошад
Эй гавҳари бешарҳу баён, ишқи манастӣ
Ҷои ту бидонам, ки қуҷо ҳасту чӣ гун аст
Эй дар дили бекинамакон, ишқи манастӣ
Ғофилакаши ҷону дилам ҳастӣ, чӣ хубе
Андар кафи ту банду инон. Ишқи манастӣ

**271**

Нест як лафзе, ки бошад бе сухун,
Нест як берун, ки бошад бе дарун.
Ҳар кадар Фиръавн фиръавнӣ кунад,
**Ядди** байзо мекунад ӯро нагун.
Манманӣ аз ҳад агар бигзаштааст,
Чаппагардон мешавад аз беху бун.
Ҳам каримию сахои тоҷикӣ,
Ҳаст моро аз азал дар ҷону хун.
Бар касе дунё вафодорӣ накард,
Зи-н сабаб номаш бувад дунёи дун.
Дар кафи дастони худ рӯзи ҳисоб
Нома дорад ҳам тавоно, ҳам забун.
Ҳар касе, ки ошиқ аст, девона аст,

Беҳ зи ҳушёрии мо бошад ҷунун.
Огаҳи ҳар ғайб бошад ғайбдон,
Эй Халилӣ, не “чаро” гӯю на ”чун”.

**272**
Эй молики баҳру бар, моро ту марон аз дар,
Ин куҳнапалоси дил якбора бикун оҳар.
Медонӣ ту рози мо ҳам кулли ниёзи мо,
Ин роҳи дарози мо кӯтаҳ бикуну абтар.
Ту хонахудо ҳастӣ, ҳам ҷуду сахо ҳастӣ,
Ҳам аз ману мо ҳастӣ, моро ту бигир дар бар.
Дардеҳ ту ба мо бода, равшан бинамо ҷода,
Бар ҷаннати озода аз рӯи вафо мебар.
Мо – лашкари роҳи ту, дар аҳду вафои ту,
Дар ҳамду санои ту, ту – афсару мо аскар.
Мо кизбнагӯёнем, бадбӯӣ набӯёнем,
Ҳакро ҳама ҷӯёнем, бар мо бинамо бовар.
Маҳфӯз бикун моро аз ҷурмати ин дунё,
Мебахш ба мо соро, ҳам нофаю ҳам анбар.
Мебахш гуноҳи мо ҳар саҳву хатои мо,
Ту ҳастӣ Худои мо дар ҳарду ҷаҳон раҳбар.

**273**
Мо ёри ҳамонем, ки моро бикушад ӯ
Мо бори ҳамонем, ки моро бикашад ӯ
Моем гурезону мудом аз паси мо ӯст
Мо сайди ҳамонем, ки моро бидарад ӯ
Ҳар мол, ки бошад на барӣ ҳаст зи қурбе
Мо моли ҳамонем, ки моро бихарад ӯ
Ӯ буду ҳамеҳасту ба фардо бишавад боз
Мо худ ки аз ӯем, чун аз мо нашавад ӯ?
Бошему ба чашмаш нанамоем, чӣ ҷабре

Мо баҳри ҳамонем, ки моро нигарад ӯ
Ҳар ҷо, ки равад, мебарад ӯ маҷмаъи моро
Мо баҳри ҳамонем, ки моро бибарад ӯ
Биспарда ба рӯзе ба кафи хоки сиёҳем
Мо баҳри ҳамонем, ки моро сипарад ӯ

**274**

Тавбаи мо то даме дарбаста нест,
Соғари уммеди мо бишкаста нест.
Ноумедӣ афканад моро зи по,
Риштаи уммеди мо гар баста нест.
Шаҳди озодӣ нанӯшад ҳеҷ гоҳ,
Он ки ӯ аз банди нафасаш раста нест.
Дар миёни ҷумлаи беисматон
Сарбасар як одами вораста нест.
Ман надонам кист ӯю чист ӯ,
То ки ӯ дар ҷои худ биншаста нест.
Он ки ӯ фикри хато дорад ба сар,
Обу хоки мо ба ӯ пайваста нест.

**275**

Монанди дунё ҳаст дил, ободу ноובод ӯст,
Ҳолаш фақат якранг не, ҳам лолу дар фарёд ӯст.
Ширини ӯ якто бувад, дар ҳусн беҳамто бувад,
То он ки ӯ аз ӯ шавад, ҳам Хусраву Фарҳод ӯст.
Гаҳ шоҳи боадл аст ӯ, дар тахту дар садр аст ӯ,
Гаҳ шоҳи пурҷабру ҷафо, дар тахти бедод ӯст.
Ҳам мекунад имдод ӯ, бар бандаю озод ӯ,
Гоҳи дигар як нотавон мӯҳтоҷ бар имдод ӯст.
Монанди кулли кӯдакон аз пушти моми худ равон,
Дорад аҷоиб хислате, гаҳ шоду гаҳ ношод ӯст.
Гоҳе, ту гӯӣ, бастапост, ҳар ҷо барояш норавост,

Гоҳи дигар ҳар ҷо равон, дар каф хати иршод ӯст
Гар мурдаилҳом аст ӯ, гӯӣ, ки дар дом аст ӯ,
Гоҳи дигар чун шоирон дар ҷодаи эчод ӯст.

**276**

Партави ишқат ҳама дуне гирифт
Ҳам васат, ҳам зеру ҳам боло гирифт
Бе фурӯғи ишқи ту маъно набуд
Зиндагӣ аз ишқи ту маъно гирифт
Кулли ашёи ҷаҳон дар зикри туст
Шӯри худ аз ишқи ту дарё гирифт
Ҳеҷ бӯе хуштар аз бӯи ту нест
Накҳаташ аз бӯи ту соро гирифт
Он қадар сахтӣ ту дар меҳру вафо
Сахтӣ аз сахтии ту хоро гирифт
Дод бар мо ёри мо амну амон
Дар ду олам амни аъдоро гирифт

**277**

Зикри у гар моҳ моҳи мекунад
Пас чаро одам табоҳӣ мекунад?
Одамӣ гар, ин сухан дар гӯш дор
“Одамӣ шукри илоҳӣ мекунад”
Ин ҷаҳон дарёст, бояд бигзарем
Ҳар кӣ ҳар навъэ малоҳи мекунад.
Шоҳии як подшаҳ поянда нест
То абад ӯ подшоҳӣ мекунад
Одами дорад ачоиб хислате
Гарчи бад аст, хешхоҳӣ мекунад
Шаш тараф дорад чаҳони даргузар

Ҳаркиро бар ҳарсу роҳӣ мекунад
Он ки ӯро дӯст медорад чу чон
Чун Назар вирди пагоҳи мекунад

**278**
Тамоми умр, то ҳастем, истиғфор бояд кард.
Чу Искандар раҳи тақсирро девор бояд кард.
На кам дорем мо душман, ки моро мезанад аз роҳ
Набарди беамон бо душмани ғаддор бояд кард.
Агар ки некинсонию некӯӣ шиори туст,
Ҳамин корат ҳама умри равон такрор бояд кард.
Чӣ парво дорад он ки дар ғамат асло надорад ғам,
Ғаматро дар ҳузури дӯстон изҳор бояд кард.
Яқинӣ мебарад касро ба сӯи ёри беҳамто,
Раҳо худро мудом аз шубҳаю пиндор бояд кард.
Танат дорад агар дарде ба рӯи саҳнаи дунё,
Умеди офият аз гунбади даввор бояд кард.
Халилӣ, он чи мехоҳад дилат аз моли ин дунё,
Талаб онро фақат аз Ҳазрати Ҷаббор бояд кард.

**279**
Моҳи ишқи мо нағунҷад дар само,
Шуълааш асло надорад интиҳо.
Давр гардад дар замину осмон,
Ҳамчунон ки давр гардад осиё.
Ишқи мо бошад ба Хуршеди ҷаҳон,
Ки ҳамебахшад ба мо нуру зиё.
Дар даруни хеш сӯхтан кори ӯст,
Бефиғону бехурӯшу бесадо.
Гарчи дард аст ишқ, мехоҳам, ки он
То даме, ки ҳаст, бошад бедаво.
Ишқ агар ки зина андар зина аст,

Ошиқо, бар қуллаи авҷаш баро.

**280**
Тарси мо аз зоти ӯ бар нафъи мост
Ҷои ӯро ҷустуҷӯ бар нафъи мост
Оби баҳру оби кулу рудҳо
Чашмаҳою оби ҷӯ бар нафъи мост
Маст агар аз бодаи нобем мо
Мастӣ з-ин ҷому сабӯ бар нафъи мост
Душмани мо ҳаст беобии мо
Дар ду олам обрӯ бар нафъи мост
Волаи он рӯю он мӯем мо
Басти мо бар басти ӯ бар нафъи мост
Rалбро ҳам шустушӯ бояд намуд
Rалби худро шустушӯ бар нафъи мост
Яктании душманон хавфест беш
Раҳна дар хайли адӯ бар нафъи мост
Хӯи бад дорем агар, сад ҷабри мо
Эй Халилӣ, акси он бар нафъи мост
Об-обру

**281**
Агар ки бо сиришки шӯр ҳастам,
Ба наздат, дилбаро, маъзур ҳастам.
Агар аз дидагонат дур ҳастам,
Яқин гардад, ки номаъмур ҳастам.
Агар дунёпарасти зӯр ҳастам,
Ба дунёи дигар ранҷӯр ҳастам.
Агар ки бинаму нодида гирам,
Ба чашмам не, ба қалбам кӯр ҳастам.
Агар ишқат, нигоро, дар дилам нест,
Ба номат сад қасам, бенур ҳастам.

Зи ман камтар ягон гову харе нест,
Агар дар сӯги ту дар сур ҳастам.
Агар ки бевафоӣ бар ту созам,
Ба боғи ишқи покат мӯр ҳастам.
Манам масти шароби ишқи покат,
На маст аз бодаи ангур ҳастам.
Шароби маргро вақте чашидам,
Дигар ин ҷо наю дар гӯр ҳастам.

**282**

Имрӯзҳо бояд ҳама шукронаи даврон кунем,
Бо раҳнамоии хирад ҳар мушкиле осон кунем.
Ҳар як ваҷаб хоки Ватан чун ҳаст ҷои зисти мо,
Ин майҳани аҷдодиро з-ин беш ободон кунем.
Тобад зи барқи чашми мо нури бафардо бингарӣ,
Торикии навмедиро дар хештан пинҳон кунем.
Олам шавад огаҳ зи мо бо юмин раҳбарҳои мо,
Номи баланиди хешро дар даҳр партавшон кунем.
То тирамағзе баҳри мо зулмат наорад,боядо
Худро – ҳама якҷону тан андар дараш дарбон кунем.
Ҳам зоҳиру ботини мо бошанд аз як обу гил,
Ҳам покии айён кунем, ҳам покии пинҳон кунем.
Бар рағми мо Аҳриман аст, ҳушёр бошед, одамон,
Бар рағми ӯ, эй одамон, дар ҳар куҷо исён кунем.
Дар сӯги ту борон кунем, аз дидаҳо ашк, эй Ватан,
Дар тую сурат ҳар замон мо чеҳраҳо хандон кунем.
То он ки бошӣ дар амон, то он ки бошад ин чаҳон,
Рӯзу шабон баҳри ҳамин мо тоати Яздон кунем.
Дорад Халилӣ боварӣ бар фатҳи фардоят, Ватан,
Худ гарчи ҷовидон наем, аммо ту човидон кунем.

**283**

Ҳарки бояд, ки раҳн умри равон пок кунад
Хешро дар раҳи он дилбари бебок кунад
Нафси аммораи моро бикуш, эй ризқрасон
В-арна он синаи сабри дили мо чок кунад
Чашми тангам натавонам бикунам пур ба чизе
Он чи худ карда натавонам бикунам, хок кунад
Худ натонам, ки раҳи қисмати худ тахт кунам
Ин ҳама аз тани ман он шаҳи афлок кунад
Он ки дар синаи худ ишқи худо ҷой нашуд
Чашми бемеҳри варо кошки намнок кунад
Кори ёрони худо то ба абад сӯхтан аст
Ишваю нозу адо дилбари чолок кунад
Он ки аз Борихудо авфи гунаҳ мехоҳад
Тавба бояд зи майи мастгари ток кунад

**284**

Хуни худ хӯрдан бувад кори дилам,
Оташи ишқам бувад нори дилам
Оби чашмам, ки зи чашмам меравад,
Нек бинам, ҳаст анҳори дилам.
Торикии ину он дунёи худ
Мекунам равшан ба анвори дилам.
Ҳар чизе, ки аз забонам бишнавӣ,
Ҳаст он овои изҳори дилам.
Rатраи заҳри забонам чун чакад,
Ҳаст он аз наштари мори дилам.
Аз ҳазорон ҷо, ки дорад ин замин,
Ҳаст беҳтар деҳи Порвори дилам.
Душмани ман нест аъдое, ки ҳаст
Ҳаст он аъдои ғаддори дилам.
Тан маро дар хонаи вайрона нест,
Rасри он шаҳ ҳаст дарбори дилам.

Эй Халилӣ, шеър мехонӣ агар,
Рӯй меовар ба ашъори дилам.

**285**
Ишқи мо то дарди бедармони мост,
Ҷонишини аввали имони мост.
Он чи бетағйир мемонад мудом,
Синаи саршор аз имони мост
Он чи нафрӯшем онро ҳеҷ гоҳ,
Бар ягон моли ҷаҳон, виҷдони мост.
Кас надонад дар ниҳони парда чист,
Сахтии мо ҳаст, ё осони мост?
Ҷои он ки дод бар мо ҷон, куҷост?
Ҷои ӯ дар мағзи ҷони ҷони мост.
Ҳаст дар ҳар ҷою нопайдост ӯ,
Нозири мо ҳасту ҳам пинҳони мост.
Эътимоде нест бар қуфли даре,
Дар ҳама рӯзу шабон дарбони мост.
Нест ар дар хонае, файзе наяст,
Файзи ӯ дар хонаю дар хони мост.
Кист ӯ, ки сарпарасти мост ӯ?
Эй Халилӣ гӯямат, Яздони мост.

**286**
Меою зи ман, эй шаҳи олам, ғубор гир
Ин сайди гумкардаи худ дар шикор гир
Ҳарчанд ки дар ҳарду ҷаҳон ҷои гашти туст
Андар даруни синаи гармам қарор гир
Аз ман гуноҳи кардаи ман, эй худои ман
Ҳар гаҳ ки зи ман сар бизанад, барқвор гир
Манро, ки ба он гулшани зебо равонаам
Андар рикобат, эй шаҳи чобуксавор гир

Даҳшатбабор аст сарои қиёматат
Дасти маро дар ҷабҳаи ин корзор гир

**287**
Наврӯзии ҳуснатро ман ҳамд ҳамегӯям,
Ҳар он чӣ, ки меҷӯям, он дар ту ҳамеҷӯям.
Эй майҳани озодам, ҳам аз ману аҷдодам,
Ман зарраи хокатро чун мушк ҳамебӯям.
Ҳам қисмати ман аз туст, ҳам исмати ман аз туст,
Ман занги дилу ҷонам бо оби ту мешӯям.
Эй майҳани хушрӯям, ман бӯи ту мебӯям,
“Ҳу” – е агарам гӯям, аз баҳри ту мегуям.
Рӯзе, ки расад аз нав одам зи лаҳад хезад,
Ҳар ҷо, ки сукут астам, аз хоки ту мерӯям.
Эй кишвари раҳсозам, мақбули худат созам,
То ҳастаму то ҳастӣ, ман роҳи ту мепӯям.

**288**
Бо покии калби худ аз зер забар созем,
Он дилбари зеборо як рӯз ба бар созем.
Дӯзах на барои мост, бошем агар бо ёр,
Дурем агар аз ӯ, з-ин дури сақар созем.
Ҳам савму салоти мо, ҳам ушру закоти мо,
Ҳар як шаҷарӣ бошанд, з-ин боғ самар созем.
Хуршедӣ на осон аст, маҳтобӣ на осон аст,
Аз ахтари камнуре мо Шамсу Rамар созем.
Файзу баракат ҳар ҷо андар сифати кор аст.
Ҳар кор, ки месозем, бо хуни ҷигар созем.
Бар рағми ҳама сахтӣ, дар зерию дар пастӣ,
Оне, ки наҷоти мост, бар хеш сипар созем.
Бояд, ки дар ин дунё бо ҳиммати беҳамто
Он ҷодаи фардоро бехавфу хатар созем.

Оинасифат созем ҳам ҷону дили худро,
Як бор агар кардем, сад бори дигар созем.

**289**
Хуршеди ишқи пок аз он шаҳ падид шуд
Маҳруми ишқ мурд, яке нопадид шуд
Номурда аст токи ҷаҳон ҳасту одам аст
Он ошиқе, ки дар раҳи ёраш шаҳид шуд
Сахт ҳаст ҳоли он ки зи ёраш садош нест
Ҳар як садои ёр ба қалбаш навид шуд
Оне, ки банду бастаи меҳру вафо гусаст
Ин нохалаф бар ёри дилоро палид шуд
Ишқ аст, ки дар ҳарду ҷаҳон ҷовидон ӯст
Ҳар кад-р кӯҳан гашт, зи аввал ҷадид шуд
Бе пир нест ишқ, инобат ба ӯ кунед
Бисёр накӯ шуд, ки Халилӣ мурид шуд

**290**
Бихрад аз нобихрадӣ бошад ҷудо,
Бехирад аз бихраду ҳам аз Худо.
Рӯз холӣ ҳаст аз зулмоти шаб,
Шаб надорад партави субҳи сабо.
Rалб ҳам чун одамон гап мезанад,
Гарчи ӯро нест чун одам садо.
Дар ҳаёти бихрадон тақсир нест,
Ҳаст дар нобихрадон садҳо хато.
Бихраду ҳиммат зи як обанду гил,
Дар ҳама нобихрадон набвад сахо.
Бихрадонро нест афкори дигар,
Ғайри тарси маҳшару рӯзи ҷазо
Эй Халилӣ, бош аз бихрадкасон,
Дар фарози арзу дар зери само.

**291**
Намебошад ягон аввал, ки ӯро нест анҷоме,
Ба ҳар ҷое бувад байте ба болояш бувад боме.
Тамоми зиндагӣ пайвасти ину он ҳамебошад,
Куҷое пухта ар бинӣ, бигу: “пайдост аз хоме”.
Ба хоки пои як оқил баробар нест сад ҷоҳил,
Куҷо дидӣ, ки бошад нур дар зулмоти як шоме.
Чаро дар косаи чинӣ тани одам намебинӣ?
Намедонӣ, ки аз он нест холӣ ҳеҷ як ҷоме.
Ҳар он ки беҳаё бошад ва ё з-имон ҷудо бошад,
Напечонад тани худро ба сатрею баэҳроме.
Касе гуфтан набитвонад, ки : ”То ҳастам дар ин дунё,
Надорам аз Ҳудои хештан дар гарданам воме”.
Ба он яктои беҳамто, ки мислаш нест дар дунё,
Ту, эй қосид, бар аз мо салому вирду пайғоме.
Халилӣ метавонад, ки шабе сад шеър бинависад,
Агар аз махзани илҳом ояд шавқу илҳоме.

**292**
Панди ақлам ишқро дар гӯш нест,
Ном-ш набвад ишқ, ар дар ҷӯш нест.
Он, ки нодон ҳасту мегӯяд фузун,
Нест ӯ одам, агар хомӯш нест.
Нокасон тарсанд аз бихрадкасон,
Ҳар куҷо, ки гурба бошад, мӯш нест.
Он, ки нони худ ба роҳат мехӯрад,
Аз риёкорони азрақпӯш нест.
Ӯ чӣ инсон ҳаст дар рӯи замин,
Бори дунёро агар бар дӯш нест?
Кори ошиқҳо фақат ҷӯидан аст,
То даме ки ёр дар оғӯш нест.

**293**

Сӯхт даруни ҷони ман дар ғамат, эй ниҳони ман
Эй маҳи ломакони ман, эй шаҳи ҷовидони ман
Пок бикун забони ман, ҳар сухану баёни ман
Ҳифз бикун равони ман,эй сипару синони ман
Бе ту мабод буди ман, бар ту бувад суҷуди ман
Шому саҳар дуруди ман, эй ту ҳама ҷаҳони ман
Хонахудои дил туӣ, ёри ба ман асил туӣ
Холиқи обу гил туӣ, эй ту сафои ҷони ман
Луқмаи нонам они туст, оби равонам они туст
Дарду ғамонам они туст,файз бидеҳ ба хони ман
Ҳастии ҷовидон туӣ, соҳиби ду ҷаҳон туӣ
Раҳбари одамон туӣ, хулд бикун макони ман

294

Моро ба сар ҳавои наззораи нигор аст
Бар мо бигу, ёро: он ёр бар кӣ ёр аст?
Рӯяш ҳаменамояд дар рӯзи рӯйбинӣ
Ҳар ошиқе ки дорад, он рӯз интизор аст
Ҳар он-к об нӯшад аз чашмаи муҳаббат
Монанди чашмасорон пурҷӯшу беқарор аст
Оне, ки ишқи ҷӯшон дорад даруни сина
Дар фасли қаҳратун ҳам дар қалби ӯ баҳор аст
Ишқ аст дар такаммул ёр аст дар таҷаммул
Масти ҷамоли гулҳо дар бӯстон ҳазор аст
Дил меравад ба ҷонон аз ҷисми хеш пинҳон
Масти ҳавои он маҳ дар аспи дил савор аст
Дар ихтиёр дорӣ шаш самти раҳ, Халилӣ
Ман меравам ба он сӯ, он сӯ,ки он нигор аст

**295**

Rалби мо аз ин замин бар сӯи гардун меравад
Сарбасар пур аз ҳавои ишқи Бечун меравад
Гӯиё Маҷнун шудаст аз ишқи он Лайлои худ
Ки мудомаш сӯи дашту кӯҳу ҳомун меравад
Фарқ дорад ашки мо аз ашки чашмони касон
Чунки он олуда бо зардобу бо хун меравад
Эй табиби ҷисми мо, ою ба он дармон бидеҳ
Аз тани пурдарди мо ҳар лаҳза дармун меравад
Рафтани дилро ба чашми сар набинам хеҷ гоҳ
Кас намедонад, ки дил аз мо ба он чун меравад?
Он ки ӯ ушру закоти мол дар дунё надод
Ҳар гаҳе ки меравад, бар назди Rорун меравад
Кас наметонад, ки гирад пеши роҳи умри хеш
Умри мо рӯзу шабон мондани Ҷайҳун меравад
Чашми калби ошиқони пок мебинад накӯ
Бахти он ошиқ, ки ӯ аз хеш берун меравад

**296**

Ман китфи зери борам, бебор менамоям,
Ҳар ҷо гуле, ки бинам, бехор менамоям.
Бӯсидани лабонат бошад агар гуноҳам,
Ман ин гуноҳи худро такрор менамоям.
То ки ба дашти маҳшар пайдо намоям обе,
Ман дидагони худро анҳор менамоям.
Дархобрафтагонро, аз ҳақгусастагонро,
Бо ҳар ҳиҷои шаърам бедор менамоям.
Сирри диле, ки дорам, аз ину они дунё,
Бар дӯстони ҷонӣ изҳор менамоям.
Ҳар рӯзу субҳу бегаҳ хонам агар кушоям,
Нони ҳалоли худро ифтор менамоям.
Аз ҷодаи ҳақиқат берун наям, Халилӣ,
Ҳар ҷо, ки Ҳақ набошад, инкор менамоям.

**297**

Аз ояти ишкам ба ту тумор нависам,
Он гаштаю баргашта, батакрор нависам.
Бар гӯши рубоби дили хунёгари мо гӯй:
“Гар бас бикунад нағма,ба ӯ дор нависам”.
Маддоҳи ҳамонам,ки маро ёр бигӯяд,
Бо хуни дилам ман ҳама ашъор нависам.
Бишкаста шавад, бори Худоё , қалами ман,
Як шиква агар аз ситами ёр нависам.
Дар байни ману ту агараш рафту адӯ ҳаст,
Фармони фаногардии ағёр нависам.
Ҷабрам макун, эй ёри ситамкора аз ин беш,
Тумор ба ту, ҷобири ҷаббор нависам.

**298**

Аз канорам дур созам гандаро,
Гандаи сар то ба по огандаро.
Хандае, ки рӯзи мотам мешавад,
Ман намехоҳам чунин як хандаро.
Кандани пайвандҳо набвад ҳунар,
Васл созам бандҳои кандаро.
Сар занад ҷурме агар аз бандае,
Авф созад Эзидаш он бандаро.
Эй ҳумои ҳафт сақфи осмон,
Бол бахшо тоири паркандаро.
Ҳар чӣ мо дорем дар дунё, аз ӯст,
Ҳамд гӯям розиқи бахшандаро.
Эй Халилӣ, чун ба мадфан мерасӣ,
Бо ҷавобат шод кун пурсандаро.

350
Саҷда меорам ба хоку дар нигоҳам рӯи ӯст
Рӯи он ки боғи қалбам гулфишон аз бӯи ӯст
Осӣ мегардам агар гӯям ,ки: «ҳарҷо нест ӯ»
Ҳар куҷое рафтаам ,онҷо макону кӯи ӯст
Гар ба занҷирам бибанданд,он тавонам барканам
Он ки натвонам канам,як тор аз гесӯи ӯст
Бе вуҷуди нофааш хоки замин бадбӯ шавад
Ончи дунёро муаттар мекунад,он бӯи ӯст
Шаш тараф дорад замин дар ихтиёри одамон
Бар кадом сӯе, ки бо ёдаш равам, он сӯи ӯст
Чун газад занбӯр моро ,дон ,ки шайтон мегазад
Ангубин дорад агар ,медон, ки он орӯи ӯст
Ҳеҷ кас бе изни ӯ як кор натвонад кунад
Ҳар кадар нерӯ ,ки дорад одам, аз нерӯи ӯст
Ӯғами моро дар ин дунёю онаш мехурад
Онки бардорад ҳама ин борро ,бозӯи ӯст
Тури Сино буд Мусоро ба ӯ меодгоҳ
Токи ҷон дорад Халилӣҳам,ба ҷустӯҷӯи ӯст

351
Ҳарҷо ки будам ,ҳам шабу ҳам рӯз маро дид
Бо синаи бирёну пур аз сӯз маро дид
Дар даймаҳу дар тирамаҳу мавсими гармо
Дар фасли пур аз сабзаи наврӯз маро дид
Чун даргузарам ,зинда бидӯзад кафанамро
Ҳолоки ҳаётам ,чу кафандӯз маро дид
Ҳар қадр гирифтам сабақ аз мактаби дунё
Чун кӯдаки яксола навомӯз маро дид
Бо қомати чун сарви равон дар бари гулҳо
Дар фасли хазонрез басо кӯз маро дид
Худ пир шудам ,лек дилам пир набошад
Бо синаи чун шамъ дилафрӯз маро дид

352
Аз ҳарфи ишқ борад борони дӯстдорӣ,
Меҳру вафо бияфзо бар ҷони дӯстдорӣ.
Пайкони ишқи дилбар дар синаам бишуд ҷо,
Машкан, Худои олам, пайкони дӯстдорӣ.
Бе ишқ будани мо дар ҳабс будани мост,
Ҷаннатсарой бошад зиндони дӯстдорӣ.
Аз шамъи дӯстдорӣ равшан бикун дарунат,
То он ки буда бошад имкони дӯстдорӣ.
Оҳангари замона путкаш ба ман бикӯбад,
Тоб оварад ба путкаш сандони дӯстдорӣ.
Ҳодии бевафоӣ шайтони хонасӯз аст,
Бори Худой бошад Яздони дӯстдорӣ.
Соқии дӯстдорӣ моро зи мо рабудаст,
Аз бода лаббалаб ҳаст хумдони дӯстдорӣ.
То он ки ҷон дорам, кому даҳон дорам,
Асло намеканам ман дандони дӯстдорӣ.

353
Феъли одам дар худаш пинҳоншавист,
Мушкил аз ҳар мушкиле инсоншавист.
Хушкгардӣ ҳаст кори ин замин,
Кори абри осмон бороншавист.
Нарх дар бозор қимат мешавад,
Хоҳиши мардум- ҳама арзоншавист.
Ақл, агар дар хоб бошад, ҳасрато!
Ҳосили хоби хирад ҳайвоншавист.
Охири ҳар сури мо бигристан аст,
Мунтаҳои сӯги мо хандоншавист.
Мурдаи боном асло мурда нест,
Зиндаи беном-худ беҷоншавист.
Ин ҷаҳонро тарк мегӯяд ҳама,
Кори марди дар сафар меҳмоншавист.

Бар Халилӣ аз ҳама маймунтар[1];
Бар ҷамоли дӯстон пазмоншавист

354
Ончи ки имрӯз пайдо нест ,пайдо мешавад
Ончи ки алҳол аз мо нест ,аз мо мешавад
Холиқи арзу само сӯи замин ояд агар
Қадри ин хоки сияҳ то арш боло мешавад
Ин ҷаҳон майдони аз байн рафтану эҳёшавист
Ончи ки имрӯз эҳё нест, эҳё мешавад
Некинсонҳо ба дилҳо роҳ пайдо мекунанд
Ҳар чизе бозоргир афтод ,савдо мешавад
Меҳру шафқат мекунад дилро радифи парниён
Лек аз бухсу ҳасад чун санги хоро мешавад
Ҳар қадар сероб бошад ҷӯй ,ҷӯбор аст он
Чун ба ҷуйҳои дигар пайваст ,дарё мешавад
Вожаи зебо кунад гуфтори касро дилнишин
Нутқ агар зебокалом афтод ,шево мешавад
Бахт меёбад ҳамон ,ки дар ҷаҳон ,дар зиндагӣ
Садқаи он ёри яктогарди якто мешавад

355
Сазовори сано гардад ҳар он ки ҳимматаш бошад,
Гирифтори ҷазо гардад, ҳар он ки ҷурматаш бошад.
Баҳадде ҳаст афзун раҳмати Парвардигори мо,
Ки шайтон ҳам ба дил уммедвори раҳматаш бошад.
Чунон шарму ҳаё дорад, ки дунёро бишармонад,
Ҳаёю шарми мардум сифри шарму иффаташ бошад.
Агар исмат набошад, файз тарки ин замин созад,
Зи қаъри ин замин то чархи боло исматаш бошад.

---

[1] Маймун-гуворо, зебо.

Ҷаҳон дар назди нерӯяш чу як пӯфак –ҳубобе нест,
Баподории ин кавну макон аз қудраташ бошад.
Ягон касро намехоҳад гирифтори ҷазо созад,
Ба ҷурматкориҳо то рӯзи маҳшар тоқаташ бошад.
Ба мо наздик бошад аз раги гардан, ки мо дорем,
Фузун аз меҳри модарҳо ба тифлон шафкаташ
бошад.
Расули ӯ Мухаммадҳаст бар кулли башар имрӯз,
Китоби зарҳалии ӯ ба мардум ҳуҷҷаташ бошад.
Ба ёди ӯ будан доим, Халилӣ, шарти имон аст,
Варо фарёд кардан дар азону қоматаш бошад.

356
Чӣ ҳосил аз чунин будан, ки ҳасту бенишон бошӣ?
Сазад, ки дар накӯномӣ дирафши Ковиён бошӣ.
Ҳар он чи метавонӣ кард, онро дар замин мекун,
Набитвонӣ, аё одам,малак дар осмон бошӣ.
Ба чашми қалби худ бингар,ки чашми ӯст
равшантар,
Ба чашми дил тавонӣ ,ки духули одамон бошӣ.
Агар дар худ наметобӣ , миёни мо-ш метобӣ,
Бикӯшо, то ки ҳастӣ, дар миёни мо нишон бошӣ.
Набитвонӣ шавӣ пинҳон зи чашми тезбини ӯ
Агар дар худ ниҳон бошӣ, барӣ аз накди ҷон бошӣ.
Агар некӣ ва ё бад, дар ниҳони худ ҷаҳон дорӣ,
Ҷадал бинмо,ки умре дар ҷаҳони ошиқон бошӣ.
Замонҳо мешавад дигар,халоиқ мешавад дигар,
Ба дунё ҷовидон монӣ ,агар фахри замон бошӣ.
357
Чӣ кас ҳастӣ агар, дар зиндагӣ савму суҷудат нест?
Ва ҳам бар он ки аз ҳолат хабар дорад, дурудат
нест?
Ба масҷид бе таҳорат ҳеч кас гоме набигзорад

Бурун аз хонаи дил кун ҳар оне, ки ба судат нест
Ҳама дар зери хоки сард рахти хоб меёбад
Бидон, болои он то зиндаӣ, ҷои ғунудат нест
Фузун дар байни мо аз ростгӯён кизбгӯёнанд
Чаро «сӯхтам» ҳамегӯӣ, ки дидам ҳеч дудат нест
Ту ҳастӣҳолиё бо маҷмаи буду набуди худ
Расад рӯзе, ки дигар не вуҷуду колбудат нест
Матои умри ту аз риштаҳои тору пуди ӯст
Аё нассоҷ, ҳар бофидаат бе тору пуде нест
Ҳама буду набудат ҳаст аз буду набуди ӯ
Вагарна аз худат дар зиндагӣ буду набудат нест
Таманно дорӣ аз Ҳотам ва аз ҷому сабӯи Ҷам
Чаро чун Ҳотаму чун Ҷам сахокорию ҷудат нест?
Халилӣ,накди худ бистон, зи умрат, ки ба як рӯзе
Ба ҷуз аз чордевори лаҳад марзу ҳудудат нест

358
Дил мешиканад, аммо ҷон пора намегардад,
Дил хора тавонад шуд, ҷон хора намегардад.
Бечорагӣ сангин аст, бемазҳабу бе дин аст,
Онро, ки Худо чораст, бечора намегардад.
Дар дасти ҳунар хора, чун лаъл ҳамегардад,
Қадраш бишавад афзун, бекора намегардад.
Нафси бади аммора бо серӣ буда ногап,
Чун ёри қаноат шуд, аммора намегдад.
Ақл аст нақиби мо, беақлӣ-рақиби мо,
Ҳар ҷо ки равад оқил, овора намегардад.
Хаммoрагӣ ар хоҳӣ, хаммораи Лайло бош!
Ошиқ ба майи моддӣ хаммора намегардад.
Ҳар рафтаи якбора маҳруми ҳамин дунёст,
Аз даҳри дигар асло дубора намегардад.
359
Истораи бахти ман дар чархи барин бошад,

Ҷои тани хокиам дар рӯи замин бошад.
Наврӯзи рухат дидам, гулҳои тараш чидам,
Дар мӯи ту печидам, эй кош, чунин бошад.
Омад ба суроғи ман, нуқлу ҳам аёғи ман,
Ирсол кӣ кард онро, он ёри қарин бошад.
Ишқ аст вуҷуди ман, ҳам ҳамду дуруди ман,
Ҳам буду набуди ман, бе ишқ на дин бошад.
Дар ишқ муҳаббат ҳаст, ҳам покию исмат ҳаст,
Ҳам сӯзишу тоқат ҳаст, дар ишқ на кин бошад.
Ангушти Сулаймонро хотам фари нав бахшид,
Дар панҷаи дасти дил, эй кош, нигин бошад.
Худ ишқ хатарзод аст, ин гуна зи мелод аст,
Кораш ҳама фарёдаст, эй кош, чунин бошад!

360
Айбат натавонӣ кард рӯпӯш
Эй хоҷа, аз он басири боҳуш
Дар деги фироқи ӯ наҷӯшӣ
Токи накунӣ худат фаромӯш
Андарзи варо,ки нақди ҷон аст
Гӯшворасифат бидор дар гӯш
Аз бодаи духти раз бипарҳез
Аз бодаи бегазанди ӯ нӯш
Дар ҷои сухан сухан бипардоз
Дар ҷои хамӯшӣ бош хомӯш
Андешаи рӯзи баъд мекун
Дигар натавонӣ рафт бар дӯш
Дилёбӣ агар натонӣ кардан
Холист туро мудом оғӯш
Аз дӯзахи н-одамӣҳазар кун
Фирдавси дилат бидор гулпӯш
Дар ғайби Халилӣ бесухан бош
Ҳар айби варо бигӯйдар рӯш

361
Майфурӯшу соқию майнӯш -ту,
Кардаӣ моро зи мо беҳуш-ту.
Нолаи мо то ба гардун мерасад,
Гӯиё нашнидаӣ. Хомӯш-ту.
Гарчи худ савдогари дунёстем,
Гуфтаӣ бар мо : «Ватан мафрӯш ту!»
Аз ҷудоиҳо зи по афтодаем,
Гир моро танг дар оғӯш ту.
Пераҳан ҳам зебу ҳам амни тан аст,
Ҷандапӯшонему атласпӯш-ту.
Амру найъат, ки ба нафъи ҷони мост,
Кардаӣ моро духули гӯш ту.
Ҷисми моро чун шаби ялдо хунук,
Қалби моро кардаӣ дар ҷӯш ту.

362
Доми дилҳо рӯи бас хушрӯи туст,
Мушку соро мунфаил аз бӯи туст.
Ҳар қадар дарё, ки дорад ин замин,
Оби онҳо қатрае аз ҷӯи туст.
То ки дӯзам синаи садчокро,
Чоксозо, риштааш аз мӯи туст.
Ашки чашмонам чу дарё кардаӣ,
Гӯиё он ашк не,Омӯи туст.
То ки абрӯи ту меҳроби дил аст,
Саҷдагоҳи тоаташ абрӯи туст.
Одамию бандагӣ дар «ҳу»-занист,
Ину он бошад агар, он «ҳу»-и туст.
Рӯи хоки ин замин ҷои Назар,
Ҷои рӯҳу ҷони ӯ дар кӯи туст.

363
На инсон ҳаст он зоте ки,дил орӣ зи яздон аст
Баланд аз ҳар чизе дар ину он дунёст, инсон аст
Худояш токро аз ибтидо дар саҷда офардаст
Сари ар-ар набошад хам, магар аз зоти шайтон аст?
Ҳама дар чашми якдигар ба дидан якнамудастем
Хирад дар одамӣ дар пӯст не, дар мағз пинҳон аст
Тани худро ба садҳо навъи дору ҳифз месозем
Табобатсози ҷону рӯҳи одам ҳарфи Куръон аст
Ду дунё офарид яздон барои ҳар як аз инсон
Нарафтан аз ҳаминаш сӯи онаш ғайри имкон аст
Ҷаҳон як мизбон дорад, ки ҳукми ҷовидон дорад
Дигар ҳар чиз, ки дорад ин ҷаҳон,дар ҳукми меҳмон аст
Дирафши дину имонро касе хамкарда натвонад
Ливои он,Халилӣ,дар ҳама олам парафшон аст

**364**
Беамон аст дил, амонам бурдааст,
Ҷовидон аст худ, замонам бурдааст.
В-ар будӣ тиру камон, мекуштамаш,
Ман чӣ созам, ки камонам бурдааст.
Дар даруни хонаам. Дар хона-не,
То ба кайҳон ошёнам бурдааст.
Гуштро аз пайкари абгори ман,
Мағзро аз устухонам бурдааст.
Ман ба дил асло накардам гандагӣ,
Пас чаро зӯру тавонам бурдааст ?
Он қадар кардаст маҷнунам, ки нак,
Номи манро аз забонам бурдааст.
Дар ҳамин дунёяму гӯё наям,
Ё ба даҳри ҷовидонам бурдааст?
Ман дигар бар дил нагӯям носазо,

Ки ба он оромиҷонам бурдааст.

365

Сарфарозам аз худодории дил,
Дар раҳи ӯ аз вафодории дил.
З-аввали шаб то дами субҳи сабо,
Аз нахуфтанҳою бедории дил.
Аз ба некон ҳамнишинӣ карданаш,
Аз бадон дурию безории дил.
Шарми ӯяш пардаи имони ӯст,
Ман надидам ҳеҷ беории дил.
Бори ин дунё ҳама бар дӯши ӯст,
Сифр бошад вақти беории дил.
Рӯзу шаб беист дар кор аст ӯ,
Ман надидам вақти сархории дил.
Эй сафобахшандаи дилҳои мо,
Кам макун асло сафокории дил.
Эй Халилӣ,то ки ҷон дорӣ ба тан,
Дур бошад аз ту беморdaи дил.

366

Эй ту ёри пулу мо ёри Худо
Дар аён ҷамъему дар пинҳон ҷудо.
Ҳар яке бо тарзи худ мо умматем,
Уммати шаётон-ту,мо аз анбиё .
Дарди мо дарди шифобахшои мост,
Дарди ту пул аст, бошад бедаво,
Мо- гадои даргаҳи Яздони худ,
Ту-ғанои сарвату молу матоъ.
Мо равон бар сӯи мавлои худем,
Ту равон бар сӯи шайтони даға.
Мо қаноатро ба дил ҷо додаем,
Нафси саркашро туат дар хеш ҷо.
Луқмаи нони даҳонат хуни мост,

Нони қоқи мост аз бозуи мо.
Марг ҳам моро набитвонад кушад,
Зиндаи ту ҳаст дар ҳукми фано.

367
Машки саққоро, худо, аз мо бикун
Ташнагони обро даво бикун
Дина бо мо, буд аз мо рафт он
Ҷони моро озими фардо бикун
Сабзхинги умри моро, эй худо
Сӯи худ то ҳаст,раҳпаймо бикун
Ҷисми моро пир созӣ, бок нест
Ҷони моро ҳар замон барно бикун
Волаи ҳар ҳарфу овои туем
Ҳарф бо мо ҳамчу бо Мусо бикун
Гарчи худ аз хоки раҳ поинтарем
Қадри моро то фалак боло бикун
Ҳастии мо оқибат ноҳастӣ аст
Боз моро аз дигар эҳё бикун
Ин Халилии мад(д)оҳи хешро
Дар биҳишти ҷовидонат ҷо бикун

368
Дар гиря, гаҳи дигар хандони ту ҳастам ман,
Дар шиква, гаҳи дигар шукрони туҳастам ман.
Эй ҳаркибиҳасти ман, аз рӯзи аластам ман,
Мегир ту дасти ман, пазмони ту ҳастам ман.
З-ин даҳри харобатам, бишнав ту муноҷотам,
Бипсанд ту ҳоҷотам, меҳмони ту ҳастам ман.
Ҳар ҷо, ки равам, тобам,ё бобаму нобобам,
Бедор ва ё хобам,пинҳони ту н-астам ман.
Дар хонаи танги дил,кардам бари ту манзил,
То ки наравӣ дигар, дарбони ту ҳастам ман.

Оташ ба таги поям ,он ҷост магар ҷоям?
Чун донаи дар тоба бирёни ту ҳастам ман.
Як-моли ҷаҳон хохад, як-боғи ҷинон хоҳад,
Як –ҳам ину он хоҳад, хоҳони ту ҳастам ман.
Дар чашми сари моӣ, аммо наки бо моӣ
Бо қалби набиноӣ, бас аблаҳу коноӣ
Эй захми тани миллат, эй сар ба сарат иллат
Эй ҳар амалат ҳиллат, ту бар ҳама аъдоӣ
Инсоф надорӣ ту, алтоф надорӣ ту
Аъдоф надорӣ ту. то кай ту ба худ н-ой?
Маҳбубтарам аз ту, ҳам хубтрам аз ту
Марғубтарам аз ту,ту нокасу расвоӣ
Ман ошиқи яздонам, ҳам душмани шайтонам
Ҳам соҳиби имонам , ту хасми ману моӣ
Ман накҳати гул ҳастам., дар ишқ духул астам
Аз чун ту малул астам, ту хоки кафи поӣ
Хонандаи қуръонам, бенуқс як инсонам
Дар равзаи ризвонам, ту дар сақараш ҷоӣ
Мункири намоз астӣ, дар феъли гуроз астӣ
Дар тарсу ҳарос астӣ, ҳарчанд,ки ту бойӣ
Агёри мардумхорро дасти ҷафо бояд шикаст,
Ин душмани маккорро доим сило(ҳ) бояд шикаст.
Бо тиру тӯп ар нашканад, роҳи дигар бояд гирифт,
Бо оҳу дарди синаю дасти дуо бояд шикаст.
Ҷояш агар бошад замин,андар замин маҳваш бикун,
Ҷояш агар бошад само,чархи само бояд шикаст.
Ӯ меравад бар ҳар куҷо,то ки биёбад муддао,
Токи натонад раҳ равад, ду соқи по бояд шикаст.
Аз душманӣ бошад агар дар қалби одамҳо нишон,
Ин душманиро беамон дар қалбҳо бояд шикаст.
Ҳар як дарахти бебару сар то ба по пурхорро
Дар ибтидою ҳолиё, дар мунтаҳо бояд шикаст.
Кӣ бишканад ҳар душмани хунхору бадфарҷомро?

Бо дасти ман,бо дасти ту ,бо дасти мо бояд шикаст!

371
Зи худберункунӣ расми ҷаҳон аст
Расад рӯзе ,ки он худ бенишон аст
Зи садҳо раҳ фақат як ҷода бошад
Ки кулли одамӣ дар он равон аст
Касе рафтан намехоҳад дар ин роҳ
Агар тифл аст,ё пиру ҷавон аст
Чӣ созад ,ки раҳи норафтанаш нест
Ҳама дар пеши раҳбар нотавон аст
Зи кӣ нолем мо, эй ҳамсафар,ки ..
Субути фасли гулҳоҳам хазон аст
Дар ин дунё абад чизе намонад
Фақат он як Аҳад худ ҷовидон аст
Наҷоти ҳаркӣ дар дунёи дигар
Ба зоти ҳақтаоло (ҳ) итминон аст

372
Агар ғайри туро ман ёд созам,
Худамро худ ба худ барбод созам.
Туро дар ҳар нафас гар ёд созам,
Бинои амни худ обод созам.
Туро гар ҳар замон фарёд созам,
Туро омодаи меод созам.
Агар худро даме бе ёд созам,
Туро з-ин бехудӣ дилшод созам.
Ширинамро агар ман ёд созам,
Тамомамро,сазад ,Фарҳод созам.
Агар дар шаб туро ман ёд созам,
Саҳар худро зи нав мелод созам.
Агар бигзаштаамро ёд созам,
Адои қарз бар аҷдод созам.

373
Дар хонаи обу гил аҷсоми вӯҷуди мост
Дар хонаи ҷону дил меҳроби суҷуди мост
Ҳар чиз,ки ба ӯ бахшам., афзунтар аз ӯ бошад
Пайғоми мукофотам дар ҳарфи дуруди мост
Бисёр агар хобам, ноҷуста намеёбам
Бесудии умри мо аз дасти ғунуди мост
Дар мунтаҳаи умрам он нома ба каф гирам
Ҳар он чи ки дар он аст, аз буду набуди мост
Амру найҳи яздонӣ дар ҳарфи китоб ояд
Ин сафҳаи заркорӣ аз номи вадуди мост
Аз нор тани Ҳотам маҳфӯз ҳамебошад
Дилбахшии мо бар ӯ аз ҳиммату ҷуди мост
Бинӣ ба само абре –к чун дуд ҳаметобад
Дарёб, на абр аст он, бал ҳалқаи дуди мост

374
Агар бар рӯи ман боре бихандӣ
Умедамро ба худ маҳкам бибандӣ
Бузургиро зи хоки роҳ ёбем
Накардам ҳеч гоҳе худписандӣ
Барои ёр сӯхтан дар сухан нест
Накардам бе дами оташ сипандӣ
Чӣ сон ҳурмат насозам, кардӣ манро
Миёни чор дарё тахтабандӣ
Ба ман гӯӣ, ки: нафси худ кушам ман
Чаро онро ту дар ҷонам накандӣ
Зи пастӣҳеҷ болоро набинам
Вале пастӣ битобад аз баландӣ

375
Дар мағзи ҷони худ туро,эй ҷони ҷон, пинҳон кунам,

То ки дар он бошӣ абад, ишқи дилам дарбон кунам.
Хавфу хатар дорӣ фузун, зикраш нагунҷад дар сухун,
Бо раҳмати раҳмониат ҳар мушкилам осон кунам.
Боғи дилам то гул кунад, васфи гулаш булбул кунад,
Сероб анҳори дилам бо ояти Қуръон кунам.
Бо покии имони худ, бо ҳиммати виҷдони худ,
Бо сахтии паймони худ, аз нокасон инсон кунам.
Гӯши ҳама пиру ҷавон хоҳони алфози хуш аст,
Аз осмони лафзи худ бар самъҳо борон кунам.
То он ки дорам дар даҳан шамшери буррои сухан,
Бар рағми хайли баддаҳан дар ҳар куҷо исён кунам.
Аз соҳати пушти самак фаррам расад гар то фалак,
Монандаи ҳуру малак побӯсии Яздон кунам.
То зиндаам дар ин замин, дар ин замини нозанин,
Шукронаи исломи худ, шукронаи имон кунам.

376
Эй ҳастсози моҳо, бе мо бикун ту моро
Дар ҷони мобисабтон, номи худат-Худоро
Дар қалбҳои қатрон, қатрони ҳамчу зиндон
То ки шаванд рахшон, ирсол кун сaборо
Ҳоли замин табо(ҳ) аст, аз ҷурми ҷурмкорон
То кай даво насозӣ ин дарди бедаворо
Бонги азон, ки бошад баҳри ибодати ту
Дар гӯши бехудоён самъон ин садоро
Эй ҳақшиори ҳақгӯ, эй ҳакшумори ҳақҷӯ
Нобуд кун дар олам ҳар вожаи дағоро
Оӣ агар ба кӯям, хандӣ агар ба рӯям
Дар пои ту бибандам аз хуни дил ҳиноро
Байтулхудой дорам дар хонаи дили худ
Н-афкан, худои олам, як хишти ин биноро-
*(бисабтон-сабт кун,навис)*

377
Хасми мо дар рӯи мо бинад чаҳим,
Чунки дар ӯ нест раҳмону раҳим.
Ҳоҷиби даргоҳи мо андеша аст,
Ақли мо дар ҷони мо бошад надим.
Беҳтар аз ҷони касал бошад мамот,
Офарину ҳамд бар ҷони салим!
Некзоё, аз паи мавлуд бош,
Бадбизоё, бош дар дунё сақим[1].
Муқтазои ақрабон бадкорӣ шуд,
Аз бади онҳо ҳамедорем бим.
Ҳар суханро ҷои «гуфт» асту «нагуфт»,
Беҳтар аз ҳарчи бигӯ бошем мим[2].
Ним дар ин даҳру ниме дар дигар,
Умри мо тақсим бошад бар ду ним.
Кош, бинюшем овои Худо,
Чун шуниданҳои Мӯсои калим.

378
Дар илми ишқварзӣ моҳир бош,эй дил
В-ар хоҳӣ ёр бинӣ, шабгир бош,эй дил
Ҷодую сеҳр манъ аст дар дини ту,валекин
Аз баҳри фатҳи қалбаш соҳир бош,эй дил
Дар савму дар суҷудат, дар ҳамду дар дурудат
Бар ҳар буду набудат, шокир бош,эй дил
Бар шаш тараф, ки дорӣ дар зери чархи гардун
Бо чашми дину имон нозир бош,эй дил
Доғе набоядо буд дар шишаи вуҷудат
Дар исмату ба покӣ чун шир бош,эй дил
Качмакачак марав раҳ дар роҳи ростгомон

---

[1] . саќим-нозо, бебунёд
[2] Мим-хомўш.

Дар роҳи ростгомон чун тир бош,эй дил
Торик будани дил исботи бехудоист
Дар синаи Халилӣбоҳир бош, эй дил
1.бохир-равшан

379
То пайрави ишқи хеш Маҷнун накунам
Беҳуда худам ба дашту ҳомун накунам
То дар кафанам танам ба мадфан набаранд
❖ Як лаҳза турози ёд бурун накунам
Эй он ки фурӯғи ишқу динам аз туст
Худро ҳадафи тири ғамат чун накунам?
Шармандатар аз қулуби беишқ наҳаст
Шарманда дилам ба зери гардун накунам
Як косаи обу ними нонам кофист
Асло ҳаваси сарвати Қорун накунам
Тарроҳи азал сириштааст ингунам
Бе хоҳиши ӯ худам дигаргун накунам
Як қатраи оби кавсарам нест насиб
То аз ду басар, Халилӣ, Ҷайҳун накунам

«Агар он чиро, ки ман медонам,
Шумо медонистед, кам механдидед
ва бисёр мегиристед»

**380** (ҳазрати Мухаммад (с) )
Гиряи мо аз барои моли дунё нест, нест,
Гиряи мо аз даруни санг пайдо нест,нест.
Парчаи ях бе дами гармӣ намегардад чу об,
Гиряи мо бе алови сӯз боло нест, нест.
Гиряи мо ҳаст баҳри он ки гирёнанда ӯст,
Гиряи мо аз чизе ҷуз тарси уқбо нест, нест.
Гиряи мо нест аз сахтии дарди ҷисми мо,
Гиряи моро илоҷаш тибби Сино нест, нест.

Гиряи моро магӯ; «Андак сиришке ҳасту бас»,
Гиряи мо кам зи оби баҳру дарё нест,нест.
Гиряи моро нафири ҷони мо пероя аст,
Гиряи мо бе каломи «ҳу»-ю «дардо» нест, нест.

381
Дунё, ба Худо, ки пасту дун аст,
Шодӣ ба кам асту ғам фузун аст.
Дар пеши санавбарат, Худоё,
Шамшод хиҷилу сарнагун аст.
Булбул, ки ҳазор нағма дорад,
Дар пеши сухуни ту забун аст.
Кӣ кист, надонам аз бурунаш,
Ҳар гуна, ки ҳаст, аз дарун аст.
Ашки басарам, қасам ба номат,
Аз дарду фироқ лолагун аст
Оне, ки сараш зи по надонад,
Ҳушёр наяст, бал ҷунун аст.
Афроди тиҳӣ зи ишқу имон
Хушкида ба баргу шоху бун аст.
Лабрез дилам зи ишқ бошад,
Ҳарчанд ки қоматам чу нун аст.
Эй огаҳи ҳар аёну пинҳон,
Як бор бигу: « Халилӣ чун аст?»

382
Ҳарчи дар ҳардуҷаҳон ҳаст, ба фармони ту ҳаст
Вожаи «кунфаякум» вожаи куръони ту ҳаст
Ҳарчи дар ҳафт само ҳаст ,накӯ мебинӣ
Зарраи умқи замин нозири чашмони ту ҳаст
Нохалаф аҳди ба кас бастаи худ мешиканад
Нохалаф нест агар ,дар сари паймони ту ҳаст
В-ар набуд оби саҳоби ту,замин мурда будӣ

Ҳарчи дар рӯи замин ҳаст,зи борони ту ҳаст
Ту ки дар ҷони манӣ,ҳеч шаке нест ба ин
Ҷони полӯдаи ман ҳиссае аз ҷони ту ҳаст
Ризқ додӣ ту ба ман,гуфтӣ,ки :шукрона кунам
Луқмаи нони даҳан нест зи ман,они ту ҳаст
Баъди оне, ки дар ин рӯи замин ҷоям нест
Онки хоҳам биравам, равзаи ризвони туҳаст
(кунфаякум-…пайдо шав)

383
Бар даҳри дигар кошки, хомам нафиристӣ,
Як рӯз мабод ин ки паёмам нафиристӣ.
Андар забари боми садоқат ба ту ҳастам,
Бар зери ҳамин бом зи бомам нафиристӣ.
Хушёр шавам бе майи лабҳои ту,ҷоно,
Он рӯз мабод ин ки ту ҷомам нафиристӣ.
Чун маст шавад ноқа,зи солор гурезад,
Бероҳа равам ,гар ту паёмам нафиристӣ.
Монандаи мурғони фалаксайри самовот,
Озод манам, гар ту ба домам нафиристӣ.
Сарҳуй набигзор маро ,хавфи гуно(ҳ) ҳаст,
Масъул наям, хатти зимомам нафиристӣ.
Ҷабри сари ман бод дар он маҳшари тафсон,
З-он соғари Кавсар ту чу комам нафиристӣ.
Бо ном равам, номаи аъмол саид аст,
Бадном равам, нома ба номам нафиристӣ,
Шукрона агар тарк кунам,ризқ бибандӣ.
Не субҳу на нимрӯзу ба шомам нафиристӣ,
Аз қалби Халилӣҳама ин арзу ниёз аст.
З-ин даҳр ба он даҳр ба вомам нафиристӣ,

384
Орӣ макун, худоё, аз номи худ забонро

Аз ошиқони «Ҳак»-гӯ холӣ макун ҷаҳонро
Дар ин ҷаҳонӣ фонӣ асло макун, худоё
Бе дину бе диёнат не хурду не калонро
Ҳар кас ҷизе бидонад, бар якдигар бигӯяд
Канда макун замоне не шарҳу не баёнро
Аз касрати хусумат дарёст хуни одам
Дар амният нигаҳ дор ҳар давру ҳар замонро
Аз фарш то ба арш аст дар пеши дидагонат
Дар як нафас бигардӣ дунёи бекаронро
Дунё зи юмни некон то ҳол побаҷо аст
Ҳофиз бош доим омилу оқилонро
Ҳорисият кифояст, бас кун, Халилӣ, кофист
Дигар мапурс аз ман не ину ҳам на онро

385
Дилбаро, моро фақат бе мо бубин,
Дар вуҷуди мо фақат Лайло бубин.
Эй ки ашки чашми мо аз баҳри туст,
Дар сиришки чашми мо дарё бубин.
Ту ҷаҳонгардию мо якҷонишин,
Ҳар куҷо, ки меравӣ,моро бубин.
Номаи аъмоли моро доимо,
Кӯрхат не, бо хати хоно бубин.
Гарчи по дар зеру сарболостем,
Дар фироқат по зи сар боло бубин.
Як нафас дар ёди мо набвӣ агар,
Дар даруни қалби мо хоро бубин.
Дар билаври чашми мо симои худ,
Дар машоми мо фақат соро бубин.
Дар ҷавоби ҳар саволат дар адам,
Ошиқи бечораро гӯё бубин.
Ошиқони покро, эй зоти кулл,
Дар қиёмат дар таги Тубо бубин.

386
Ашки хунини маро он, ки зи хун пок кунад,
Ҳам тавонад, ки табобат дили садчок кунад.
Кист оне, ки ба фарёди нахустам бирасад?
Кӣ тавонад,ки зи нав боз ба он хок кунад?
Рустаи хок зи нав боз ба он хок равад,
Дар замин ҳаст, вале гардиши афлок кунад.
Одам ар маст шавад, файз зи кораш биравад,
Кори шоиста ҳаме одами ғамнок кунад.
Баҳри ҳар будаю нобурда дилам месӯзад,
Кайф дар рӯи замин одами бебок кунад.
Ба назар тафтатани ҷуссаи мо беше нест,
Ҳар киро дар бағали хок ниҳон хок кунад.
Ба куҷо меравӣ, эй хок, суҷудат ба куҷост?
Сарвро гӯй, Назар, саҷда чу он ток кунад.

387
Лаҳзае бе ёди дилбар нестам,
Бе шароби ноби соғар нестам.
Оби Хизру умри беанҷомро
Ман намехохам ,Сикандар нестам.
Шукр мегӯям, ки дар рӯи замин
Бехудою бепаямбар нестам.
Рашки Хуршед аст гармии дилам,
Беалову сӯзу озар нестам.
Дурри мақсуди дилам дар зери баҳр,
Набвад аз ман, гар шиновар нестам.
Кӣ кӣ ҳасту бар куҷо,кай меравад?
Аз куҷо донам,ки довар нестам?

388
Равшании қалбҳо аз нури туст

Онки бенури ту бошад ,кӯри туст
Равшании ин замин бошад зи шед
Шед ҳам монанди мо маҳҷӯри туст
Роҳи мо то даргаҳат наздик нест
Качқадамбигзор ҳарҷо дури туст
Ҳеч кас машҳур бе изнат нашуд
Шӯҳрааш созӣ агар, машҳури туст
Аз уфуқ то бар уфуқ бинем мо
Олами беинтиҳо манзӯри туст
Гоми ноҷои касе дархур нест
Мақдами барҷои мо дархури туст
«Одамӣ зӯр аст,»-мелофем мо
Зӯри одам заррае аз зӯри туст
Арз ҷои мою гардун-аз малак
Ҳур ҳам дар ҳашт ҷаннат ҳури туст

389
Маро аз ман накӯтар мешиносӣ,
Ба чашму диди довар мешиносӣ.
Аз он, ки дар ниҳодам ҷой дорӣ,
Ба баҳрам ё ки дар бар, мешиносӣ.
Агар дар ёди ту берун зи хешам,
Маро бар хеш дилбар мешиносӣ.
Агар дар хилқати бебандагиям,
Чу чӯби тар дар озар мешиносӣ.
Накӯ донӣ ҷануб аз чӣ ҷануб аст,
Шимолу ғарбу ховар мешиносӣ.
Кунам пероҳани ҷонам муаттар,
Чаро ки мушку анбар мешиносӣ.
Ду чашми дар ғамат ҳоло тарамро
Ба фардо боз тартар мешиносӣ.
Ишолло(ҳ), дар масофи рӯзи маҳшар
Халилиро чу сафдар мешиносӣ.

390
Меканад васлат, агар восил наӣ,
Медарад шармат, агар оқил наӣ.
Ҳар киро имону дин бояд бувад,
Мешавӣ Қобил,агар Ҳобил наӣ.
То ба гомат ҷои гоми хеш бин,
Будаӣ омил,агар дар гил наӣ.
Завқ мифтоҳи ҳама кор асту бор,
Шавқат ар бошад, яқин, коҳил наӣ.
Ҳар кӣ бори хешро бояд кашад,
Бар касе борӣ агар, ҳомил наӣ.
Тоҷиранду муштарианд одамон,
Ҷони моро гар харӣ, қотил наӣ.
Ошиқи дунёи дун ҳастем мо,
Ҳаст дунё дар либоси валвалӣ.

391
Дар намозам-«ту биё,»-гӯяму фарёд кунам
Дили вайронаи худро ба ту обод кунам
В-ар наоиюҳамин лаҳза ба додам нарасӣ
Хешро дар ҳаваси рӯи ту барбод кунам
Токи абрут бувад саҷдагаҳу меҳробам
Саҷдагаҳҳаст ҳамон ҷой ,ки меод кунам
Эй ту бахшандаи илҳом,чу табъам накушӣ
Дар сифотат ҳамадам шеъри нав эҷод кунам
Дар мӯҳаббат ,Назаро ,кист ба тингат бирасад
Мот дар меҳру вафо Хусраву Фарҳод кунам

391
Маро гул мекашад доим ба сӯяш,
Зи накҳат пур бувад ҷому сабӯяш.
Агар донистаме алфози гулро,
Бипурсидам нахуст аз рангу бӯяш.

Саволе менамудам бори дигар,
Зи ранҷу мушкилоту аз адӯяш.
Ғизояш аз куҷо бошад?Бипурсам,
Магар бошад ба бехаш оби чӯяш ?
Замин,гӯӣ,ҳама дар ҳукми гулҳост,
Ба дашту куҳу саҳро ҳаст кӯяш.
Чунон ошиқ ба гул ҳастам , ки валло,
Зимистон ҳам равам дар ҷустуҷӯяш.
Худоё ,то ҷаҳон боқист ,бошад
Ба пеши дидаҳо рӯи накӯяш.

392
Посухи чуну чарои мо зи Бечун мешавад
Ҳар баду ҳар неки мо дар зери гардун мешавад
Ҳар қадар ҷабру ҷафо бар мо кунад он ёри мо
Меҳри мо бар ӯ накам ,бал боз афзун мешавад
Меҳри ӯ бар мо фаровон мешавад,бинад агар
Оби чашми мо зи ҳаҷраш ҳамчу Ҷайҳун мешавад
Ҳар киро савдои ишқаш дар фалак печидааст
Ҳар қадар ҳушёр бошад, сахт маҷнун мешавад
В-ар бувад дар қалби ёр ,аммо ки тақсире кунад
Ҳамчу одам аз биҳишти қалб берун мешавад
Эй Халилӣ,лаб туро бе об агар хушкидааст
Ғам махур,пайваста бар лабҳои майгун мешавад

393
Ҷавҳари инсон бувад одамгарӣ,
Одамӣ болост аз ҳуру парӣ.
В-ар надорад одамӣ инсонгарӣ,
Беҳтар аз одам бувад гову харӣ.
Одамӣ дар чашму рӯю мӯй нест,
Кори ҳар кас нест ҳукми доварӣ.
Ноумедӣ маҳв созад зиндаро,

Аз ҳалокат мераҳонад боварӣ.
Аз ҳама кас яксифат ҳурмат махоҳ,
Қадри гавҳарро бидонад гавҳарӣ.

394
Расад рӯзе,ки дар дунё дигар дунё намемонад
Ба ҷуз аз зоти он воло дигар воло намемонад
Набошад ҳолиё яксар,ки бесавдо бувад он сар
На сар мемонаду дар мағзи он савдо намемонад
Замин ҳамвор мегардад,ки дигар кӯҳу ғоре нест
Пасу пеши дигар набвад,тагу боло намемонад
Намемонад нишон аз ҳеч як хушбӯиҳо дигар
На оҳу монаду нофаш ва ҳам соро намемонад
Нишон аз ҷӯ намемонад,ки бехеро бисабзонад
Дигар дар ҳеҷҷо як маҷраи дарё намемонад
Илоҷат нест, эй одам, муҳайё кун ту зодатро
Аҷаб не,баъди имрӯзат туро фардо намемонд
Маро дар бадзабонӣ муттаҳам месозӣ.Боке нест
Накӯ донам,ки дар коми ту ҳам ово намемонад

395
Шукри яздон бинамоям,ки дар инкор наям
Ба ҷуз аз ӯ ба ҷизе дар ду ҷахон ёр наям
Дили моро натавонад бибарад моли ҷахон
Ҳамчу он моли ҷаҳон дар рафи бозор наям
Гарчи дар мулки бадан беш зи сад дардам ҳаст
Лек дар соҳати ҷон заррае бемор наям
Масти он бодаи ноби азалӣҳастам ман
Нест як рӯз ки, дар хонаи хаммор наям
Маҳду он синаи модар дигарам нест насиб
Чӣ бисозам,ки чу он давраи даввор наям
Чашмҳо,гӯӣ,фақат шишаи софанду халос

Ман чашмдори ягон чашми гуҳарбор наям
Ёри ман қалби маро беҳ зи худам медонад
Бовараш ҳаст,ки дар пардаи пиндор наям
Бо ҳама покию гармии даруни дили худ
Эмин аз ҷабри ҳамон дилбари ҷаббор наям
Покӯ полӯда яке ҳурсифат бояд буд
Бешараф ҳастам,агар иффату саттор наям

396
Дар оташи ишқи ту дилам чун сипанд сӯхт,
Ҷисмам ба мисли ҳезуми тар пургазанд сӯхт.
Дар пеши ҳар як вожаю шарҳу баёни ту,
Ҳам эътибори пистаю бодому қанд сӯхт.
Аъдои нафс хост маро ҷо ба ҷо кушад,
Хайли сабӯр омаду ӯро паранд сӯхт.
Оне,ки дил-аш дар талаби моли муфт баст,
Як рӯз дидӣ хонаи он бастабанд сӯхт.
Дар пеши роҳи ростравони сироти ту,
Ҳар ҷодаю ҳар роҳу равишу раванд сӯхт.
Ҳар кас насӯхт баҳри ту, эй пухтасози ман,
Танҳо ҳамон, ки бар ту бибошад писанд, сӯхт.

397
Зулмати шаб чу сабо аз рухи маҳтоб шавад,
Ишқ дар хонаи дил ояду дартоб шавад.
Май чу аз хум ба сабӯи дили афсурда расад,
Соғари холии он пур зи майи ноб шавад.
Мо ба он қуллаи боло агараш раҳ набарем,
Ашк аз дидаи мо шораду селоб шавад.
Беғамӣҳаст бари хоби гарон «алла»-бигӯ,
Ғам чу ояд,сабаби марги дусад хоб шавад.
Рӯзи бигзашта зи нав боз наояд бари мо,
Барқосо нафасе рахшаду ноёб шавад.

Оби дарёи дилам аз дами борони ту ҳаст,
Варна он хушк шавад,яксара сангоб шавад.
Баҳри дил хандаи он ёр бувад ҳамчу даво,
Ҳам зи ҳар гиряи ӯ ранҷаду нотоб шавад.

398
Сабр кардан хора буд, дурдона шуд,
Носабӯрӣ хеш буд,бегона шуд.
Аҷри сабри мо аз он болонишин,
Баҳри мо сад хирмани пурдона шуд.
Нафси мо мехост моро бишканад,
Тоқати мо дид,худ вайрона шуд.
Суфраи мо буд чун дасти гадо,
Файзи яздондод андар хона шуд.
Қатраи обаш аҷоиб талх буд,
Бода шуд он қатра,дар паймона шуд.
Ҳолиё машшотаи сабри худем,
Гӯӣ, ки ду дасти ҷонам шона шуд.
Майфурӯшаш бодаи тайҳур дод,
Бо Халилӣ сокини майхона шуд.

399
Шоҳи ҷаҳон гар як назаре сӯӣмо кунад
Моро ба худ мафтун кунад,мубтало кунад
Онро,ки ӯро кулли вуҷудаш ҷаҳаннамист
Яздон варо Намрудсифат бехудо кунад
Асло магӯ,ки:дард маро мекушад.Хатост
Ӯҳаст,ки ҳам мекушаду ҳам даво кунад
Ҷабри ҳамон,ки аҳд бибасту пасон шикаст
Бахти ҳамон,ки то дами вопас вафо кунад
Ҳоло ки нест дар назари мо қиёматаш
Онро ба чашми мову шумо бармало кунад
Дидам,ки одам як нафаси вопасин кашид

Ҳам он ки ҳоло бар нафасаш ибтидо кунад
Дар синае,ки сӯзиши ҳиҷрони ёр нест
Даъвии ишқу ошиқӣ,-гӯяш,-чаро кунад?
То зиндаем, саҷдаи хок аст қарзи мо
Ҳар он ки ҳамин хок набӯсад, хато кунад
Мо уммати пайғамбари охирзамонаем
Моро дифо дар рӯзи ҷазо анбиё кунад

400
Ишқ дардест,ки бо саъйи кас осон нашавад,
Дар ягон давру замон ҳеҷ ки осон нашавад.
Пайкари ҷадди башар рӯзи нахуст ишқ надошт,
Рӯҳи Ҳақ дохили он шуд,ки парешон нашавад.
Ҳаст коре,ки пушаймонӣ варо бар асар аст,
Лек аз ишқ ягон фард пушаймон нашавад.
Хонаи ишқ барӣ аз дару дарвоза бувад,
Аҳаде бар дари ин савмаа дарбон нашавад.
Ҳамчу мотамзадагон ишқ фақат мегиряд,
То ба ҷонон нарасад,хеҷ ки хандон нашавад.
Ишқбахшо ҳама дам дони умедаш бидиҳад,
То ки парвозӣ бувад,тоири бедон нашавад.
Ҷони ман ишқу дилам ишқу танам ишқу вафост,
Ку ҳамоне,ки маро бинаду ҳайрон нашавад?!

401
Бояд ки дилам токи бувам,додгар бувад
Дар нуру нурпошӣ на кам аз қамар бувад
Ишқам сазад,ки ҷӯш занад ҳамчу хуни ман
Ишқам барои ҷону дилам чун сипар бувад
Бинад маро он ёр ба ҳарҷо,ки меравам
Хасми бахили пардадарам бебасар бувад
Шайтон ба ҳар як дар биравад баҳри фанди мо
З-ин ҷост,ки чун лӯлизанон дарбадар бувад

Ҷои ҳама бардодрасон-хулди ҷовидон
Ҷои ҳама бедодгарон дар сақар бувад
Гоҳо шавад,ки нест худо дар хаёли мо
Аммо ки ӯҳар лахза зи мо бохабар бувад
Пайдо чу гашт ишқ,яке борбар надошт
Буд муддаои Ҳак,ки башар борбар бувад
Таркам макун,ки тоқати сабри ту саҳл нест
Бояд, ки туро ҳар дами мо дар назар бувад

402
メаписанд ин ки фалак хоки башар бод кунад,
Ҳам ба ҷону тани мо ранҷаю бедод кунад.
Хуб ҳаст ин ки ба ҷои ҳама вайронагарӣ
Хонаи мардуми пурдардуғам обод кунад.
Мо зи ҳар як сухани талхи фалак ранҷа шавем,
Ба шакархандаи лутфаш дили мо шод кунад.
Хусравонро, ки фузун марҳамате месозад,
Назаре ҳам ба ҳубоби кафи Фарҳод кунад.
Зода асло накунад ,он ки кушад насли башар,
Бал ҳамоне бикунад зода, ки мелод кунад.
Раҳи имрӯзаи мо восили роҳест –куҳан,
Ҳамаро раҳсипари ҷодаи аҷдод кунад.
Кош, ҳиммат бикунад, авф кунад ҷурмати мо,
Ҷони мо аз қафаси ранҷу ғам озод кунад
Сарви амнияти мо қад ба самоҳо бикашад,
Хиҷла дар пеши қадаш қомати шамшод кунад.
Илтифоте бикунад бар ману ҳам ҳамчуманон,
Дасти бечоракасон гираду имдод кунад.

403
Тарки ҳушёрӣ бикун,то масти даргоҳаш шавӣ
Даъвии бадрӣ макун,то зарраи моҳаш шавӣ
Аз ҳазорон раҳ фақат як роҳи ӯ мақбул кун

Ин агар битвонӣ кардан ,ҳамраҳи роҳаш шавӣ
Боди бебокӣ агар аз хеш бирбояд туро
Донаи гандум набошӣ ,дар ҳаво коҳаш шавӣ
Хонаат обод гардад ,гар ту мехоҳӣ варо
Хонаат якбора сӯзад,гар ту бадхоҳаш шавӣ
Дар даруни синаат акси раҳи ҷонона нест
В-ар ба ӯ дилдода не ,дилдода бар ҷоҳаш шавӣ
Юсуфи Канъонӣ гар,берун зи чоҳат мекунад
Ҳорут ар ҳастӣ,нагун дар қурдуми чоҳаш шавӣ
Дар ниҳодат нур ар дорӣ,Халилӣ ,нек дон
Дар қиёмат дар кафат дорандамисбоҳаш шавӣ
(мисбоҳ-чароғ)

404
Бо камандат баста бошам,растаам,
Дар ғамат гар хаста бошам,растаам.
Дар худам гар баста бошам,ҳайфи ман,
Бо ту ар пайваста бошам,растаам.
Бе ту гар биншаста бошам, гӯ: «бихез!»
Бо ту гар биншаста бошам,растаам.
Нест дар ман бе туат орастагӣ,
Бо ту гар ораста бошам,растаам.
Бар шикам вобаста бошам,гушна ман,
В-ар аз он вораста бошам,растаам.
В-ар ба ту дарбаста бошам, марги ман!
Бар адӯ дарбаста бошам,растаам.
Бету аз ҷӯҷаста бошам , ғарқ ман,
Бо туат гар ҷаста бошам, растаам.

405
Дили дарбаста ба мифтоҳи сухан боз шавад,
Бепару бол агар буд ,ба парвоз шавад.
Ҳар чизе ҳаст дар олам ,чӣсағиру чӣ кабир,

Нек бинӣ агараш ,аз сифр оғоз шавад
Ҳиммату азму ҷасорат чу ба ҳам ёр шаванд
Тайри камҳавсала ҳам кам на зи шаҳбоз шавад
Ҳаркиро –к сӯхбати ӯқӯр нагирад ба дигар
Ҳарки бо ҳамдами худ шинаду ҳамроз шавад
Харҷ аз кисаи ашхоси дигар бошад агар
Дирҳами ҷайби худаш ҳамчу пасандоз шавад
Ҳусни дунёи ниҳони ту зи одоби ту ҳаст
Хулқи некӯи ту дар ҷони ту пардоз шавад
(мифтоҳ-калид)

406
Ҳеч ганҷе дар ҷаҳон дар пояи ахлоқ нест,
Ҳеч сӯзе ҳамчу сӯзи синаи ушшоқ нест.
Даҳр агар ,бесӯз мебуд , Моҳу Хуршедаш набуд,
Даҳр ҳам бе Шамсу Моҳу, ин ду беофоқ нест.
Он калимоте,ки андар лафзи поки ёри мост,
Дар китобу дафтару дар ҳеҷ як авроқ нест.
Ғофило, аз умқи чоҳи ӯ наметарсӣ магар?
Умқтар аз умқи чоҳи ӯ ягон аъмоқ нест.
Ёр ҳастам бар ҳамон зоте,ки худ яктост ӯ,
Ҳеҷ ашёи ҷаҳон монанди ӯяш тоқ нест.
Бе хаёли рӯи ӯ рӯзам ҷаҳаннам мешавад,
Ёр набвад ҳар касе бар ёр агар, муштоқ нест.
Метавонад оташи қалбам ҷаҳон сӯзад бакулл,
Боварам бинмо ,ки дар ин гуфтаам иғроқ нест.

407
Эй зиндагӣ, моро ту гаравгон гирифтаӣ,
Дарди фузун додаю дармон гирифтаӣ.
Мо ҳар чиро бо мушкилии беш ёфтем,
Онро ту зи мо саҳлаку осон гирифтаӣ.
Аз гиряҳои мо ту басе завқ мебарӣ,

Аз моҳама бигрифтаат хандод гирифтаӣ.
Аз баҳри ҷабри мо магарат аз худои худ ,
Эй зиндагии талх, ту фармон гирифтаӣ?
Макри туро на сарҳаду ҳадду канор нест,
Ҳам ошкор бурдаю пинҳон гирифтаӣ.
Даври шабоб роҳи нарафтан ба ҷурматам,
Андар **тайиб**[1] қуввату дармон гирифтаӣ.
Эй муштарии сарбақадамҳот ҳиллагар,
Валло, зи мо ин ҳама арзон гирифтаӣ.
Корат фақат мисли гадоён гирифтан аст,
Дар қаҳратун гул зи гулистон гирифтаӣ.
Чун мегазад панҷаю лабҳои хешро?
Аз коми Халилӣ ҳама дандон гирифтаӣ!

408
Роҳест байни чашму дили хунфишони мо,
Роҳест байни дарду ғаму ҷисму ҷони мо.
Имону ишқу дину фаросат шаҳи тананд,
Бошад дабири ин ҳама лутфи забони мо.
Моро шароби вожаи «Ҳақ» мебарад зи худ,
Бошад ба кулли вожаи ҳақ итминони мо.
Мо дар зиёни ҷони худ астем гоҳу гаҳ,
Он ҷонситони даҳр нахоҳад зиёни мо.
Бе сорбон қофиларо раҳ падид нест,
Дорад ба даст қофилакаш худ инони мо.
Шарҳу баёни мо на зи лаҳни забони мост,
Бошад зи ҷону дил хама шарҳу баёни мо.
Дар дидаи раззоқ зи ҳарчи фузунтар аст,
Як коса обу ҷандаю як бурда нони мо.
То ҷон ба қаъри тӯрбаи он ҷонситон нест,
Бошад, Худоё,номи ту ҳарфи лисони мо.

[1] Тайиб-пирӣ.

409
Ба таҷаммул[1] бирасад ин дили полудаи мо,
Зи таҳаммул бирасад хотири осудаи мо.
Чизи дар рӯи замин то ба абад буда наяст,
Ҳама нобуда шавад- будаю нобудаи мо.
Қадри моро бикунад дар назари ёр баланд,
Беш аз пеш ҳамон тоати афзудаи мо.
Худ аз ин дори фано яккаю танҳо биравем,
Ҳамраҳи мо наравад ҳар чизи ғундудаи мо.
Дӯш ҳам мисли ҳамин рӯз ба мо буд, бирафт,
Ба пагаҳ дӯш шавад ин дами мавҷудаи мо.
То ба ин марҳала мо пушт ба пушт омадаем,
То ба Одам бирасад риштаи ин дӯдаи мо.
Дил ба ман гуфт:«Ҳама кор-т ба фармони ман аст,
Накунӣҳеҷ ягон кори нафармудаи мо!"
Зи нахустин қадами тифлӣ ҳамин пирии мост,
Магарам ҳаст раҳи бознапаймудаи мо?
Назаро,баҳри мукофоти амал ҷаҳд бикун,
Кош мансӯх шавад кӯшиши беҳудаи мо.

410
Сарам гар меравад аз тан,саре аз тан намегирам,
Баҳои хуни ноҳақ ҳеҷ бар гардан намегирам.
Ҳама буду набудамро, ки сарфи зиндагӣ кардам,
Ба ҷои симу зар аз зиндагӣ оҳан намегирам.
Агар имкони дар гулшан будан дорам ба умри хеш,
Ҳама олам агар гулхан шавад,гулхан намегирам.
Гуле аз навдаи Тубои ҷаннат ар насибам шуд,
Ба дастам лолаю нилуфару савсан намегирам.
Ба ҳадде ки тавони дасту пою бозувонам ҳаст,

[1] Таҷаммул-шухрат,мартабаи аз ҳама боло.

Насибамро зи дарюзию аз равзан намегирам.
411
Дар хоб ҳам бар ёр чу бедор меравам
Бар сӯи ҳамон дилбари таррор меравам
Олам ҳама гар тарки ману ёри ман кунад
Ман бар алайҳи ин ҳама,бо ёр меравам
Аз ишқ маро манъ агар мекунад рақиб
Бозаш ба сӯи он гули бехор меравам
Бо синаи холӣзи паёму дуруд не
Бо қалби пур аз ганҷу гуҳарбор меравам
Фарз аст ҳифзи дини мубину шариатам
Баҳри дифо бар ғазва чу ансор меравам
Ҳарчанд ишқ камтар аз он пои дор нест
Мансурвор сӯи ҳамон дор меравам

412ғазва-ғазо,чанг

Дилбари рафта зи мо,рафту ба як бор ояд,
Умри бигзашта ба мо, гӯӣ, ба такрор ояд.
Накди ҷонро агарам саҷдаи гомаш накунам,
Ба чӣ кори дигар ин ҷон ба ман кор ояд?
Огаҳи ҷону дилам,рафту яке дер кунад,
Фурсате ёфта он душмани ғаддор ояд.
Дар замину ба самовоту ба ҳама ҷо,ки бувам,
Ҷони ман бар талаби ёри мададгор ояд.
Сирри дилро ба кӣ гӯям,ки маро фаҳм кунад?
Кош, бар пурсиши дил огаҳи асрор ояд.
Дилбари хушназарам манзили ман медонад,
Кош, ҳар рӯзи худо ҷониби Парвор ояд.

413
Айби ёронро накӯ,пӯшидан аст,
Дасти эҳсонро накӯ,бӯсидан аст.

Бишнавад ё нашнавад он додгар,
Кори мо аз ӯ мадад пурсидан аст.
Кори мо дар лаҳзаи қатъи нафас,
Заҳр аз дасти аҷал нӯшидан аст.
Кори ҷисми мо-ҳама дар зери хок,
То қиёмат мӯ ба мӯ пӯсидан аст.
Кори мо дар деги болои замин,
То ки дар ҷӯшем, дар ҷӯшидан аст.
Кори гул баръакси кори мою ман,
Ҳар баҳорон аз дигар рӯидан аст.
Кори мо аз баҳри анҷоми салот,
Панҷ узви ҷисми худ шӯида аст.
Вопасин коре,ки месозем мо,
Атру сорои кафан бӯидан аст.
Беҳтарин коре ,ки одам мекунад,
Роҳи ҳақро ҳар куҷо ҷӯидан аст.
Баъд аз он ки зулфи Ҳақ дар дасти мост,
Кори мо дар мӯи ӯ мӯидан аст.

**414**

Чашми моро шарм меояд аз он чашмони ту,
Аҳди моро нанг меояд аз он паймони ту.
Ними умри мо умеду ними дигар хавфи туст,
Кист оне,ки надорад хавф аз зиндони ту?
Ин заминро зинда созад барфу борони само,
Чашми мо бошад ба мисли барфу ҳам борони ту.
Пардаи дилро дариду пардаи шарми ту не,
Дар барорӯи Зулайхо Юсуфи Канъони ту.
Худнамоӣ кори Хуршеди само бошад агар
Шоҳи онро мот созад наргиси чашмони ту,
Тиб месозад табобат дарди ҷисми одамон,
Ҳаст дарди ҷони мо он дарди бедармони ту.
З-он ки рӯҳатро ба ҷисми одамӣ воридаӣ,

Ҷони ту дар ҷони мо бошад, зи мо дар ҷони ту.
Осиёнро ҷой бошад дар қабатҳои ҷаҳим
Ҷои некон ҳаст дар рӯзи ҷазо **хулдони**[1] ту.

415
Фаҳм асло накунӣ олами асрори маро,
Токи ағёр надонӣ ба худ ағёри маро.
Аз раҳи баддилию хасмату аз нобаҳақӣ,
Бастаи хоб магӯ ин дили бедори маро.
Худ, ки аз фаҳми сухан то ба Сурайё дурӣ,
Ҳарфи беҳуда магӯ дафтари ашъори маро.
Агарат баддилии хеш ба мо бас накунӣ,
Ҳеҷ пайдо накунӣ як гули бехори маро.
Ҷуз сиёҳию кудуррат ба дилат нест чизе,
Дида натвонӣ ту ин қалби пуранвори маро.
Шоҳ дар мамлакати ишқи худодод манам,
Фаҳм натвонӣ кунӣҳашмати дарбори маро.
Бехудо зод туро модари муъминаи ту,
З-ин сабаб таън занӣ қалби худодори маро.
Кори ман,ки ба каму афзалу бисёри ту нест,
Хурдагирӣ манамо андаку бисёри маро.

416
Ёди он ёр маро хеҷ,ки аз ёд нарафт
Гарчи аз ӯ зи манаш хеҷ, ки бедод нарафт
Меҳри ӯ дар дили ман хонаи якбора гирифт
Ҳамчуноне,ки зи каф тешаи Фарҳод нарафт
Мо бари боз набудан ба ҷаҳон омадаем
Сухан андар сари ободию бунёд нарафт
Аз ҳазорон нафари рафта яке н-омад боз

---
[1] Хулдон-Биҳишт, Ҷаннат

Аз лаки лак нафари рафта яке шод нарафт
Гарчи дар ҳукми Сулаймони набӣ боде буд
Лек бо ӯ ба ҷаҳони дигараш бод нарафт
Соҳиби моли ҷаҳон ҳеҷ наёбад суде
Агар аз аблаҳӣ бар хизмати устод нарафт
Гӯӣ,фарёд ғизоест ба ҳар насли башар
Эй Халилӣ,зи ту ҳам ҳеҷ ки фарёд нарафт

417
Нахарад ҷони маро ҷуз ту харидори дигар,
Камхаридам, бахудо, дар ҳама бозори дигар.
Ғайри ту дар ду ҷаҳон ёри дигар нест маро,
Мон,ки мардуд шавам, гар бувадам ёри дигар.
Аз ҷаҳони гузарон ҳеҷ касе сер нарафт,
Кош аз мом шавам зоида як бори дигар.
Як адӯро бикунам маҳв ба сад хуни ҷигар,
Боз ояд зи пасам душмани ғаддори дигар.
Ғоратам мекунад ин даҳри ситамкор басе,
Боз ғорат бикунад шабраву тарори дигар.
Дар «каму беш»-ки «беш» аст, чаро шиква кунам,
Шукри бисёр кунам бар каму бисёри дигар.
Мани майхора қаноат ба яке соқӣ кунам,
Нест даркор ба ман соқии хаммори дигар.
Ҳеч кас айби худашро натавонад нигарад,
Гӯӣ, ҷуз ӯ набувад як гули бехори дигар.

418
Дар даруни синаам сад сирри пинҳони ман аст
Ин дили пурорзуям мурғи хушхони ман аст
Дар ғаму дар шодиям ҳолам назорат мекунад
Ин дили бехуфтухобам, гӯӣ, шӯбони ман аст
Ҳар садое, ки зи аъмоқи дилам берун шавад
Он садои раъдсони мурғи тӯфони ман аст

Байтулэҳзон ҳаст дил аз ҷабри ин дунёи дун
Баҳри ин вайронадил тан ҳамчу Канъони ман аст
Он чи ки бар дасти яздон мерасад пеш аз гадо
То ба ҳадде метавонам, хайру эҳсони ман аст
Рӯ ба сӯи Каъбаи мақсуд мемонам қадам
Эй Халилӣ, ҳар қадам бо изни яздони манаст

419
Байтулҳароми қалбам ҷои ибодатам ҳаст,
Дар ҳар ибодати худ гоҳо шикоятам ҳаст.
Аз ҷон дуо бигӯям, аз мағзи ҷонам, эй ҷон,
Аз ҳар дуои ҷонам чашми иҷобатам ҳаст.
Рӯям ба сӯи қибла,аммо дилам дар он нест,
Дар ду карат суҷудам бар ту ишоратам ҳаст.
Гуфтӣ ба ман, ки мебош андар умедворӣ,
Аз ту умеди сулҳу амну амонатам ҳаст.
Ман тоҷири равонам,ту муштарии ман шав,
Танҳо ҳамин равонам моли тиҷоратам ҳаст.
Беҳудагӯ наястам, ҳам бевузӯ наястам,
Аз сафҳаи шарифат ҳар як иборатам ҳаст.
Бемеҳр мебудам гар, беҳтар будӣ, набошам,
Бар зоти покат, ай дӯст, меҳру садоқатам ҳаст.

420
Шарми гул ояд зи рӯи ишқварзони худо
Бӯи мушк ояд зи мӯи ишқварзони худо
Ишқ дар покӣ сазад бошад чу қалби анбиё
Оби пок ояд зи ҷӯи ишқварзони худо
Нахли меҳри ошиқонро реша дар дилҳо бувад
Нотавон гардад адӯи ишқварзони худо
Ҳеҷ нуре хамчу нури ишқ рахшонанда нест
Нур мебoрад зи кӯи ишқварзони худо

Ҳам хуму ҳам соғару ҳам ҷоми ишқ орӣ мабод
Пур зи май бошад сабӯи ишқварзони худо
Одаму Ҳавво нахустин ишқварзон будаанд
Ҳаст одам сарабӯи ишқварзони худо
1,, абӯ-падар

**421**

Асло малоф инки:Ибодот мекунӣ
Лофӣ агар,худро ту худат мот мекунӣ
Бо пои хеш гар биравӣ бар зиёни хеш
Рӯзи ҷазо ту кундае дар пот мекунӣ
Гӯӣ, ки: «дидам арши худоро ба чашми худ»
Бовар намекунам,ту муҳобот мекунӣ
Бе тӯша агар меравӣ дар ин раҳи дароз
Онҷо ба чӣ худро ту ҳимоёт мекунӣ?
Аз хеш ба ӯҳеҷ мато,ки надодаӣ
Шармандавор майли мукофот мекунӣ
Бо сад забон кизб ҳамегуӣ ин замон
Фардо ба хоки гӯр мулоқот мекунӣ
Дар воми мол бошуазони Билол не
Эй, хоҷа, дар он ҷо ту ҳисобот мекунӣ
1,,вом-қарз
2..азон-бонги намоз

**422**

Пеш аз оне,ки биболию тарабнок шавӣ,
Бок набвад,ки гаҳе нолию ғамнок шавӣ.
Доимо гӯй,ки: «Аз хокаму бар хок равам»
Гарчи машҳур ба ин арзу ба афлок шавӣ!
Ҳар қадар тезравӣ дар ҳама аъмоли ҷаҳон,
Боядо садқаи он дилбари чолок шавӣ.
Саркашӣ гар бикунӣ з-он ки туро гуфт: «Бикун!»
Расад он рӯз,ки ту баста ба фитрок шавӣ.

Агарат неку бадиҳарду ҷаҳон дарк кунӣ,
Дон,ки дар ину дар он шахси баидрок шавӣ.
Ғами бигзашта махӯр,з-он ки намеояд боз,
Боядо дар ғами оянда ҷигарчок шавӣ.
Эй Халилӣ,зи амалҳои бадат тавба бикун.
Гар инобат бикунӣ, дар ду ҷаҳон пок шавӣ!

423
Дар китоби дини моин ҳарф хон:
«Ҳаст дунё маътали охирзамон»
Хок бӯи ҷисми одам мекунад
Эй равони раҳ,қадам оҳиста мон
Тан надорад ҳеҷ парвои фалак
Дар ғами ин тан вале сухтаст ҷон
Нофаи оҳу биёрад бӯи мушк
Аз кафи момам биёяд бӯи нон
Номи модар—дар забони хосу ом
Мекунам ман ҳам варо вирди забон
Ваҳм дунёро фаро бигрифтааст
Алъамон ,аз ҷабри гардун алъамон
Осмон шоҳасту арзи мо гадо
«Буд»-у «нобуд» аст кори осмон

424
Раҳи мерафтаамон сахт нишеб, асту фароз,
Аз ҳама сахтии он огаҳ бувад огаҳи роз
Нест он раҳ ,ки зи ҷо хезию зудаш бирасӣ
Мо надонем ,ки он то ба куҷо ҳаст дароз
«Оқибат манзили мо води хомӯшон аст
Ҳолиё ғулғула дар гунбади афлок андоз»(1)
Эй ки дар рӯи заминӣ,зи тагаш хавф бибар
Ки туро ҷумҷума бар хок ҳамегардад боз
Агарат тоҷири бомаърифату огоҳӣ

Он ҷаҳонро бихару ин-ш ба як танга бибоз
Хондаӣ ёки на,он панҷ салоти азалӣ
Оқибат самъ кунӣ чорта такбири намоз
Эй ки рахти сафарат то ба кунун баста наӣ
Сахттар банд варо ,нек худ омода бисоз
(чумчума-каполи сар)
(2-….Аз Хофиз аст)

425
Нури худро он маҳи шабгард дар бомам накард,
То даме ки пухта ҳамчун хеш ҳар хомам накард.
Ҳамчу симоби даруни шиша меҷӯшам мудом,
Ҳар қадар гуфтам шавам ором,оромам накард.
Гуфта будам ,ки набошам лаҳзае ҳушёр ман,
Аз майи лабҳои майпайдош дар ҷомам накард.
Ҳар қадар ки нӯш кардам бодаи ангурро,
Эътиборам дур карду неканҷомам накард.
Ин ҷаҳон безор аз мо ҳаст,медонам накӯ,
Ҳар кадар бо ӯ будам ,раҳме ба аҷсомам накард.
То даме ки умр дорам,дар ҳисоби ӯстам,
Тағйироте дар нахусту не ба анҷомам накард.
То ба ҳафтоду ба шаш умрам расид, ҳоҷӣ наям,
Чунки соҳиббайти мо пӯшидаэҳромам накард.
Доми худ сайёди ман дар роҳи ман густурдааст,
Кофаре бошам,агар гӯям,ки ӯ ромам накард.

**426**
Бӯи абири хоки Ватан дар машоми мост,
Номи Ватан чу сархати ҳарфу каломи мост.
Моем агар соқ, Ватан ҳам саломат аст,
Ҳар хомие,ки дар бадaниӯст, хоми мост.
Набзи Ватан ба набзи дили мо баробар аст,
Он бодаи зи сидқу садоқат ба ҷоми мост.

Кардам рақам ман умри Ватан,бекарона аст,
Тифле, ҳанӯз нест,ба фардо давоми мост.
Бошад даҳо ба ҷону тани майҳанам табиб,
Фахрам аз он,ки сарвари мо зоди моми мост.
То ки замин ҳасту само ҳасту боми мо,
Партавфишон байрақи майҳан ба боми мост.
Моро ғизо аз як табақу дегу коса аст,
Ҳар он ч - ҳаром аст ба майҳан, ҳароми мост.
Ҳар панҷахат,ки дар дили девор мекашем,
Бар налсҳои дури зи моҳо паёми мост.
Мо бе ҳадаф қадам наниҳем ҳеҷ дар замин,
Бар сӯи фатҳи қуллаи мақсуд гоми мост.

427
Ишқи мо чавгони гӯйбистони мост
Соҳати он сарбасар бӯстони мост
Ҳамчу мо ӯҷон ,ки дорад дарбадан
Ҷони ӯ пайваст андар ҷони мост
Дину имонанд раҳбарҳои ишқ
Ишқи мо аз гӯшаи имони мост
Ишқу имонанд шаъни одамӣ
Ишқи мо сардор бар виҷдони мост
Ишқи моро кас намебинад ба чашм
Ишки мо олиҳаи пинҳони мост
Ишқи моро ҳаст чашми ашкбор
Сӯзи қалбаш синаи бирёни мост
Ишқро мо аз садоқат ёфтем
Ишқ моро тӯҳфа аз яздони мост
Дардҳоро тиб дармон мекунад
Ишқи мо худ дарди бедармони мост

**428**
Номи Ватанам ба оби зар бинвистам,

Рахшандатар аз нури Қамар бинвистам.
Аз аввали субҳ то дили нимаи шаб
Аз нимаи шаб то ба саҳар бинвистам.
Дар номи муборакаш надорад зерӣ,
Худ ки забар аст,бо забар бинвистам.
Пурсанд: «Муҳаббаташ чӣқад-р аст ширин?»
Қанду асалу шаҳду шакар бинвистам.
Гӯянд,ки: «Аз ҷасорати халқаш гӯй,»
Бо ҳарфи калон «Шери нар» бинвистам.
Гӯянд,ки: «Аз адолати шоҳаш гӯй,»
Ман вожаи «адлу», «додгар» бинвистам.
Пурсанд,ки: «исми поки ин майҳан чист?,»
Бо фахр каломи «Тоҷвар»бинвистам.
Донӣ, ки аз они кист ин шеъри равон ,
Дар мақтаи он номи Назар бинвистам.

429
Ҳарҷо, ки барад,шӯълаи имон барад маро
Бар сӯи,боғу тарфи гулистон барад маро
Вирду дуои нимашабӣ пайки роҳи мост
Бар сӯи ҳамон сарви хиромон барад маро
Нокардани он кор ,ки шарт буд карданаш
То он ки ҳаётам ,пушаймон барад маро
Рафту ,миёни қалбу забонам тавофут аст
Ин фарқият бар ҷониби зиндон барад маро
Дар чашми хосу ом агар некхислатам
Ин хулқи нек ҷониби хулдон барад маро
Бар коҳилии одамӣчизе мусовӣ нест
Ин коҳилӣ бар хонаи шайтон барад маро
Нобандагию бандагии ман аниқ нест
То мақтаи ин қофила пинҳон барад маро

430

Гуфтамаш: «Кист, ки андар назарат метобад?»
Гуфт : «Оне, ки маро дар ҳама ҷо мекобад.»
Гуфтамаш: «Кист ,ки ҳам зиндаю ҳам мурда наяст?»
Гуфт: «Оне, ки фақат рӯзу шабон мехобад.»
Гуфтамаш: « Кист ҳамоне, ки ба мақсад бирасад?»
Гуфт : «Оне, ки ҳама кобидааш меёбад.»
Гуфтамаш: «Марзи тую маскану кӯи ту куҷост?»
Гуфт: «Кобандаи хуб дар ҳама ҷо меёбад.»
Гуфтамаш: «То ба каят бар дари ту лоба[1] кунам?»
Гуфт: «Оне ,ки зи мо ҳаст, фақат мелобад.»

**431**

Дар майкадаи ишқ таҳорат ба шароб аст,
Пире, ки ба сад сол расидаст, шабоб аст.
Он ҷои касоне,ки напухтанд, набошад,
Ҳар кас, ки дар он ҷост, кабоб аст,кабоб аст.
Он хона гузаргоҳи ҳама пилтанон нест,
Ҳар онки дар он хона расидаст, хароб аст.
Он ҷо ба назар нест муросои тану ҷон,
Тан сокиту ҷон дар рамақи ҷон ба шитоб аст.
Он ҷо каси аз хеш зи ҳар боб ризо нест,
Онҷо ҳама бар хеш ба фармону итоб аст.
Ҷонҳо хамагӣ бехабар аз қолаби хешанд,
Ҳар тан, ки ба он ҷост,ба чанголи азоб аст.
Гӯӣ, зи савоб аст ҳама бому дари он,
Он чиз,ки дар он хона напайдост,маоб аст.
Хушёрӣ дар ин хона яке роҳ надорад,
Дар дасти ҳама, гар нигарӣ ,бодаи ноб аст.

[1] Лоба- зорӣ,тавалло.

432
Кӣ гуфтат,ки бишав ошиқ,агар ҳиммат надорӣ ту?
Кӣ гуфтат ,ки биноз аз худ,агар қимат надорӣ ту?
Агар рӯзат расад,бар нуқтаи анҷом, хоҳӣ рафт
Кӣ гуфтат ,ки марав ҳоло,агар фурсат надорӣ ту ?
Ба он ҳадде ,ки андар кисаат дорӣ, махориҷ кун
Кӣ гуфтат ,ки бикун савлат ,агар давлат надорӣ ту ?
«Садо ,-гӯянд,-аз як даст бар гӯше намеояд»
Кӣ гуфтат ,ки биҷӯҳурмат ,агар ҳурмат надорӣ ту ?
Таманно мекунӣ аз ӯ ,валекин боз менолӣ
Кӣ гуфтат,ки бикун тоқат ,агар тоқат надорӣ ту ?
Ҳамегӯянд,-урёне ба як беҷома хандидаст
Кӣ гуфтат, ки бихо(ҳ) иффат,агар иффат надорӣ ту ?
Басо бошад,ки халқоне дар ин дунё парешонанд
Кӣ гуфтат ,ки машав миллат, агар миллат надорӣ ту
Қаноат ар набудӣ ,моли дунё андакат бошад
Кӣ гуфтат,ки бихо(ҳ) ҳоҷат, агар ҳоҷат надорӣ ту ?
Ҳамон коре ,Халилӣ ,кун ,ки изни карданаш дорӣ
Кӣ гуфтат ,ки навис ҳуҷҷат,агар ҳуҷҷат надорӣ ту ?
( хуччат-…ичозат,хукук)

**433**
Аз машраби мақсуд шаробам ба ком рез
Як бор,ки резидӣ,дигар бардавом рез
Аз шом рез то ба дами субҳи ростин
Аз бонги мурғи арши фалак то ба шом рез
Дар як аёғ резӣ ,бидон ,ки кифоя нест
Ҳам дар аёғу қадаҳ бирезу ба ҷом рез
Рӯзона нури шамси фалакро ба хонаам
Шаб нурҳои бадри саморо ба бом рез
Сайёди андар кунҷи қаноат нишастаам
Хайли қатори сайди қаторам ба дом рез
Дар коми дили дар ғами ту синачоки ман

Зардоби шак нею майи лаълфом рез
Тартиб агар маҳв шавад,марги миллат аст
Дар ҳар кучо ,ки ҳаст башар, интизом рез
Ман шоирам ,боз таманно кунам ҳамин
«Дар ҳар ҳичою мисраю байтам низом рез»

434
Ҳар қадар сахтӣ биёяд, сабри булбул мекунам.
Дасту пои худ намебозам,таҳаммул мекунам.
Ҳеҷ накҳат ҳамчу гул табъи маро хушбӯ накард,
Офарин бар бӯи ҷонбахшои сунбул мекунам.
Ҳар гаҳе дар ёди худ бо ёр мегӯям сухан,
Хешро эҳсос дар тахти таҷаммул мекунам.
Мешавад гоҳо ,ки ғафлат сарварӣ созад маро,
Боядо гӯям ба худ: «Аз чӣ тағофул мекунам?»
Сад дареғо, ман ба он рӯзе ,ки бешак,мерасад,
Зиндагиро ман ба марги худ табодул мекунам.
Аз касе ҷуз ӯ надорам дар ҳамин дунё умед,
То даме ҳастам, фақат бар ӯ таваккул мекунам.
Ман ҳамон коре ,ки бояд ин дамаш иҷро кунам,
Осӣ мегардам, Халилӣ, гар таъаллул[1] мекунам

435
Наёбам дар касе ҳусни базеби бемисолашро
Ҷаҳон асло намебинад бо як рӯзе заволашро
Ба ҳар ҷою ба ҳар ҳоле ,ки бошам,токи ҷон дорам
Мабар аз ман ,худоё ,лаҳзае фикру хаёлашро
Надорад пардае дар рӯ ,ҳама олам бубинад ӯ
Чаро як одаме ,аммо намебинад ҷамолашро ?
Зи ҳоли мо хабар дорад ,ба сӯи мо назар дорад
Набошад ҳолдоне ,ки аз ӯ пурсем ҳолашро

[1] Таъаллул-баҳонаҷӯӣ.

Бивазъ ,боди муроди мо,бирас доим ба доди мо
Абиромез овар ,эй худо ,бар мо шамолашро
Аё ,эй зиндагӣ ,то зиндаӣ бо зиндаҳои худ
Фаровон соз дар дунё каси соҳибкамолашро
Халилӣ мекунад ин илтиҷо такрор бар такрор
Муяссар кун ту бар мо ,эй худо,васлу висолашро

436
Оби чашмам оташи дилро накушт,
Дарбадаргардиш соилро накушт.
Комилонро фаҳм комил кардааст,
Нуқси нокомил комилро накушт.
Як сари мӯ дар хақиқат нест он-к
Токи ӯ дар хеш ботилро накушт.
Рӯзгори сахт ҳомилро кушад
Бори андар пушт ҳомилро накушт.
Қобилон дар ҳар куҷо боиффатанд,
Беҳаёӣ лек коҳилро накушт.
Мурдахобӣ маҳв созад накди кор,
Ҷидду ҷаҳд аммо ки ҳосилро накушт.
Қотилонро медиҳад Яздон ҷазо,
Ҳеҷ як қотил мактулро накушт.
Ҷаҳл ҷоҳилро барад бар кофарӣ,
Аз чӣ аммо ҷаҳл ҷоҳилро накушт?

**437**
Дар чашми ҷаҳонбинат ҳар зарра аён бошад
Дар ҳарфи лабат,ҷоно,сад шарҳу баён бошад
Эй огаҳи рози мо,бишнос накӯ моро
Нашнохтанат моро ,сад нуқсу зиён бошад
Ҷисм аст вуҷуди мо ,дар дида ҳаметобад
Кӣ кист дар ин аҷсом ,аз дида ниҳон бошад

То ғунча набикшояд ,ҳуснаш нашавад пайдо
Огоҳии мо аз кас дар ҳарфи забон бошад
Дунё нигарон ,ки буд ,мо омадаем дар он
Бар рафтани мо аз ӯ ,ҳоло нигарон бошад
Бо умри абад будан дар зиндагӣ осон нест,
Обе,ки намехоҳам-ш ,оби ҳаявон бошад
Ноланда аз ин дунё ,аз ҷадди башар то мо
Ҳам кунгураи Хоқон ,ҳам қасри Каён бошад
Як ҷост ,ки дар он ҷо не маргу на мавлуд аст
Он ҷои басо зебо фирдавси ҷинон бошад
(1-.ҷадди башар-Бобои одам)

438
Модар –Ватано, дар бари ту ноз мекунам,
Вайронаҳот бо дилу ҷон соз мекунам.
Гӯӣ, ки зи ту зода ба ҳар субҳ мешавам,
Ҳар субҳ зиндагӣ зи нав оғоз мекунам.
Набзи дили ман бо дили ту дар баробарист,
Бо ҳар садои қалби ту овоз мекунам.
Ту дар ману ман дар тую мо ҳарду яктанем,
То зиндаам, худ баҳри ту дамсоз мекунам.
Дар рози мову рози ту фарқи қазоӣ нест,
Фарқияте гар аст,ба худ роз мекунам.
Аз баҳри рӯзи сахт, Худоё,наояд он,
Ёбидаҳои хеш пасандоз мекунам.
Шаҳбози бахт ҳастаму мурғи Ҳумо туӣ,
Дар зери қанатҳои ту парвоз мекунам.

439
Мансӯх макун,борихудо ,сабру тоқатам
Зоянда соз чашмаи меҳру садоқатам
Ҳарчанд ки тақсир зи мӯям зиёдат аст

Уммедвори раҳмати он кони раҳматам
Барбанд дари қайсарӣ дар рӯҳу ҷони мо
Бикшой дари аҷзу дуою инобатам
Ҳарчанд ки хун ҷисми тамизро ҳалол нест
Бо хуни қалби хеш бисозам таҳоратам
Гуфтӣ ,ки кори хайр ба умри равон бикун
Бар кори шарр хеҷ надодӣ иҷозатам
То онки дари табъи равонам набастаӣ
Машкан ба дастам хомаи сабту китобатам
Дар ҳарду ҷаҳон ҳофизи кулли башар туӣ
Аз ҳар баде ,ки ҳаст ,ҳамекун ҳимоятам
Садҳо ҳазор ибни Халил буд то ба ман
Бар дуриҳои дур ҳамебар ҳикоятам

440
Дар банди ту буданам, ба ман озодист,
Дар ёди Ширин мурданам Фарҳодист.
Бе ишқ агар бувад дилам, вайронам,
Ин синаи пора-пораам ободист.
Ҳар хандаи қаҳ-қаҳа-ба ҷонам мотам,
Бигристани ман зи ҳаҷри ёрам шодист.
Полуда бикун маро зи ҳар нопокӣ,
Полуда накарданат маро бедодист
Манро падарам ба Ҳинд сад сол гирист,
Бигристани мо зи тарси ту авлодист.
Рӯҳонӣ бувад ҳар он чӣ дар ҷони ман аст,
Ҳар он чӣ, ки дар шикам гузорам, модист
Он, ки барадам ба роҳи ҷар, хасми ман аст,
Оне, ки барад ба роҳи тахтам, ҳодист.

**441**
Ҳарчанд ки ҳастам хафаю музтару маҳҷур,

Бо ишқи худодод манам шӯҳраю машҳур.
Дарси дигаре ҷуз сабақи ишқ нахонам,
Дарсест,ки ҳам рӯҳу равонро бидиҳад нур.
Бо чашми дигар ҷуз басари ишқ набинам,
Чашмест,ки чашмони адӯро бикунад кӯр.
Танҳо ба паю бо қадами ишқ равонам ,
Гомест, ки наздик кунад роҳи басо дур.
Ҳур аст ба Фирдавсу малак ҷо ба самовот,
Ишқ аст, ки манро бибарад ҷониби он ҳур.
Кибр аст, ки вайрона кунад хонаи дилро,
Ишқ аз ҳама вайрона кунад хонаи маъмур.
Урёнии тан дар назари халқ ҷаҳим аст,
Фирдавси барин аст ҳаме пайкари мастур.[1]
Ҳаллоҷ, ки хандида равад ҷониби ёраш,
Бағдод вале гиря кунад дар ғами Мансур.[2]

**442**

Гар пастӣ ваё мастӣ, як роҳи сафар дорӣ,
Дар мунтаҳаи роҳат пӯшидабасар дорӣ.
Бе ҷурмат агар ойӣ, хулд аст макони ту,
Бо ҷурмат агар ойӣ, дар пеш сақар дорӣ.
Аз ман ту ҷудо гаштӣ, дар даҳр басо гаштӣ,
Боз о ту ба сӯи ман, гар хавфу хатар дорӣ.
Қуръони манат ҳуҷҷат, бар Кавсару бар Ҷаннат,
Ин ҳуҷҷат агар дорӣ, дар даст гуҳар дорӣ.
Ман аз ту хабар дорам, дар пеши назар дорам,
Дар баҳру ба бар дорам, аз ман ту хабар дорӣ?
Олам-ҳама бори ман, хоҳони канори ман,
Бе кизб бигӯ бар ман: «Манро ту магар дорӣ?»

[1] 1. мастур-сатр пӯшидан.
[2] 2. Мансури Ҳаллоҷ дар назар аст.

Чун гиря кунӣ хуне, монандаи Ҷайхуне,
Бовар бикунам ин ки : Дил дорӣ,ҷигар дорӣ!
**443**
Гарчи ман дар ёди ту набвам ,ту дар ёди манӣ
Пушт андар пушт то одам ту авлоди манӣ
Одамо ,гар хун ҷорӣ мекунӣ , Заҳҳок- ту
Об ҷорӣ ар кунӣ,аҳсант ,Фарҳоди манӣ
Бовар ар дорӣ ба раҳму раҳмату бар доди ман
Ғарк дар дарёи раҳму раҳмату доди манӣ
Донаи гандум агар ҳастӣ,ба хирман мешавӣ
Коҳ агар бошӣ ,накӯ медон ,ки барбоди манӣ
Чун каломи «тайба» ботакрор ронӣ бар забон
Аз гуноҳуҷурмату озор озоди манӣ
Гар ба дасти рост гирӣ номаи аъмоли худ
Ҳамраҳи он нома дар каф хатти иршоди манӣ

**444**
Мавҷи сиришки чашми ман ҷонам ба ҳоил мекашад
Бори ғаму ҳиҷрони ман дил хамчу ҳомил мекашад
Аз ҳаҷру ҳиҷронат ,худо Яъқуби Канъони дилам
Дар дидаҳои хештан баҳри писар мил мекашад
Кай бишнавад сайёди ман аз умқи дил фарёди ман?
Ҷони балабҳобастаро аз умқи бисмил мекашад
Маллоҳ агар доно бувад ,фаҳмаш агар барҷо бувад
Киштии дар таҳлӯқаро бар сӯи соҳил мекашад
Одам магар бозича аст дар чорроҳи зиндагӣ?
Ҳам дасти хақ ӯро кашад ,ҳам дасти ботил мекашад
Аз ҷурм мегардад ҷудо мақтул баъд аз мурданаш
Кулли гуноҳони варо бар дӯш қотил мекашад
Аблаҳ ҳама умри равон танҳо ғами худ мехурад
Дарди тамоми ҷамъият дар қалб оқил мекашад
Баъди ҳама ин «кашкашӣ» дар давраи охирзамон
Ҷисми ҳама ҷондорҳо бар хеш манзил мекашад

**445**

Хотири хеш ба ҳар кор мушаваш накунам,
Хешро дидаю дониста дар оташ накунам.
Худ ҷафо мекашам аз дасти фалак,кофӣ бувад,
Дигаронро чу худам ҳеҷ ҷафокаш накунам.
Ақл бар ҷони мубарроии танам омаду гуфт:
«Гӯш бар ин дили девонаи саркаш накунам.»
Ҳама девори дилам пур зи гулу нақши гул аст,
Зоҳири хеш ба пероя мунаққаш накунам .
Зинда ҳастам ба хаёли рухи зебои ту ман,
Дур аз лавҳи дилам ёри париваш накунам.
Маҳвашонро чӣ кунам, тоқ бувад маҳваши ман,
Ҳаваси ҳеҷ дигар дилбари маҳваш накунам.
Бодаи ноби лабонат ба лабам бошад агар,
Ёди шаҳду шакару бодаи беғаш накунам.
Гум бодо зи ҷаҳон номи Халилӣ абадӣ,
Агарам ёди рухи дилбари дилкаш накунам.

**446**

Баробар нест як болою пастӣ,
Мусовӣ нест ҳушёрию мастӣ.
Дар он ҷое, ки кас аз кас гурезад,
Ҳамон, ки дасти ман гирӣ,ту ҳастӣ.
Магӯ асло, ки: дар Ҷаннат набудам,
Ки бори пушти ҷаддат аз аластӣ.
Будӣ бо ман, ба вақте, ки набудӣ,
Магар бо айби худ аз ман гусастӣ?
Чаро, эй одам, аз чанги шаётин
Гаҳе ҷастӣ, гаҳи дигар наҷастӣ ?
Туро гуфтам, ки боз аз нав бипайванд,
Чаро худро зи нав бар ман набастӣ ?
Илоҷи дигаре дар ту набинам.

Ба ҳар ҷо, ки равӣ, манро ба шастӣ.
Муҳайё кун, Халилӣ, тӯшароҳат,
Ки ноҳастӣ шавад як рӯз ҳастӣ.

**447**

Бо изни ӯ бар олами паҳно расидаам
Бо кулли халқ ҳамраҳу танҳо расидаам
Чун қатрае ,ки аз бари дарё ҷудост ӯ
Бо ӯ бадам якҷою ба инҷо расидаам
Бинӣ, ки зи нав боз ба ҷӯяш равонаам
Медон, ки будам қатра, ба дарё расидаам
Ҳафт осмон ҳаст ба фарқи замини мо
Ман сӯи ҳамин зер зи боло расидаам
Ҷисмам зи хоки Одаму ҷонам зи рӯҳи ӯст
Не аз дуою кӯфи Масеҳо расидаам
Он муштарӣ ,ки мехарадам боз аз дигар
Гӯӣ ки ба ин даҳр чу коло расидаам
Бо кулли айбаш мартабае дорад одамӣ
Чун бӯи мушку анбару соро расидаам
Танҳо аз ин ҷаҳон якеам шикоят аст:
«-Бар ҷони худ аз дасти мадоро расидаам»

**448**

Худоё ,то қиёмат майҳанам бе як хатар бошад,
Шукуҳу шуҳраташ дар осмону баҳру бар бошад.
Набинад дар тамоми ҷабҳаҳо дар хеш зериро,
Чу ахтарҳои гардунсайр доим дар забар бошад.
Каломи шуми «норозӣ» шавад гум аз забони мо,
Падар розӣ зи фарзанду писар ҳам аз падар бошад.
Наафтон аз нишону парчами мо тоҷи шоҳиро,
Шаҳи мо, то ки тоҷик зинда бошад,тоҷвар бошад.
Мапурсад ҳеҷ кас дигар ки : «Тоҷик, ин магар халқ
аст?

Ҷаҳон аз тоҷику аз Тоҷикистон бохабар бошад.
Агар ки шоиронаш дар сифоташ шеър мегӯянд,
Ҳар он шеъре, ки мегӯянд,чун шеъри Назар бошад.

**449**

Маро ҳар рӯз дар ман мекушад заҳри пушаймонӣ,
Ки кам кардам, агар ки нотиқам, машқи сухандонӣ.
Агар дастам набошад дар сари зулфи дарози ту,
Манам безор аз ин дасту аз ин умри тӯлонӣ.
Агар донoиям бар суди дину мазҳабам набвад,
Аз ин донoиям беҳтар бувад сад бор нодонӣ.
Агар чун шамъ одам дар даруни худ намесӯзад,
Ба рӯяш гӯй ноодамгарияшро, на пинҳонӣ.
Агар дар дасти ақли мо намебошад инони мо,
Набошад фарқ дар мобайни озодию зиндонӣ.
Ҳама ҷонзоди олам то ба маргаш зинда мебошад,
Ба гӯши ҳар касе бояд расад фармони Яздонӣ.
Фаровон одамон аз ину аз он бохабар ҳастанд,
Набошад ҳеҷ як донoие дар тунги ҳақдонӣ.

**450**

Ҳарҷо ки бувам ,дар талаби маҳрами розам
Арз асту ниёз аст саропои намозам
Дар умри каму умри зиёдам биҳаросам
Аз сахтию аз мушкилии роҳи дарозам
Ангушти таҳайюр бигазад ,ҳар ки бубинад
Дар синаӣ дар оташи ман сӯзу гудозам
Гӯянд ки,дар ҳарду ҷаҳон хона надорӣ
Дар хонаи дил баҳри ту ман хона бисозам
Ман банда ба кас бошам агар,бешарафам гӯ
Аз бандагии хеш ба зоти ту бинозам
Чавгони сари зулфи ту,мақсуди дилам ҳаст
Эй кош, ки дар чангии он гӯй бибозам

**451**
Қатра ҳастам ,ба умедам, ки ба дарё бирасам,
Бо ҳазорон талабу майлу таманно бирасам.
Агарам дарҳарами бадри ҷаҳон ҷои ман аст,
Аз ҳамин хок ба он чархи муалло бирасам .
Агарам саҷда кунам хоки тани ҷадди башар,
Зуд бар оғӯши он Момаи Ҳавво бирасам.
Вусъате дорад агархонаи пурнури дилам,
Аз ҳамин тангии ҷонхора ба паҳно бирасам.
Ман ба онҷо ,ки ҳама аҳли башар ҷамъ шавад,
Агарам нест ҳамин рӯз ,ба фардо бирасам.
Хонаи танги дилам тору сияҳ нест агар,
Ба бари он санами поку мубарро бирасам.

**452**
Чаро аз онки ҷонам дар иёри ӯст ,менолам
Чаро аз онки ҷонам дар хумори ӯст,менолам
Танам аз ӯ ҷудою ҷони ман дар ҷони ӯ боқист
Чаро аз онки ҷонам дар канори ӯст ,менолам
Ғизои ҷисму чонам ҳарду аз файзи сахои ӯст
Чаро аз онки ризқам аз диёри ӯст ,менолам
Ҳамехоҳам ,ки оби Хизрро мироб ман бошам
Чаро аз онки умрам дар шумори ӯст, менолам
Агар саҳрои умрам чор фасли пайсипар дорад
Чаро аз онки боғам аз баҳори ӯст ,менолам
Каломаш дар забонам дар катори лафзи ҷонам ҷост
Чаро аз он ки ҳар ҳарфаш шиори ӯст,менолам
Мусулмон мешавад дунё ба як рӯзе ,на шак дорам
Чаро аз онки динам шаҳсавори ӯст ,менолам
Тафохур мекунам аз онки инсони баимонам
Чаро аз онки фахрам ифтихори ӯст ,менолам

**453**
Ҷони одам баста бошад бо хатар,
Дар ҳамин дунёю дар они дигар.
Аз нахусту мунтаҳои ин ҷаҳон
Ҳеҷ касро ҷуз Ҳудо набвад хабар.
Не ҳамин рӯзу ба фардо ҳеҷ кас
Бурда натвонад ба худ хирвори зар.
Холӣ мемонад ҳама рӯи замин,
Не гадо монад дар он ,не тоҷвар.
Не забар мемонаду не зери он,
Мешавад дар як рақам зеру забар.
Ҳар кӣ он ҷо дар талоши ҷони худ,
Ҳеҷ кас бар кас набошад коргар.
Мегурезад аз падар фарзанди ӯ,
Ҳам аз он фарзанд бигрезад падар.
Эй Худо, сахтии мо осон бикун,
Ҳам дар ин дунёю дар даҳри дигар.

**454**
Асрори ҳамин ҷону танам аз кӣ бипурсам ?
Шарт буд магар омаданам ? Аз кӣ бипурсам?
Имрӯз, ки дар рӯи замин раҳсипарам ман
Чанде будану нобуданам аз кӣ бипурсам?
Пероҳани аҷсоми танам чист ,бидонам
Дӯзандаи сони кафанам аз кӣбипурсам ?
Аввал суханам дар даҳанам «ма- ма»-и ман буд
Он вожаи охирсуханам аз кӣ бипурсам?
Ҳам майҳану ҳам халқи ман имрӯз бачоанд
Ояндаи халқу ватанам аз кӣ бипурсам?
Як рӯз канад қотили ман риштаи умрам
Он қотили бунёдканам аз кӣ бипурсам

Ҳар байт,ки дар сафҳа навиштам ,чаманам ҳаст
Гулпӯшии боғу чаманам аз кӣ бипурсам
Он ҷой, ки ман рафтагарам, хулду ҷаҳим аст
Худро ба кадомаш фиганам ? Аз кӣ бипурсам ?

**455**

Аз ҳамон рӯз, ки хурдам қадахат ,мадҳушам
Ҷӯш дорам ба дилам,ҳеҷ магӯ хомӯшам
Наравам ҳеҷ ба он раҳ,ки ҳамегӯӣ :марав!
То даме зинда манам ,ҳарфи лабат бинюшам
«Падарам равзви ризвон ба ду гандум бифурӯхт»
(1..)
Ман ҷаҳонро ба яке донаи ҷав бифрӯшам
Теғ бар ҳалқ расад , мардсифат сабр кунам
Чун ба сутхон бирасад,шерсифат бихрӯшам
Майли оғӯши ту аз лавҳи хаёлам наравад
Токи ин хоки таги по накунад оғӯшам
Дари дилро бикушоям бари ёрони қарин
Дари онро ба рухи нобакасон мепӯшам
Розӣҳастам ба ҳама додаи Султони азал
Ҳарчи он соқӣ ба дастам бидиҳад ,менӯшам
(1,,-аз Хофиз аст)

**456**

Бош дар мағзи дилам, ҳеҷ марав аз пешам,
Марҳаме бош бари синаи пур аз решам.
Узв-узви баданам дар ҳақи ту месӯзад,
Боз гӯянд, ки ман саркашу кофаркешам.
Агар аз камбағалӣ шарм кунам, ҳайф ба ман,
Фахрам аз он ки яке камбағалу дарвешам.
Ман набинам фақат имрӯз ,ки дар чашми ман аст,
То ба маҳшар нигарам, одами дурандешам.

Эй, ту бадхоҳи ману дини ману мазҳаби ман,
Гум шав аз назарам ,зарба мазан бар кешам.
Ман ба оне, ки бувад хасми Ҳудо, хеш наям,
Ба ҳама саҷдагари пайкари Одам хешам.
Дар дами пирӣ ман аз бемададӣ метарсам,
Тоқа магзор маро, ҳеҷ марав аз пешам.

**457**
Аз хуни дилам бӯи кабоби муҳаббат аст,
Аз умқи дилам ҷӯи шароби муҳаббат аст.
Беҳуда дил ҳарф нагӯяд ба ину он,
Ҳарфу калом-ш ҳарфи хитоби муҳаббат аст.
Иффат бувад, ки пардаи имони одам аст,
Дар рӯи ҳусн парда ҳиҷоби муҳаббат аст.
Маҷмӯи ишкҳаст каломи Худои мо,
Ишқи Худо ба ҳарфи китоби муҳаббат аст.
Бе ишқ нест рӯи замин ними як нафас,
Пояндатар зи ҳар чи таноби маҳаббат аст.
Хоҳӣ, ки донӣ,чист ҷавоби муҳаббатат ,
"Мурдан ба роҳи ишқ ҷавоби муҳаббат аст"
Дар ишқ тӯл ҳаст набошад варо фурӯ,
Оне ки ҳаст нест, шитоби муҳаббат аст.

**458**
Нақши хаёлоти туро дар сар чу маъво додаам
Ҳар рӯзи умри хешро садгуна маъно додаам
Бинандатар аз чашми сар бошад маро чашмони дил
Наззораи ҳусни туро бар чашми бино додаам
Дар ибтидо ишқи дилам бар ину он кофӣ набуд
Ҳар рӯз афзудам варо,аз зер боло додаам
Ҷонам намеғунҷад дигар дар қолаби танги танам
Изни сафар ӯро зи ҷон бар чархи боло додаам
Дар зери ҳар як додам бошад таманное ниҳон

Бар рағми ҳар навмедиям худро тасалло додаам
Аз дасти ман дар ин ҷаҳон чизе намеояд дигар
Буду набуди хешро бар дасти Аҳдо додаам

**459**

Эй дилбари хушсурати фархундапай,биё,
Бо барбату бо таблаку қонуну най биё.
Ҳар вақт биёӣ, қадамат бӯи гул кунад,
Дар гармиҳою фасли хазонрезу дай, биё.
Бо ашк роҳи омади ту об мезанам,
Эй маҳваши хушчеҳраи хушгомупай, биё.
Кафшери васли ошиқу маъшуқ бода аст,
Бо соғару паймонаи лабрези май,биё.
То он ки донам умр матои ғанимат аст,
Бо қиссаҳо зи Хусраву Ковусу Кай, биё.
Будӣ ба кӯҳи Тур, ки Мусо калим шуд,
Мо мутрибони ишқ, ба овози най, биё.

**460**

Гӯш дор, эй дил, ки дардат дарди бедармони туст,
То тапидан дорӣ андар мағз, мағзи ҷони туст.
Он чи бо маргаш табобат мекунад дарди туро,
Ҷорӣ дар рагхои хуни пайкарат имони туст.
Нек медонам,ки ту ошиқ ба зоти кистӣ,
Ошиқат он ёрибеҳамтои ту, Яздони туст.
Аҳду паймонро шикастан ,ҷурми нобахшиданист,
Он чи бояд нагсалад то зиндаӣ, паймони туст.
Зинда месозад заминро барфу борони само,
Ашкрезӣ карданат –ин барфу ҳам борони туст.
Ишқи ту асло нахоҳад мурд ,эй дил, зинда бош,
Ганҷи беҳадду канорат ганҷи ҷовидони туст.

**461**

Ҷӯяндаи он нақхати зулфи дутот –ман,
Ҳам самъгари ҳарфу хиҷою садот –ман.
Бар дорую дармон-т башарро ниёз ҳаст,
Солимшуда аз дорую файзи дуот-ман.
Болошуда аз ҳафтқабат осмон-ту,
Парчиншуда ба зери қадамҳои пот-ман.
Мазмуни кулли шеъру шиорам санои туст,
Ҳастӣ ҳамон некқаламкаш, давот[1]-ман.
Дар тахтаи шоҳмот, ки онро карона нест,
Ҳастӣ ҳамон шоҳи ҷаҳонгир, мот-ман.
Он шаҳсувори кавну макону замонӣ ту,
Он ҳомили бечораи ҷабру ҷафот-ман.
Соқии нуқлу бодаи ҷоми аласт-ту,
Муҳтоҷ ба як ҷуръа майи ҷонфизот-ман.
Хизри ҳаёту оби ҳаёташ ба ҳукми туст,
Ҷӯяндаи он чашмаи оби ҳаёт-ман.
Тобам ҳамеша дар басари тезбини ту,
Бо номи тую ёди ту дар иртибот-ман.

**462**

Қисматам дар назарам одами кар метобад,
Ҳам ба монанди манаш зеру забар метобад.
Азм созам, ки савораш бишавам аспсифат,
Чун савораш бишавам, асп на, хар метобад.
Кӯр-кӯрона агар бар асараш роҳӣ шавам,
Дар нигоҳам раҳи ҳамвор на ,ҷар метобад.
Хайр мегӯяму ӯро ба мадад металабам,
Чун намоён бишавад, хайр на, шарр метобад.
Амн умед кунам ё накунам, ҳайронам,
Ба гумонам, ки на амн аст, хатар метобад.
Гар ба дардам нахӯрад, ҳеҷ биҳилаш накунам,

---

[1] Давот-рангдон.

Гӯӣ ман ҷаддаму ӯ оқипадар метобад.
Беш тазвир кунад, то ки фиребад дили ман,
Ҳамчу як булбули ошиқ на, дагар[1] метобад.
Қисмато, нек бишав бар ману ҳам бар дигарон,
Баъди ҳар як шаби торик саҳар метобад.

**463**
Маслиҳат нест, ки як умри равон хоб шавӣ,
Ё ки дар дидаи боби ҳама нобоб шавӣ.
Дурӣ аз халқу Ватан, рафту,туро ёфтааст,
Ҳамчу ях дар алави ҷабру ҷафо об шавӣ.
Мункири роҳи ҳақу кори ҳақу дин мабош,
То ки дар чашми Худованд чу асҳоб шавӣ.
Баҳри осоиши ҷону тани худ ҳилла макун,
Боядо дар шаби зулмот чу Маҳтоб шавӣ.
Заҳр асло ту машав, то ки касонро бикушӣ,
Боядо дар қадаҳи даст майи ноб шавӣ.
Агарат бар зарари халқу Ватан раҳсипарӣ,
Ғарқ дар ҳалқаи ҷӯшандаи гирдоб шавӣ.
Агарат дарди ту дарди Ватану халқи ту аст,
Бок набвад, ки агар сӯзию нотоб шавӣ.

***464***
Аз хоб чу хезам ,ба само менигарам,
З-он пас ба замини зери по менигарам.
Азбаски замин сӯи Худо менигарад,
Ман ҳам чу замин ба он даҳо менигарам.
Дар мавҷаи ҳар садо таманност ниҳон,
Чун самъ кунам, сӯи садо менигарам.
Бар неку ба бад ба чашми сар якгуна,
Бо чашми дилам ҷудо-ҷудо менигарам.

---
[1] Дагар-парандаи ҳиллагар.

Соил, ки шаҳи ҷаҳони беҷурмон аст,
Бо дидаи меҳр бар гадо менигарам.
Дастури ҳаёти худ кунам панду ҳадис,
Бар дафтари панди анбиё менигарам.
Фандам бидиҳанд гоҳ чашмони сарам,
Бо қалби хуҷаста, бехато менигарам.

**465**
То он ки ба сар ёди маҳи гулъузор ҳаст,
Уммеди ба ӯ хилвату бӯсу канор ҳаст.
То он ки замин асту дар он пои одам аст,
Дар рӯи он хархашаи рӯзгор ҳаст.
То он ки ёр ҳасту ба маъшуқ васл нест,
Дар майкадаҳо нуқлу майи хушгувор ҳаст.
Маҷнун намурдаст ва мурдан надорад ӯ,
Ҳам то ба абад Лайлии овозадор ҳаст.
Ушшоқро мастӣ на зи анвои дунявист,
То даври абад мастии ин майгусор ҳаст.
Ин хоки гӯр сер нашуд аз тани башар,
То ки башар ҳаст ,зи хокаш «биёр» ҳаст.
Дунё тиҳӣ нест зи неку бади касон,
То он ки ҳаст он, ямину ясор ҳаст.
Аз сахтиҳои умр шикоят намекунам,
Зеро ки баъди сардии даймаҳ баҳор ҳаст.

**466**
Ҷонам ,худоё ,бар сари миҷгон расидааст
Аз дурии васли ту ба зиндон расидааст
Дунё ҳамон гуна ,ки хоҳам-ш ,нест-нест
Ё инки ҳамин рӯз ба поён расидааст ?
Қисмат чу шуд роҳату сахтии бас гарон
Ҳар сахтие, ки ҳаст ,ба инсон расидааст
Номуси мою ишқи муҳаббатсиришти мо

Аз синаҳои поки ниёгон расидааст
Бар қуллаи мақсуд яке норасида рафт
Дигар ба он бе заҳмату осон расидааст
Бе ишқҳарки рафт ,ба шайтони хеш рафт
Он рафтаи боишқ ба яздон расидааст
Имон наҳаст ончи ба чашмат бубинӣ он
Дар ҳаркӣ ҳаст,аз ҳама пинҳон расидааст
Бошад хато гӯям, ки : бадӣ дар қадим набуд
Некию бадӣ дар ҳама даврон расидааст
Дунё аз они мардуми бедарду заҳмат аст
Асло аз ӯ нест, ки бар ҷон расидааст

**467**
Ба гадоӣ ба дари хонаи дилбар биравам,
По агар нест равон ,албатта ,бо сар биравам.
Азм созам, ки хате ҷониби ӯ роҳӣ кунам,
Ба суроғи вароқу боли кабӯтар биравам.
Сиратам ҳеҷ ба сурат набуду нест шабеҳ,
Бо лаби хушку ба дил бодаи соғар биравам.
Начу тарсою насорою яҳудию маҷӯс,
Ҳамчу як уммати исломи паямбар биравам.
Хонаи Каъбаи ӯ дар тарафи ғарби ман аст,
Ман бари саҷдаи он хонаю он дар биравам.
Баъди ин рафтагариҳо, ки бирафтам каму беш,
Ҷониби он шаҷари Тӯбию Кавсар биравам.
Аз ҳамин хоки диёри падару аҷдодам
Дар кафан бӯи хуши мушку муанбар биравам

**468**
Эй ки аз ҳам-ҳамаи рӯзи ҷазо бехабарӣ
То ба кай роҳи пур аз ҷурму гунаҳ месипарӣ
Шиканӣ киштии тавфиқ дар инҷо агарат
Аз ҳамон баҳри пур аз хавф чӣ сон мегузарӣ?

Агар въмоли бадат ҳаст дар ин дорифано
Ту ба зар номаи аъмоли мубарро нахарӣ
Ту мапиндор ,ки дар рӯи замин ҳастӣ абад
Мешавад рӯзу маҳу соли ҳаётат сипарӣ
Ту ба чӣҳифз ҳамесозӣ дар онҷо баданат?
Мекушад оқибати кор туро бесипарӣ
Ба ҳама неки ҷаҳон бо назари нек нигар
Мекунад нек туро дар ду ҷаҳон хушназарӣ
Буд дар ҷои ту ҷадди ту.Куҷо рафт ?Бигу
Нек медон ,ки туҳам чун дигарон дар сафарӣ

**469**

Ҳаст дар мардуми мо як масал аз даври қадим,
Ки: «ду бад ҳаст чу як себи ба ду ҳисса ба ним».
Нест як кас , ки ба сад бор саломат бошад,
Ҳаст дар ҷои якум дарду ба пастист салим.
Кӯркӯрон а макун, эй ки ту коре бикунӣ,
Ақл бояд, ки бувад дар ҳама аъмол надим.
Чун кабӯтар ту зи як бом ба боме мабипар,
Дар дару хонаи аҷдодии худ бош муқим.
Таваккул кун ба Худо, ҳар чӣ, ки меёбӣ аз ӯ,
Ки худои ҳамагон амну амин ҳасту карим.
Дард дорӣ агарат, шикваю фарёд макун ,
Ки Худо ҳаст ба ҳар дард мудаввою ҳаким.
Ту ба ҳар ҷою ба ҳар кору ба ҳар ҳол мудом,
Мададе хоҳ зи Худо аз шарри шайтони раҷим.

**470**

Ватан омӯхт бар ман бар аду ағёр буданро,
Дилам омӯхт бар ман то саҳар бедор буданро.
Сироти мустақим дар сураи "Ал-ҳамд" дидам ман,
Зи тарси ӯ гирифтам чун ҷарас бедор буданро

Гирифтам дарси ҷонбахшӣ ба роҳи ҳақ ба осонӣ,
Чу Мансури аналҳақ дар сутуни дор буданро.
Ба умри хеш фаҳмидам сари даркориҳоро ман,
Ба монанди ҳаво баҳри нафас даркор буданро.
Маломат мекунам ,то он ки ҷон андар бадан дорам,
Ба ёри бовафо дар ҳар касе ғаддор буданро.
Салими тан агар бошӣ,вале ҷонат касал бошад,
Накӯ гӯям аз ин бедардият бемор буданро.
Касе як лаҳза пешу лаҳзае ҳам пас нахоҳад мурд,
Зи ҷонат дур кун аз ҷони худ безор буданро.
Зи бешармӣ танат дар оташи ҷонсӯз хоҳад сӯхт,
Макун дур аз сарат андешаи саттор буданро.

**471**

Бехаёлат накашам якта дамам
Шукр гӯям ба ҳама бешу камам
Ҷигарам нофасифат хушк шавад
Агар он мушку абират нашамам
Қади шамшодвашам мешиканад
Агарат дар таги поят нахамам
Ҳолиё ҷилвагарам дар назарат
Дар пагаҳ хокаи он ҷоми Ҷамам
Чӣ касам инки зи қаҳҳории ту
Ҳар даму соату рӯзам нарамам ?
Кам ҳамесозӣ фараҳмандии ман
Ҳар замон беш кунӣ дарду ғамам
Агарам гиряи ман аз ғами туст
Хушк нанмо ба чаве чашми намам
Васфи ту шӯҳрати шеъри Аҷам аст
Волаи маънии шеъри Аҷамам

**472**

Вақти мо рафт зи мо, ҳосили авқот куҷост?

Агараш рафт на беҳуда, мукофот куҷост?
Лоф бисёр шавад, зарба ба ҳар кор шавад,
Доваро, гӯй ба мо,махзани томот куҷост?
Даҳри мавҷуда ба як рӯз на мавҷуд шавад,
Сурнаё,гӯй ба мо, махзани томот куҷост ?
Ҳар ки дар дини Худо ҳар чӣ изофат бикунад,
Фарқи аркони ҳақу дину хурофот куҷост?
Зикри Яздон ба ҳама вақту замон ҳаст раво,
Вақти маъқултари аҷзу муноҷот куҷост?
Ҳукм бар ҳар яки мо мерасад аз чархи само,
Раҳи мо ҷониби он боми самовот куҷост?
Ҳар кӣ худро зи ҳама оқилу доно шумарад,
Сабаби ин ҳама иғроқу муҳобот куҷост?
Ту ҳамегӯӣ, ки ман илми ниҳон медонам,
Агарат рост ҳамегӯӣ, каромот куҷост?
Нест як фард ,ки арзеву ниёзаш набувад,
Ҳотифо, гӯй ба мо: Қозии ҳоҷот куҷост?

**473**

Ғами дунёи фониро биё ,бар гӯр андозем
Биё,ин саргарониҳо зи дилҳо дур андозем
Агар ошиқҳамегӯӣ худатро ,дил ба яғмо деҳ
Ба он ҳадде шавем ошиқ,ки як сар шӯр андозем
Биё,эй ҳамрадифи ман,ба як рӯзи дигар худро
Аз ин дунёи номаъмӯр бар маъмӯр андозем
Биё,ҳар қалби биноро бинотар бо сухан созем
Биё,ҳар қалби аъморо ба оби шӯр андозем
Худоё ,кай шавад рӯзе,ки мо бо чашми ҷону дил
Назар бар чашмҳои дилбари махмӯр андозем
Ҳама тайрон ба ҷинси хеш дар парвоз мебошанд
Биё,он салмаро аз гардани Мансур андозем
Агар бигзашта битвонем аз озмуни он дилбар
Тани поку мубарроро ба пеши ҳур андозем

**474**

Ба коми мо расад,кошо ,шараб аз ҷоми он соқӣ
Ба он рӯзе, ки мо ҷамъем дар он олами боқӣ
Макони гирудору тарси афзуну умед аст он
Дар онҷо ҷамъ меояд ҳама шаҳрию қишлоқӣ
Дар он чо хар касе дар тарси чони хеш мебошад
Надорад ҷой он ҷо худнамоиҳою варсоқӣ
Ба мисли рама мебошад халоиқ дар адири он
Чӣ бошад дар биёбону ба саҳро ,ёки айлоқи
Ҳама он ҷо ,ту гӯӣ ,боадаб-омӯзгоронанд
Нишоне ҳам намебошад дар онҷо аз бадахлоқӣ
Ҳама кас дар танаш он ҷо фақат эҳром мепӯшад
Надорад ҳеҷ кас он ҷо ба сар рӯмол ё тоқӣ
Бикун моро дар он ҷо мисли ёрони қадимат маст
Ба лутфу нуқлу бо он бодаи тайҳурат ,эй соқӣ

**475**

Аз умри мост ҳар вароқе дар китоби вақт,
Дарке ба вақти пирӣ намудам шитоби вақт.
Дар давраи ҷавонию накию бардамӣ,
Нашнида будам ҳеҷ итобу хитоби вақт.
Имрӯз вақт ҳосилаш аз ман талаб кунад,
Пурсам зи хеш бо чӣ бигӯям ҷавоби вақт?
Андар шабоб масти шаробу тараб будам,
Имрӯз талхӣ медиҳадам он шароби вақт.
Монанди оби ҷӯй равон аст вақти мо,
Ҳар лаҳза мекафад ба кафи мо ҳубоби вақт.
Беҳуда гар бирафт, бигӯ:инқироз кард,
Рафт ар муфид буда ҳамон инқилоби вақт.
Фасле наяст вақт, ки ояд ба фасли нав,
Бо рафтани ӯ хушк бигардад сароби вақт.

Ҳар лаҳзаю ҳар соату рӯзаш ғанимат аст,
Борад, Худоё , ҳосили умр аз саҳоби вақт.

**476**
Дардовар аст ғафлати мо, дардкуш нест,
Нанговар аст, ҳеҷ ,ки перояпӯш нест.
Ғаммозие ки дар рагу дар хуну ҷони мост,
Айби касон фош кунад ,айбпӯш нест.
Оне, ки дил ҳамешагӣ бар ёр додааст,
Гӯё, ба ҳуш ҳаст,валекин баҳуш нест.
Оне ки ӯро шавқу умедаш на зинда аст,
Толоб ҳаст ,чашмасифат дар хурӯш нест.
Он ки садои нафси балохор бишнавад,
Ӯро нафири мардуми олам ба гӯш нест.
Он бодае, ки дар қадаҳи мост, хоси мост,
Оне, чу мо менахӯрад ,боданӯш нест.
Ҳар он ки ӯро оташи шаҳват забона зад,
Шарму ҳиҷобу покию исмат ба рӯ-ш нест.
Дар ҷустуҷӯи роҳи ҳақиқат хато кунад,
Оне, ки ӯро бодаи ҷому сабӯ-ш нест.

**477**
Эй синаи полӯда, ту мискиннавоз бош
Эй мардумаки дида ,ту маъшӯқабоз бош
Ҷонат ,ки ҳаст ,эй бадани ман, ту зиндаӣ
Эй ҷисми напӯсида ,ту андар намоз бош
Оромию ғафлат зи ҳақат дур мекунад
Эй қалби нахобида ,ту андар гудоз бош
Эй зинда дар ин даҳру на огаҳ аз он дигар
Аз сахтии он рӯзи ҷазо дар ароз бош
Шак хонабарандози шаҳи эътиқоди тӯст
Дар бандагию ишқи худо бемаҷоз бош
Роҳе,равонӣ ту дароз асту бас дароз

Омодаи паймудани роҳи дароз бош
Вайронагарӣ кори на мардони бихрад аст
Дар тӯли умри худ ,Назаро ,корсоз бош

**478**
То нафас ҳаст маро, мушкнафас меҷӯям,
Сирри бехобию фарёди ҷарас меҷӯям.
Меҳр бар моли ҷаҳон баҳри ҳама зиндон аст,
Раҳи озодӣ аз ин банди қафас меҷӯям.
Ҳаст дар ҷустанаш кулли ҷаҳон пушт ба пушт,
Ҷустамаш то ба ҳамин рӯзу зипас меҷӯям.
Чун бароят нафасам, нест умедам ба дигар-ш,
Баъди ҳар як нафасам боз нафас меҷӯям.
Нест як фард, ки хоҳад ба худаш ҷабру ҷафо,
Адлу инсофу хирад аз ҳама кас меҷӯям.
Он чи дар қисмати ман нест, наёбам-ш ба ҳеҷ,
Рафту ҷӯям, ту бигӯ, ки :баръабас меҷӯям!
Пайкарам пир шуду ҳеҷ ҳавас пир нашуд,
Ё зи хоки ҳавасеям, ки ҳавас меҷӯям.
Ғарқ дар маънӣ шудам, дурру гуҳар ёфтаам,
Сарсарӣ гар биравам, дарзаи хас меҷӯям.

**479**
Токи дар ҷону дилам ищқи ту афзун накунам
Хешро аз қафаси аблаҳӣ берун накунам
Чун ба он қуллаи болои ҷунунӣ бирасам
Чашми худ ҳеҷ ҷудо аз рӯхи Бечун накунам
Ошиқонро ҳама анвои ҷаҳон нест ғизо
Ҳаваси ҳамҳамаю ҳашмати Қорун накунам
Ташнаи об аз ин дорифано хоҳам рафт
Агарам тар лаби худ бо майи гулгун накунам
Ҳамраҳи хайли зихудбехабарон гом занам
Хешро ҳеҷ аз ин доира берун накунам

Хат бизан номи ман аз сафҳаи ёрон-т ,худо
Баҳри ту гар нафасе хеш ҷигархун накунам
Баҷуз аз ҳамди тую васфи тую тоати ту
Ман ягон кори дигар дар таги гардун накунам

**480**
Андар хаёл сайри рӯхи ёр мекунам,
Он гуна, ки ба гулшану гулзор мекунам.
Чун нашъаи он бодаи мино ба сар занад,
Азми сафири хонаи хаммор мекунам.
Огаҳ шавам зи таънаи душман зи айби худ,
Дар ин хусус суд зи ағёр мекунам.
СавгандНасӯҳ оядам аз оли покзод
Ҳар кори накӯкарда ба такрор мекунам
Дорам умеди беш ман аз раҳмати Худо
Хавфи фузуне зи ҳазрати ҷаббор мекунам.
Лаънат ба он сина, ки зулматсаро бувад,
Таҳсин ба он қалби пуранвор мекунам!
Бозор, агар маскани фанду фиреби мост
Билло, ки тарки рафтани бозор мекунам

**481**
Айби ҷаҳони фонӣ аз айби мо фузун аст,
Бо кулли айб, ки дорад ,дар оқибат нагун аст.
Ошиқ ҳаменамояд андар нигоҳи моён,
Хасмии ӯ ба моён медон, ки дар дарун аст.
Ҳастем ёри рӯяш, ҷӯёи ҷустуҷӯяш,
Ҳам қошу чашму бӯяш ,ӯ лек сахт дун аст.
Ҳайфи ҷунунии мо, ки баҳри он ҷунунем,
Дар ишқи ин хароба дунё пур аз ҷунун аст.
Раҳме ба мо надорад ,сулҳу сало надорад,
Аз ҷисми мо-ш доим ,гӯӣ ,ғизо-ш хун аст.
Душман ба ҷадди ман буд , имрӯз хасми ман ӯст,

Ин хасмияш ба моён аз решаю зи бун аст.
Кӣ кист дар қиёмат, собит шавад ба рӯзе,
Зеро ки дар ҳамон рӯз санҷишу озмун аст.

**482**

Дӯш аз дасти паричеҳра гирифтам ҷоме,
Зуд омад ба дилам амнияту ороме.
Хом будам, зи маяш пухта шудам ҳамчу кабоб,
Бе майи ноби лабаш пухта нагардад хоме.
Кош, ҳар соату ҳар рӯзу маҳу соли дароз,
Бифиристад ба мани хуниҷигар пайғоме.
Ёд аз ман накунад , номи Худо, маҳв шавам,
Ҳаст аз хонаи ман толаби гӯрам гоме.
Чун расӣ бар саҳарат, фикри шаби тор бикун,
Баъди ҳар субҳи сабо боз биёяд шоме.
Ҷои ҳар як қадамат дидаю дониста бирав,
Ки ниҳон аст ба зери қадамат сад доме.
Ҳар қадар беш равӣ, ҳеҷ ба ҷое нарасӣ,
Гоми оғоз расад то қадами фарҷоме.
Қурби ман чанду чӣ миқдор бувад , бехабарам,
Кош, аз муштарӣ бар ман бирасад инъоме.

**483**

Ҷамолатро базеб аз меҳру моҳу ахтарон гӯям,
Мақоматро баланд аз ҳар чи дорад осмон, гӯям.
Ҷаҳони бекарон дар андаки ҳасти ту меғунҷад,
Туро садҳо карат аз бекарон ҳам бекарон гӯям.
Ҳама ҳарфи башар дар як каломат ҷой мегирад,
Намегардад забонам ,то туро ман безабон гӯям.
Зи мӯрон то ба филон ҳар яке бар худ макон доранд,
Туро, эй холиқи олам ,чӣ сон ман бемакон гӯям?
Набуд олам туат будӣ, набуд одам,туат будӣ,
Шавад нобуд ин ҳарду ,туро ман ҷовидон гӯям.

Набуд не ҷон дар дунё,набуд не Одаму Ҳавво,
Вале будӣ ту побарҷо ,туро манҷони ҷон гӯям.
Ба ташбеҳ карданат бар ину он аз ҷон ҳаметарсам,
Надорад ин ҷаҳон оне ,туро монанди он гӯям.
Туро-офардгори Ҷаннату Тубою нуру ҳур,
Худамро раҳсипори равзаи боғи ҷинон гӯям.

**484**
Қалби бемеҳру вафо аз хор ҳам хоротар аст,
Марди қонеъи гадо аз сад ғано доротар аст.
Қадри ашки ошиқон дар чашми ёри ошиқон
Аз тамоми обҳои ин ҷаҳон болотар аст.
Накҳати зулфони ошиқ дар машоми ошиқон,
Аз ҳама соро, ки дорад ин ҷаҳон соротар аст.
Вусъати дунёи ошиқ дар даруни синааш
Аз замину осмони бекарон паҳнотар аст.
Як садои «ҳу»-и ошиқ,ки зи ҷон берун кунад,
Аз ҳазорон сафҳаи заркорӣ ҳам хонотар аст.
Рӯди чашми ошиқон дар паҳнию паҳноварӣ,
Аз ҳама дарё,ки дорад ин замин дарётар аст.
Н-омиле,ки ҷои гуфтораш ҳамедонад накӯ,
Аз ҳамон омил, ки бошад ҳарзагӯ, донотар аст.

**485**
Бахти оне,ки дилаш ҳаст басо нуронӣ
Сухан оғоз кунад бо сухани яздонӣ
Нест дар мазҳаби мо вожаи тамсил раво
Нест ҳам ҷои шаку як сухани пинҳонӣ
Ин ҷаҳон гарчи баландии фаровон дорад
Дар ҷаҳон аз ҳама болост фари инсонӣ
Фитна гар рушд кунад аз гили доноии мо
Бипазирам ба ҳама ҳастии худ нодонӣ
Дар ҳама баҳру бару чор тараф ҳайвон ҳаст

Бас магар нест ҳамин , боз ту ҳам ҳайвонӣ?
Ҳарки бояд ба куҷо рафтани худ фаҳм кунад
Сахтҳолест бари ҳар нафаре ҳайронӣ
Каси озод таманно бикунад тахти баланд
Зор бошад ба гадоӣ нафари зиндонӣ
Ман надидам нафареро ,ки нанолида бимурд
Ҳамагон мераванд аз дорифано армонӣ
Ҳарки инҷо чӣ касе ҳасту дар онҷо чӣ кас аст?
Мо чӣ донам ,ҳар оне,ки ту худ медонӣ?

**486**
Онрӯз мабодам ,ки зи ҳақ бехабар шавам
Ё дар нуюши ҳарфи худованд кар шавам
Ман дарди ҷони хеш табобат кунам ба ишқ
Асло мабод ин,ки ба кас дарди сар шавам
Ишқ аст ки ҷонам бикунад ҳифз аз адӯ
Эй кош ,набошад,ки яке бесипар шавам
Фарёдам агар гӯши самовот бишнавад
Дар мамлакати ишқяке тоҷвар шавам
Дидан агар ки касб намоям ба чашми дил
Андар шумори мардуми саҳибназар шавам
Номам зи лавҳи хотири мардум зудуда бод
Дар умри хеш бар нафаре гар хатар шавам
Рӯзе,ки расад доднӯюшам ба доди ман
Мансӯх шавад зерии ман ,дар забар шавам

**487**
Сирри ду ҷаҳон дар дилам ар хоҳӣ, биёбӣ,
Бояд ки чу ман рӯзу шабон ёр бикобӣ.
Бедор ба олам нигарӣ бо назари дил,
Бе нақшаи фардо,ки: Чӣ месозӣ, нахобӣ.
Имрӯз агар кайф кунӣ аз ҳақи мардум,
Фардо ,ба яқин ,дар ситаму ҷабру азобӣ.

Дидам-т ба як рӯз,ки менолӣ чу булбул,
Гуфтам,ки туҳам ҳамчу манат сахт кабобӣ?
Дар хона надорӣ агарат парчаи ноне,
Дорандаи садҳо қадаҳу ҷому шаробӣ.
Дидам,ки ба дастат вараҷе ҳасту китобе,
Гуфтам,ки: Туҳам ҳамчу манат ёри китобӣ.
Мо-ҳар ду ба он ҷо, ки Худо ҳаст, равонем,
Парво макун аз он, ки дар ин даҳр натобӣ .
Эй покниҳоде, ки дилат бастаи Мавлост,
Ҳам поксиришт астию бе ҷурму маобӣ.

**488**

Зи дастам токи ҷон дорам,майю соғар набигзорам
Гуноҳи кардаам дар гардани довар набигзорам
Гунаҳ кард Одаму ӯро худо аз хулд берун кард
Чӣ кас ҳастам ,ки ман дар зери пояш сар
набигзорам?
Ба поён чун расад судам,магу асло ки:мавҷудам
Дарахти умрро то зиндаам,бебар набигзорам
Касе мӯҳтоҷи ман бошад ,ба наздам чун биёяд ӯ
Ба сад навбат агар ояд,буруни дар набигзорам
Ҳар ончи ҳаст дар дунё ,барӯзе куҳна хоҳад шуд
Худо гӯяд: «Ягон навро абад оҳар набигзорам»
Ҳама некони ин дунё сазовори сано ҳастанд
Вале гушвораи тилло ба гӯши хар набигзорам

**489**

Ба дарё бингарам, дар он шитоби хеш мебинам,
Ба оташ бингарам, қалби кабоби хеш мебинам.
Агар як ҷуръае бар соиле бо дасти худ бахшам,
Ба ҳар як қатраи он сад савоби хеш мебинам.
Китоберо ҳамемонад саропои ҳаёти ман,

Ба ҳар як сафҳааш ҳарфи китоби хеш мебинам.
Агар бинам,ки ранҷӯре зи дарди сахт менолад,
Ба ҳар як нолааш дарду азоби хеш мебинам.
Ба дасти ҳар касе бинам майи ангур, аз ман нест,
Вале дар мастии бе май шароби хеш мебинам.
Агар довар ба пурсишҳо ҷавоби рост мегӯяд,
Ба ҳар як аз ҷавоби ӯ ҷавоби хеш мебинам.
Асои пирӣ дар дастам, агар бинам ҷавонеро,
Ба қадду басти ин барно шабоби хеш мебинам.
Агар бар дӯзах андозад маро Яздон ,на айби ӯст,
Ҳама инро ман аз ҷурму маоби хеш мебинам.
Ба бедорӣ надидам сояи боли ҳумоюнро,
Туро ,эй мурғи некӯпай,ба хоби хеш мебинам.

**490**

Дар ёди ту дар дӯзахи дунё ба биҳиштам
Як донае ҷуз донаи меҳри ту накиштам
Шеърам ҳама дар васфи тую салтанати туст
Бо хуни дилам номи ту дар сафҳа навиштам
Имрӯз, ки дар рӯи замин раҳсипарам ман
Фардои дигар чун нигарӣ ,дар бари хиштам
Бо қофилаи умр равонам чу дигарҳо
Он рӯз мабодам ,ки пур аз ҷурмаму зиштам
Дар хобу ба бедорӣ ба сӯи ту равонам
Аз туст дар ин даҳри ду-серӯза сириштам
Кошо ,ба забон вожаи «тавҳид» бимирам
Ислом наҳастам ,чу бубинӣ ба куништам(1,,)
(куништ-ибодатхонаи яҳудиён)

**491**

Аввалу поён дорад умри мо,
Ашки дар миҷгон дорад умри мо.
Гоҳ-гоҳе ҳамчу ақраб мегазад,

Гӯиё дандон дорад умри мо.
Гиряҳо дорад чу марди сӯгвор,
Ҳам рухи хандон дорад умри мо.
Умри мо бе ҷони мо гоме нарафт,
Раҳбаре чун ҷон дорад умри мо.
Мунтаҳои хешро то он ки ҳаст,
Аз манаш пинҳон дорад умри мо
Ҳам зи ангишти сиёҳу симу зар
Дар заминаш кон дорад умри мо.
Умри мо беҷон агар мебуд, набуд,
Ҳамчу моҳаш ҷон дорад умри мо.

**492**
Ҳар кӣ дорад дар дилаш ҷононае,
Дар мисоли санг, ё дурдонае.
Парвариши ҷон ҳамебояд намуд,
Парвариши тан наарзад донае.
Дар дили мо ишқ соҳибхона аст,
Боядо бе ишқ набвад хонае.
Зодаи модар-замин бошад ҳама,
Ё ба ҳам хешанд, ё бегонае.
Одаму н-одамгарии ҳеҷ кас,
Сабт набвад дар ягон пешонае.
Мӯи ҷонро шона мебояд намуд,
Ҳайфи он ҷон,ки надорад шонае.
Ҳар кӣ дорад ҷои зисти хешро,
Ёки дар қаср аст ,ё вайронае.
Бодаи ноби вафои ишқ нӯш,
Ё шикан сад ҷому сад паймонае.

**493**
Тарки бадӣ карданат некигарист,
Аз бадон бигрехтан одамгарист.

Ҷомаи фарсудаи поку тамиз
Беҳ зи нопоки касифи оҳарист.
Гӯш нокардан ба панди носеҳон
Одамиятро нишони бесарист.
Баъди ҳар як бад, агар бозаш кунад,
Ин хавоси одамӣ не ,бал харист.
Одамӣ дорад агар хулқи накӯ,
Дар тафовут беҳтар аз ҳуру парист.
Мӯйро аз мӯҷудо Ҳақ мекунад,
Сархати кори ҷаҳон-ин доварист.
Он чи бирҳонад туро аз яъсу шак,
Дар ҳама умри равонат боварист.

**494**
Нест аз дарду ғамат роҳи раҳо
Эй ту рӯҳан дар ману ҷисман ҷудо
Баҳри сӯхтан офаридиҷони ман
Мушкилат набвад агар ,боре биё
То нагардад об дил аз сӯзи ту
Кай биёбад гавҳари якдонаро?
Хонаи дил байтулоташ кардаӣ
Ё биё,ёчаппа кун ин хонаро
Оташи ишқи ту месӯзад дилам
Дидаам монанди худ парвонаро
Гӯш бар амрам намесозад дилам
Ман чӣ созам ин дили девонаро ?
Бо ту будам ,бо ту ҳастам то абад
Ман чӣ созам сад дигар бегонаро
(байтулоташ-хонаи оташ)

**495**
Шом бо субҳи сабо пайвастааст,
Дард моро бо Худо пайвастааст.

Аз замин то арши аъло ҳаст роҳ,
Тахти шоҳӣ бар гадо пайвастааст.
Дар фарози мо бувад ҳафт осмон,
Ин само бо он само пайвастааст.
Луқмаи нони даҳони мою ту
Бар ду санги осиё пайвастааст.
Ҳар каломи неку бад дар коми мо
Ҳаст ово ,бар ҳаво пайвастааст.
Ҳарфҳо бе иртиботе нестанд,
Вожаи «ҷамъ» бар «ҷудо» пайвастааст.
Аз дили мо то ба қалби ёри мо,
Риштаи меҳру вафо пайвастааст.

**496**

Ҳар чизе дар ҳарду олам ҳаст ,дар афкори Ӯст.
«Боз меоӣ ба сӯям ,одамо !» гуфтори Ӯст.
Дар пасат бигзаштаю дар пеши рӯ оянда аст
Мерасӣ оё ба он оянда ё на,кори Ӯст
Душмани ӯҳаст ,ҳар оне ,ки нашносад варо
Онки ӯро мешиносад ,дар ду олам ёри Ӯст
Дар масал савдогарони ҷисму ҷон ҳастем мо
Хулқу хӯи неки мо ,ин равнақи бозори Ӯст
Онкӣ дар хоби гарон афтод ,бо ӯ нест ӯ
Ҳар касе бедор бошад дар ҷаҳон ,бедори Ӯст
Неккорон бар биҳишти ҷовидонаш меравaнд
Онки бадкирдор бошад ,оқибат дар нори Ӯст

**497**

Пари парвона шабеҳ аст ба боли дили мо,
Ҳаст ҳоли дили садпора чу ҳоли дили мо.
Ин ҷаҳон пиразане ҳаст ,вале аз чӣ сабаб
Тобад андар дили мо ҳур, на золи дили мо.
Заҳри пирию заифӣ ,ки кунун соғари мост,

Кас набинад ба яке пирию доли дили мо.
Меҳри қорунсифатон ҳаст ба амволи ҷаҳон,
Ҳаст ,эй шоҳи ҷаҳон ,ишқи ту моли дили мо.
Нони беобилаи даст ҳаром ҳасту ҳаром,
Ҳосили обилаи даст ҳалоли дили мо.
Ранҷаи мо ҳама аз мардуми пуркина бувад,
Нест аз мардуми бекина малоли дили мо.
Гарчи имрӯз ба мо фасли хазонрези тан аст,
Ҳаст дар нашъунамо сабзии ҳоли дили мо.
Санги мизони ҳама ганҷи ҷаҳон нест яке,
Ҳаст аз ҳарфи Ҳудо ҷоҳу ҷалоли дили мо.

**498**
Набзи дунёро набишносӣ агар,
Мекунад набзи дилат зеру забар.
Мо-ҳама фарзанди ин дунёстем,
Ӯ ба мо ҳам мом бошад ,ҳам падар.
Зери қонунаш ҳама бояд бувад
Ҳаст ҳам бедодгар ,ҳам додгар.
Мешиносӣ,ё набишносӣ варо,
Ҳаст аз ту ҳар куҷо ӯ бохабар.
Ӯ фарогири ҳама ҷисм асту ҷон,
Бош дар ҷону дилат оинагар.
Аз бади он ҳаст танҳо як силоҳ,
Фаҳму идроку хирад бошад сипар.
Ҳаст дар шарёни мо хунаш равон
Ҳаст дар шарёни ӯ хуни башар.
Мо-ҳама дар хонаҳои хештан,
Ҳаст ӯ дар ҳар куҷо –дар баҳру бар.

**499**
Оинаи рози ду ҷаҳон аст дили мо,
Сар то ба қадам шарҳу баён аст дили мо.

Бо хешу ба бегона дар ин хонаи дунё
Бекинаю бе бухсу зиён аст дили мо.
Бо чашми ҳақиқат ҳамаро нек бубинад,
Дар ҷодаи соҳибназарон аст дили мо.
Мавқеи сухан ар набувад,сахт хамӯш аст,
Дар ҷои сухан теззабон аст дилил мо.
Дар чор рақам ҳаст агар мавсими як сол,
Бе фасли хазонрези хазон аст дили мо.
Бар қомати хамгаштаи мо кор надорад,
Дар пирии мо низ ҷавон аст дили мо.
Олам ҳама гар сӯи муқобил бихиромад,
Бар сӯи ҳамон ёр равон аст дили мо.
Дар луғати он вожаи фаҳшою даго нест,
Сад шукри Худ, покдаҳон аст дили мо.

500
Зи хокам ишқ берунам биёрад
Хабар аз зоти Бечунам биёрад
Хабар аз дору Мансӯри аналҳақ
Ҳам аз Лайлию Маҷнунам биёрад
Сиришки ҳамчу дарёҳо равонам
Зи чашмони чу Ҷайҳунам биёрад
Абири мушки ишқолудаи ман
Гулоби ишқдар хунам биёрад
Мудомам аз шароби ишқмастам
Зи соқӣ лаъли майгунам биёрад
Зи номи он ки номаш накди ҷон аст
Дуруд аз чархи гардунам биёрад

**501**
То ба иксири сухан дард даво месозам
Шод ҳастам,ки ҳама баҳри худомесозам
Дили вайрони касе,рафту ,иморат бикунам

Беҳ аз он ҳаст ,ки ман Каъба бино месозам
Дили ман орӣ зи зулмоту бурудат бошад
Бо дили гарм зи шаб субҳу сабо месозам
Кӯркӯрона набандам ба касе аҳду вафо
Аҳд бандам агарам ,хуб вафо месозам
Эзид аз баҳри хатокорӣ наофард маро
Ба худо банда наҳастам ,ки хато месозам
Покзистан ба ҷаҳон неъмати яздонии мост
Покро аз ҳама нопок ҷудо месозам

**501**
Гиребони қалам чун чок созам,ҳарф мегӯяд,
Ба рӯи сафҳа гар бо ӯ бисозам , ҳарф мегӯяд.
Ба саҳни зиндагӣ мо-ҳарду чун бозигаре ҳастем,
Чу бозигар агар бо ӯ бибозам, ҳарф мегӯяд.
Ман ӯро мешиносам,ӯ маро ҳам хуб медонад,
Ба мисли роздон аз сирру розам ҳарф мегӯяд.
Зи оғозам хабар дорад,азеро гуфтамаш инро,
Аз ин рӯ аз раҳи дуру дарозам ,ҳарф мегӯяд.
Зи виҷдону зи имонам ,зи ҳар пайдою пинҳонам,
Ҳам аз савму закоту аз намозам ҳарф мегӯяд.
Умеду тарс ҳарду кадхудо ҳастанд дар ҷонам,
Қалам ҳам аз умеду аз арозам ҳарф мегӯяд.
Агар пӯшидаилҳомам ,қалам ҳам лолу хомӯш аст,
Ба рӯи дӯстон аз қалби бозам ҳарф мегӯяд.
Либоси шеъри ман аз риштаи арзу ниёзам ҳаст,
Ба даргоҳи Худоям аз ниёзам ҳарф мегӯяд.

**502**
Бишунав замзамаи мурғи кабоби дили ман,
Бинигар сӯи туат ҷаҳду шитоби дили ман.
Лавҳи маҳфузи туро ҳеҷ надонам ба куҷост,
Ту бихон сар ба сари ҳарфи китоби дили ман.

Олам ар титу пароканда шавад,ҷамъ туӣ,
Фаҳм кун ҳоли парешону хароби дили ман.
Ранҷу озори дилам баҳри худам нест ,ки нест,
Ҳаст аз боиси ту кулли азоби дили ман.
Аз ту гар канда шавам,қаъри сақар ҷои ман аст,
Ҳаст пайваста ба ту кулли азоби дили ман.
Оби шармандагӣ дар ҷӯи башар нест ба кам,
Мадар он аз раҳи бадбинӣ ҳиҷоби дили ман.
Ҳар қадар об,ки дорад дилам,аз ишқи ту ҳаст,
Эй Худо,ҳеҷ макун хушк сароби дили ман.
Ғофил ар дил бишавад,зуд инобат бикунад,
Сабт манмо,малаки шарр,маоби дили ман.

**503**

Банди эҳсосам бувад ҳар накҳати сорои ишқ,
Об месозад диламро сахтии хорои ишқ.
Дафтари ашъори дилро гар варақгардон кунам,
Рӯи дунёро мусаххар мекунад овои ишқ.
Ишқ чун дарё ба сӯӣ оби баҳраш меравад,
Хушкиро асло надонад маҷраи дарёи ишқ.
Ишқ эҳсосоти аз ҳар чи баланди одамист,
Аз тамоми қуллаҳо боло бувад болои ишқ.
Ҳар касе бо ҳар чизе мухтор ошиқ мешавад,
Нест як одам,ки набвад дар сараш савдои ишқ.
Ишқ агар бар моли дунё нею бар зоти Худост,
Кӯр манмо,эй Худо,ин дидаи бинои ишқ.
Рукни ҳар савму салотам ишқи он ҷонона аст,
Саҷда меорам ба панҷ авқот андар пои ишқ.
Дар ниҳоят маънии ишқи дилам дарёфтам:
«Сӯхтан ҳам сӯхтан будаст»-дар маънои ишқ!

**504**

Ишқи хуношоми ман амну амонам бурдааст,
Ӯ маро аз ман ба ёди дилситонам бурдааст.
Пеш аз муҳлат ба пирӣ рӯ ба рӯ гардидаам,
Ё магар ҳамроҳи дил вақту замонам бурдааст?
Ғайри номи он накӯноме,ки ёри ӯстам,
Кулли алфози забонам аз забонам бурдааст.
Ман ба номи ӯ даҳону ком сохтам, ширин
Лаззати қанду асалро аз даҳонам бурдааст.
Мешавад гоҳо,ки шавқи марг меояд ба сар,
То худам бисмил нагардонам,камонам бурдааст.
Чун бубинӣ,ки дигар аз ҷо намеҷумбам ба ҳеҷ
Дон,ки акнун аз танам якбора ҷонам бурдааст.

**505**
Берун шудам аз хеш ба уммеди рӯӣ ту
Бошад,ки ба фирдавси ту нӯшам зи ҷӯи ту
Ёри ту нест,он ки барои ту маст нест
Он бодаи ҷонбахш бувад дар сабӯи ту
Дарбанди ту бошам агарам-растагор ман
Печида кунам хеш ба ҳар тори мӯи ту
Бо оби лутфи хеш дилам шустушӯ бикун
То пок шавад ҷонам аз он шустушӯи ту
Амри ту ба ман ҳаст,ки ҷӯё бувам туро
То ҷон ба танам ҳаст,кунам ҷустуҷӯи ту

**506**
Бемаънӣ нагӯяд суханеро забони мо,
К-аз хуни ҷигар ҳаст каломy баёни мо.
Дар қофилаи маънӣ ба ғорат нарафтаем
Дар дасти ҳамон қофилакаш буд инони мо.
Суду зиёни ҳарф ба мизон чу баркашам
Аз гавҳари холис шавад пур мизони мо!
Бо хуни ишқу маънӣ дилам кор мекунад,

Аз хишти ин ду тарҳ ниҳоданд ҷони мо.
Моро дахан танҳо бари хӯрду хӯрок нест,
Холӣ наяст аз сухани ҳақ даҳони мо
Ғофил наям зи санҷиши айёми бозхост
Дар пеш ҳаст рӯзи ҷазо имтиҳони мо.
Ҳар кас ба ҷизе ҷону танаш ҳифз мекунад,
Дар дасти мост хомаи мо чун синони мо.

**507**
Ишқ андар пардаи номус пайдо мешавад,
Қатра-қатра ҷамъ меояд,чу дарё мешавад.
Аз маводи қалбу ҷону дину имон ҳаст он,
Баъди чандин ҷонсипарданҳо тавоно мешавад.
Дар бадан дигар намеғунҷад,қабо дармедарад,
Узв узваш нолаю аҷзу таманно мешавад.
Қолабашро пир месозад ба ҳар як сӯзи худ,
Лек худ ҳар рӯз аз нав хубу барно мешавад.
Нағмапардозӣ кунад аз андалебон хубтар,
Дар машомаш бӯи мушку атру соро мешавад.
Баъди чандин зорнолиҳою шабҳои фироқ,
Аз шабистони фироқаш бар таҷалло мешавад.
Баъди он ки оламеро сар ба сар тасхир кард,
Чун Халилӣ,алҳақо,мақбули Мавло мешавад.

**508**
Рӯзӣ нахусти умрам торафт дур гардад,
Паймонааш ба завқам ҷоми булӯр гардад.
Аз кӣ дигар бинолам,овои нолаам нест,
Бошад,ки дар дили ман ҳодӣ сабур гардад.
Аблаҳ наметавонад бинад қаноати ман,
Бо ҳирси хонасӯзаш бошад,ки кӯр гардад.
Барги дарахти умрам ҳар рӯз мебиафтад,
Ҳар лаҳза сахтии он монанди мӯр гардад.

Таскини ҷон «шукр»аст,шоҳи забон «шукр»аст,
Ҳар як такаллуми он дар қалб нур гардад.
Ҳар байти дафтари ман монанди ахтаре ҳаст,
Эй кош, байти сонӣ монанди ҳур гардад.
Асло магӯ ай одам, явмулҳисоб кизб аст.
Он чи ки нест ҳоло,фардо зуҳур гардад
«Дар ин ҷаҳон кабобам ,тамъи намак надорад,
Дар шӯри он қиёмат,бошад ки,шӯр гардад».

**509**
Лайлатулқадри дилам аз нури имон кардаам
Хешро бо нури ақлу фаҳм инсон кардаам
То нагардад хушк мазрои дилам аз бенамӣ
Аз саҳоби дидагони хеш борон кардаам
Фаҳм чун кардам,ки кори кардаам мақбул нест
Ман надоматпанҷаамро зери дандон кардаам
Ҳаркӣ пеш омад,набастам риштаи аҳдам ба ӯ
Хуб санҷидам,аз он пас аҳду паймон кардаам
Аз ҷавонӣ то ба пирӣ садҳазоронборҳо
Гӯш бар панду насиҳатҳои пирон кардаам
Дар ҳама умри равони хештан дар зиндагӣ
Ман фақат фармудаҳои зоти яздон кардаам
Нафратам ояд ба онҳое, ки иффат нестанд
Офарин бар иффати ҳар покдомон кардаам
Бе алови синаҳо дилҳои хоро об нест
Худ гиристам ,токи як гиряндахандон кардаам
Қоилам бар ҳар қусури хештан дар зиндагӣ
Айби айбиро зи чашми халқ пинҳон кардаам
Нек медонам,ки роҳи соликон осон наҳаст
То тавонистам ,раҳи оянда осон кардаам
Ман ба рӯи саҷдагоҳи хеш мебинам «фано»
Иқтидо дар ҳар намози худ ба Қуръон кардаам

Дар хаёли худ ,Халилӣ ,ҳар гаҳе ғарқидаам
Ман сафар бар дуриҳои дури кайҳон кардаам

**510**

Бо басири дил бубинам талъати рӯи туро,
Саҷдагаҳ донам ба ҷонам тоқи абрӯи туро.
Мунфаил ҳастанд ҳам Хуршеду Маҳ аз ҳусни ту,
Тира аз сад шом гӯям шаддаи мӯи туро.
Ҳаст монандӣ миёни ину он дар ин ҷаҳон,
Ҳамрадифи ашки худ гӯям равонҷӯи туро.
Фахр месозанд гулҳои чаман бо бӯи хеш,
Дар ҳазорон гул надидам зарраи бӯи туро.
Моҳҷӯён баҳри фатҳи маҳ ба он ҷо мераванд,
Дар замину осмон ҷӯям фақат кӯи туро.
Хавф дорам аз мизони саҳнаи рӯзи ҷазо,
Вазн месозам ба ҷон санги тарозӯи туро.
Ман ба ҷони хештан некӯкасон мепарварам,
Мекунам озод аз сайёд оҳуи туро.
Маънии ҳарфи «алиф»-и номи ту аз ростист,
Гӯш медорам ба ҷон ҳарфи сухангӯи туро.

**511**

Зиндагӣ пероҳанаш ҳар рӯз дигар мекунад
Куҳнапӯшӣ мекунад гоҳею оҳар мекунад
Ғарқ месозад яке дар қурдуми дарёи худ
Дигареро чун самак некӯшиновар мекунад
Он якеро ном мемонад «ситамкаш» дар ҷаҳон
Дигареро бар ҳама мардум ситамгар мекунад
Эътимодаш кам бувад бар мардумони ростин
Беш бар маккору бар қаллоб бовар мекунад
Моли якро мекунад аз моли Қорун ҳам фузун
Дигареро соили сад кӯю сад дар мекунад
Мо-ҳама якҷоягӣ бояд ҳамин пурсем аз ӯ:

«Хешро аз баҳри мардум кай баробар мекунад»?

**512**

Ошиқи мадҳӯшро парвои дунё нест,нест
Дар нигоҳи ӯ замин дар зери поҳо нест,нест
Мепарад бе бол дар ҳафт осмони коинот
То ба ҳадде ки дигар гардуни боло нест,нест
Он қадар зебо ҳаметобад ба чашмонаш худаш
Мисли ӯ, гӯӣ ки ,дигар ҳеҷ зебо нест,нест
Онқадр барно ҳамебинад худашро ,ки чу ӯ
Гӯиё дар рӯи олам ҳеҷ барно нест,нест
Дар нигоҳи ҳаркӣ пайдо ҳаст дар рӯи замин
Дар нигоҳи хеш аммо ҳеҷ пайдо нест,нест
Дар кадом дунёст ӯ ,ҷуз ӯ намедонад касе
Ҳаст маълум ин ки ӯ бе сӯзи Лайло нест,нест

**513**

Ғамгусоро ,дар ду олам ошно ҳастам ба ту
Ҳамчу булбул дар гулистон ҳамнаво ҳастам ба ту
Мою ту як байти ашъорем дар дунёи фаҳм
Дар ҳама ашоъру шеърам ҳамсадо ҳастам ба ту
То кунун дар рушд будам аз лиҳози бандагӣ
Боз ҳам дар рушду дар нашъӯнамо ҳастам ба ту
Дар хаёлат банд агар бошам,магӯ танҳостам
Дар замину зери обу дар само ҳастам ба ту
Дар ҳама умри равони хеш танҳо нестм
Аз нахустин гоми худ то мунтаҳо ҳастам ба ту

**514**

Ин ҷаҳондонии мо аз фаҳму аз идроки мост
Шӯълаи дандони мо аз ҷилваи мисвоки мост
Онки даъво мекунад дар фаҳми ҳар буду набуд
Ҳамчу он сайде,ки бисмил аст,дар фитроки мост

Гарчи худ аз ҷо намеҷунбем аз беқувватӣ
Дар фарози ҳафт гардун ин дили бебоки мост
Онки меҷӯем мо дар шаш канори ин замин
Нест пулу моли дунё ,дилбари чолоки мост
Осмонро рабби мо аз баҳри мо офардааст
Шамси оламтоб ҳам дар гунбади афлоки мост
Мо ҷудо аз ҳам набудему наҳастем аз азал
Мо зи хоки хок мебошему хок аз хоки мост
Эй ту, чашми ман,макун даъвӣ ба дурбинӣ дигар
Дидаҳоят аз шикофи синаи садчоки мост
Баъди нобудии мо гавҳар ба гардун меравад
Ончи мемонад ба рӯи ин замин ,хошоки мост

**515**
Нест моро ба ҷуз аз ёр таманнои дигар
Дар дили хеш биҷӯем-ш ,на дар ҷои дигар
Ғам аз ин беш ,ки мо ҳамл намудем ,наҳаст
Бошад оё ки аз ин беш ба дунёи дигар ?
Ҳамчу Маҷунун биравам хайма ба саҳро бизанам
Токи сӯзам набувад дар тафи саҳрои дигар
Қисматам ваъдаи беҳбудии ҳолам мекард
Ёки буд дар суханаш мақсаду маънои дигар?
Лаббалаб қишри сарам аз тую савдои ту ҳаст
Нест дар мағи сарам ҷой ба саводои дигар
Ҳама бинандакасон пурсиши ҳолам накунанд
Бошад оё ба ҷаҳон як каси бинои дигар
Сахтиро ою ба чашмони сари хеш бубин
Нест ин сахтӣ на дар оҳану хорои дигар
Бӯи уммед ,ки дар шомаи мо маскунаст
Нест дар анбару дар мушку ба сорои дигар

**516**
Муборакбод мегӯям тулуи ҳар баҳореро,

Дилам гул мекунад,бинам агар ,ҳар гулъузореро.
Ман аз дунёи пирӣ меравам бар олами тифлӣ,
Ба ҳар боре ки бинам ,кӯдаки дар най савореро.
Тассавур мекунам фарёди Мансури «аналҳақ»-гӯ,
Ба чашми хеш бинам ҳар кучо гар чӯби дореро.
Чу бинам чашмае, гӯям:Замин ҳам ҳамчу мо гиряд,
Муқаддас мешуморам чашмаю ҳар чашмасореро.
Бубинам ҳар киро,ки дур аз карруфаре бошад,
Яқин дорам, ки дидам хоксори шаҳсуворeро.
Умед аз дил равад гар ,зиндагӣ бемаънӣ мегардад,
Баробар кун, Худоё,кори ҳар уммедвореро.
Дили пурсӯзи худро бо нигоҳи сӯз мебинам,
Ба ҳар кунчу канори даҳр бинам лолазореро.
Ғамам камтар шавад аз дасти ин дунёи ғамборам,
Агар пайдо кунам аз баҳри худ як ғамгусореро.
Ғурури мардиро дар мардумони пок мечӯям,
Баланд аз ҳар чи медонам ғурури хоксореро.
Ниёзе ҳаст ҳар касро, Халилӣ ,то чаҳон боқист,
Ба дасти чон бигирам чони ҳар як бемадореро.

**517**

Фидои ёрро хобаш набошад
Чизи бекорае бобаш набошад
Наметарсад зи садҳо баҳру дарё
Фарохи баҳр гирдобаш набошад
Ҳаронки ёри ӯ бошад, фароғат
На дар пиру на дар шобаш набошад
Ҳар он кас,ки Расулуллоҳ бидидаст
Чӣ кас бошад ,ки асҳобаш набошад?
Замин аз зери по берун равад буд
Агар ки ёру аҳбобаш набошад
Нагардад чарху санги осиёе
Агар ки новаю обаш набошад

Намесӯзад ягон дил то қиёмат
Агар ки дилбари бобаш набошад
(шоб-ҷавон,)

**518**
Ишқи ман машшотаи ҷони ман аст
Ҷони ман қурбони яздони ман аст
Ончи манро ҳифз месозад зи бад
Бар худои хеш имони ман аст
Узв узвамро фаро бигрифта он
Дар нигоҳам нест, пинҳони ман
Барфу борон ҳаст ашки осмон
Оби чашмам барфу борони ман аст
«Вар надорӣ нон ,лутфе боядад» (1,,)
Ҳар каломам зиннати хони ман аст
Риштае,ки ҳеҷ бояд нагсалад
То қиёмат аҳду паймони ман аст
Дар биёбоне ,ки обаш оташ аст
Сахтии имрӯз осони ман аст

**519**
То худ ба онҷо рафтанат, аввал фиристо молро
Дорӣ раҳи бас мушкиле,машкан дар ин ҷо болро
Ин ҷо агар сахтӣ бувад ,тоқат бикун бар сахтиҳо
То ин ки чун он ҷо равӣ,осон бисозӣ ҳолро
Хоҳӣ ,ки борат кам бувад дар маҳшари рӯзи ҷазо
Камтар бикун дар ин ҷаҳон моли гарон-амволро
Халхол зеби ёри туст,дар пои ту зебанда нест
Дар пои он сарви сиҳӣ наззора кун халхолро
Бар қомати шамшоди худ ,к-имрӯз менозӣ ба он
Умрат агар боқӣ бувад ,як рӯз бинӣ долро
Илм аст : «Будан дар ҷаҳон ,аммо набудам ҷовидон»

Таълими ин фан медиҳанд аз ибтидо атфолро
Роҳи наҷоти мою ту дар дасти ман,дар дасти туст
Некӯ кунам аъмоли худ ,некӯ бикун аъмолро

**520**
Дар мабанд аз баддилӣ бар рӯи мардум, дар кушо,
То нависӣ баҳри пасояндагон ,дафтар кушо.
Дар даруни хона фарқи чор фасли сол нест,
Шав бурун аз чордевораш ,ба берун пар кушо.
Меравад лайлу наҳори умри мо бе майли мо,
Роҳи умри хешро чун Шед аз Ховар кушо.
Қулфаки хумро кушоюю май аз он берун бикаш,
Укдаҳои бастаи дил аз майи соғар кушо.
Ёр агар дар парда бошад ,ки натобад рӯи ӯ,
Рав ба он чо,боматонат пардаю чодар кушо.
«Мор берун мешвад бо лафзи хуб аз хонааш»,
Бо калиди лафзи зебо қуфли гӯши кар кушо.
Чашмоҳои мо барои некбинӣ додаанд ,
Чашми некӯбингарӣ бар сӯи баҳру бар кушо.
Боварат набвад агар бар ҳасти дунёи дигар,
Хешро бар ҷои хар банду таноби хар кушо

## ДАР СӯГВОРИИ бобои САХИИ БЕГМУҲАММАД

Маҳзани ҷуду саховат буд ӯ, аз мо бирафт,
Ҷавҳари сидку садокат буд ӯ, аз мо бирафт.
Модараш номи накӯяшро Сахӣ бинҳода буд,
Як сахии пурадолат буд ӯ, аз мо бирафт.
Сахтиҳои зиндагиро ӯ на камтар дида буд,
Ох,аҷаб пурсабру тоқат буд ӯ, аз мо бирафт.
Дар забонаш буд доим номи Оллоҳи ҷаҳон,

Шаҳпари зикру ибодат буд ӯ, аз мо бирафт.
Ҷанги Гирмонро чу шери нар ба поён карда буд,
Сар ба сар адлу адолат буд ӯ, аз мо бирафт.
Рафтаҳоро як ба як бо ном медонист ӯ,
Манбаи нақлу ривоят буд ӯ, аз мо бирафт.
Меҳтаронро ҳурмати беҳад зи ҷонаш менамуд,
Кеҳтаронро дар ҳимоят буд ӯ, аз мо бирафт.
Рӯзу шабҳо дар забонаш ҳарфи истиғфор буд,
Гӯиё пири тариқат буд ӯ, аз мо бирафт.
Худ бирафту номи покаш дар ҷаҳон поянда монд,
Чун Халилӣ пурмуҳаббат буд ӯ,аз мо бирафт.

## ТАН ДОДАМ

Ба дӯсти гиромиям Бахтиёр Раҳимов мебахшам.

Эй марди ҳунар, ба ҳимматат тан додам,
Бар халку Ватан ба хизматат тан додам.
Осон набувад ба рағми ғам пархошат,
Бар ғайрату сабру тоқатат тан додам.
Бо дарду ғамат ба рағми ғам меҷангӣ,
Бар разми тую ба хилқатат тан додам.
Дар номи ту исми Бахту Ёр аст баҳам,
Бар маънии номи қиматат тан додам.
То он ки яке ба ҳарфи худ хандонӣ,
Худ гиря кунӣ, ба гиряат тан додам.
Ҳотам ба саховати ту қоил бошад,
Бар ҷуди тую саховатат тан додам.
Сар то сари майҳанат туро медонад,
Бар номи баланду шуҳратат тан додам.
Одамгарию фаросатат сарвати туст,
Бар қомати ганҷу сарватат тан додам.
Мардон на ба хашмати бадан кор кунанд,
Бар ғайрату азму ҷуръатат тан додам.

Ободию ҳашмати Ватан мақсади туст,
Бар ҳашмати олиҳимматат тан додам.
« Ман ҳастии худ ба халқи худ бахшидам,»
Гӯӣ ту мудом, ба шафқатат тан додам.

## СИЛСИЛАШЕЪРҲОИ "ЗАНГИ ОХИРИН"

Чун туро,мактаб,чу ҷон дарёфтам,
Ҳамчу тайрон `ошён дарёфтам.
Дар паси ҳар партаат, эй мактабам,
Фаҳму идроки ҷаҳон дарёфтам.
Аз ҳама омӯзгорони ту ман
Боварию итминон дарёфтам.
То бидонам ин ки дар кӣ ҳаст кӣ,
Илми кашфи одамон дарёфтам.
Ман зи хар як дарси устодони худ
Покии қалбу забон дарёфтам.
Ман дар оғӯши басо тафсони ту,
Меҳри гарми модарон дарёфтам.
Кӯдакиям дар паси мизи ту монд,
Нак варо дар кӯдакон дарёфтам.
Қалбчокам,одамон, бовар кунед,
З-он ки занги охирон дарёфтам.

* * *

Мактабам, мебош доим дар амон,
То ки одам хасту арзу осмон.
Занги аввал пайки нусратбори туст,
Мерасад бар гӯш чун оби равон.
Занги охир аз ту дурам мекунад,
Кар шавам,то нашнавам овози он.
Занги аввал хаст "Бар сӯям биё, "

Хамчунонки хаст овои азон.
Занги охир аст "Аз ман дур шав,
Рав ба сӯи қуллаҳои ноаён»
Занги аввал дар ту воридам намуд,
Ҳамчу булбул дар ҳарими бӯстон
Занги вопас дар ба рӯи ман бибаст,
Монд сӯзат то абад дар мағзи ҷон.
Занги аввал буд гулханди лабам,
Занги охир ашк аз чашмам равон.
Бо садои ин ду зангат,мактабам,
Бош дар рӯи замин то ҷовидон.

* * *

Аз ту,мактаб,илму ирфон ёфтам,
Покии имону виҷдон ёфтам.
Дар мисоли ҷамъи ҳамсинфони худ,
Дӯстони беҳтар аз кон ёфтам.
Чашми ман бар зиндагӣ бикшода шуд,
Панд аз омӯзгорон ёфтам.
Ман зи хар як соати дарсат фузун
Огаҳӣ аз ину аз он ёфтам.
Оқибат бо самъи занги охират,
Дидаҳои хеш гирён ёфтам.

* * *

Занги аввал, тайри дар парвоз ту,
Мекунӣ бар рӯи мо дар боз ту.
Занги охир, интиҳои мактабӣ,
Ҳастӣ,эй занги нахуст, оғоз ту.
Занги охирро намехохад дилам,
Занги аввал, нағмаҳо месоз ту.
Занги охир аст сӯзи ҷони мо,
Занги аввал, бар ҳама дамсоз ту.

Занги вопас, ҷуғзи боми мо машав,
Занги аввал, ҳастӣ чун шаҳбоз ту.
Ноз дорам бо ту ман, эй мактабам,
Бо чу ман шогирди худ меноз ту.
Занги вопас,дур шав аз гӯши ман,
Занги аввал, дех ба ман овоз ту.

* * *

Аз ту, эй мактаб, ҷудоӣ хасми ҷонам мешавад
Хаҷри ту заҳри ҳалоҳил дар забонам мешавад.
Решапайванд аст номат дар забону ҷони ман,
Номи ту, то зиндаам, вирди забонам мешавад.
Сархати кулли калимоти забонам «мактаб» аст
Ҳарф дар харф ин сухан шарҳу баёнам мешавад.
Гарчи аз ту дур меафтам чу тайрони само,
Ёди ту ҳар ҷо ки бошам, ошёнам мешавад.
Кош, занги охират дар гӯшҳо пайдо набуд,
Самъи он дар гӯшҳо бори гаронам мешавад.
Дар паси ҳар партаат чун бод умри ман гузашт,
Панду андарзи ту ҳамчун обу донам мешавад.
Ҳамд мегӯям ба ҷон омӯзгорони туро,
То ки аз ҷисмам ҷудо рӯҳу равонам мешавад.